**Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Спитамен**
**(даъвати IV)**

# ҚАРОР

аз 18 августа соли 2011 №6-3 ш. Нов

**Дар бораи Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳияи Спитамен барои солҳои 2011- 2015.**

Мутобиқи моддаҳои 8 ва 9 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» ва бо мақсади амалӣ намудани Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳияи Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2015» Иҷлосияи VI-уми Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Спитамен (даъвати IV) қарор мекунад:

1. «Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳия барои солҳои 2011-2015» ва «Накшаи стратегии рушди инфрасохтори коммуналии ноҳия барои солҳои то 2015» бо назардошти таклифу иловақо тасдиқ карда шавад.
2. Ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия супорида шавад, ки амалигардонии Барнома ва Стратегияи мазкурро, аз ҳисоби малбағҳои ба ин мақсад пешбинигардидаи буҷети маҳаллӣ ва ҷалби маблағҳои молиявии аҳолӣ, соҳибкорони маҳаллӣ, грантҳо ва инвестисияҳои хориҷи, таъмин намояд.
3. Шӯрои амалисозии Барномаи рушди иҷтимои иқтисодии ноҳия барои солҳои 2011-2015 ва зергурӯҳҳо бахри амалӣ намудани «Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳия барои солҳои 2011-2015» ҳамаи имкониятҳоро вобаста ба соҳаҳо андешида дар ин самт қадамҳои устувор гузоранд.
4. Комиссияи доимоамалкунандаи Маҷлиси вакилони халқи ноҳия оид ба масъалаҳои ислоҳоти иқтисод ва буҷет вазифадор карда шавад, ки ҷиҳати амалигардонии Барнома ва Стратегияи мазкур, дар робита бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ҳангоми таҳия ва тасдиқи буҷети ноҳия то соли 2015 барои рушди ҳамаи соҳаҳои ноҳия маблағҳои заруририро пешбинӣ намояд.
5. Бахши тандурустии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия, шӯъбаи маорифи ноҳия, идораи хоҷагии оби ноҳия, соҳаи инфрасохтори коммуналии ноҳия ва ҷамоатҳои шаҳраку деҳот бахри амалишавии барномаҳои тарҳрезишуда лоиҳақои худро таҳия намуда, ба Шӯрои рушди ноҳия пешниҳод намоянд.
6. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи комиссия доимии Маҷлиси вакилони халқи ноқия оид ба масъалаҳои ислоҳоти иқтисодӣ ва буҷет гузошта шавад.

Раиси Маҷлис З. Узоқова

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии
ноҳияи Спитамени вилояти Суғд

# БАРНОМАИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ НОҲИЯИ СПИТАМЕН БАРОИ СОЛҲОИ 2011-2015

Душанбе - 2012

БАРНОМАИ РУШДИ
ИҚТИСОДИИ ДЕҲОТ
RURAL GROWTH PROGRAMME

Барнома бо дастгирӣ ва кӯмаки техникии Барномаи Рушди Деҳоти БРСММ, Агентии ҳамкориҳои байналмиллалии Олмон ва Департаменти рушди ҳамкориҳои байналмиллалии Британияи Кабир, таҳти сарпарастии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гаштааст.

## Сухани ифтитоҳии Раиси ноҳияи Спитамен

Ноҳияи Спитамен, номбардори қаҳрамони миллати тоҷик Спитамен буда, яке аз ноҳияҳои калонтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва манотиқи аз ҷиҳати иқтисодиву иҷтимоӣ пешрафтаи вилояти Суғд ва ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад. Дар тӯли 84 соли аз таъсиси ноҳия сипаришуда, мардуми шариф, меҳнаткаш ва матиниродаи ноҳия роҳи бунёдкориву тараққиётро бошарафона тай намудаанд. Онҳо шоҳид ва иштирокчии воқеаҳои инқилоб, барқарорсозии саноат ва хоҷагии қишлоқ дар солҳои баъди инқилоб ва солҳои баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ, бунёдкориву созандагии баъдиҷангӣ ва ниҳоят бадастоварандагони истиқлолияти ҷумҳурӣ ва пойдории он мебошанд. Сокинони ноҳия дар комёбиҳои меҳнатии вилояту ҷумҳуриамон саҳми беандозаи худро гузошта истодаанд.

Гузариш ба иқтисоди бозорӣ, таҳия ва иҷрои қонунҳои ҷадид, рӯй овардан ба низоми демократии идорӣ, ислоҳоти замин ва сохтори кишоварзӣ, боиси фаровонӣ дар бозори истеъмолӣ, рушди иқтисод, фарҳанг ва муҳимтар аз ҳама, боло рафтани ҳисси худшиносию худогоҳии аҳли ҷомеа гардид. Таъмини рушди босуботи иҷтимоию иқтисодии ноҳия, эҳёи инфрасохтори иқтисодию иҷтимоӣ, ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ, саноат, маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳифзи муҳити зистро тақозо менамояд. Рушди соҳаи саноати ноҳия ба соҳаи кишоварзӣ зич алоқаманд аст, зеро 72,2 фоизи истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба коркарди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ нигаронида шудааст. Дар шароити имрӯза раҳои аз бумбасти коммуникатсионрасидан ба истиқлолияти энергетикӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, таъмини бехатарии озуқаворӣ ва беҳтар намудани иқтидори содиротии кишвар, самтҳои афзалиятноки сиёсати давлат маҳсуб меёбад. Аз ин лиҳоз, васеъ намудани доираи фаъолияти корхонаҳои саноатии мавҷуда, таъсиси корхонаҳои нави истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир ва ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти тайёр аз ашёи хоми маҳаллӣ тақозои замон мебошад. Барои комёб шудан ба ин мақсадҳо, ба роҳ мондани сиёсати дурусти андозбандӣ, хароҷоти мақсадноки маблағҳои буҷетӣ ва рушди соҳаи пешбарандаи иқтисодиёт - соҳибкории хурду миёна, мувофиқи мақсад ва талаботи замон мебошад.

Вале сарфи назар аз ҳамаи ин, дар бисёр соҳаҳо мушкилотҳои гуногун мавҷуд ҳастанд, ки бо сабаби набудани маблағ дар ҳалли онҳо монеаҳо ба вуҷуд меоянд. Бинобар норасоӣ ва дар сатҳи кам истеҳсол шудани ашёи хом, фарсудашавии таҷҳизотҳои истеҳсолии асосӣ, қисмҳои эҳтиётӣ, норасоии барқ ва дигар омилҳо, айни замон корхонаҳои саноатии ноҳияи Спитамен бо иқтидори пурра фаъолият наменамоянд. Паст рафтани сатҳи истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ, ба болоравии нархи нуриҳои менералӣ, сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ, қисмҳои эҳтиётии техникаи кишоварзӣ, фарсудашавии техникаи кишоварзӣ ва дигар омилҳои ба ин соҳа зарур, вобаста мебошад.

Таҳияи «Барномаи Рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Спитамен барои солҳои 2011-2015»-ро дар рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия як иқдоми нек меҳисобам ва боварӣ дорам, ки Барномаи мазкур метавонад ҳамчун як дастурамал барои иҷроиши мақсадҳои дар боло овардашуда гардад. Чуноне, ки аз Барномаи рушди ноҳия бармеояд, барои амалӣ гардидани он, корҳои зиёдеро ба анҷом расонидан лозим аст. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Спитамен ба ҳалли ҳамаи ин мушкилотҳо аз рӯи имкониятҳои мавҷуда маблағ пайдо намуда, ҷиҳати амалӣ намудани мақсадҳои Барнома саҳми арзандаи худро хоҳад гузошт.

Дар баробари ин, аз ҳамаи созмонҳои дохиливу хориҷӣ ва соҳибкорону сармоягузорон хоҳиш менамоям, ки баҳри дар амал татбиқ намудани Барномаи мазкур саҳмгузорӣ намоянд. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Спитамен, барои ҳалли ҳар чӣ тезтар ва босамари ин мақсад ба ҳамкориҳои судманд омода мебошад.

Ободии ҷумҳуриамон аз ободии ҳар як деҳа, ҷамоат ва ноҳия оғоз мегардад. Дар доираи ин ҳадаф, ҳар яки мо бояд вазифаи ба зиммадоштаамонро содиқона иҷро намуда, маҳорату малакаи худро сарфи корҳои созандагиву ободкорӣ ва беҳбудии сатҳи зиндагии мардуми ноҳия, вилоят ва кишварамон намоем.

Ман ба мутахассисони Вазорати рушди иқтисод ва савдо, мушовирони миллии Барномаи Рушди Созмони Миллали Муттаҳид, ки дар доираи Барномаи «Рушди Иқтисодии Деҳот» дар вилояти Суғд фаъолият намуда, дар таҳияи ин Барномаи муҳим ва бамаврид, кӯмаки методӣ расониданд, миннатдории худро иброз менамоям.

Барои дар амал татбиқ намудани Барномаи рушди ноҳия, корҳои зиёдеро ба анҷом расонидан лозим аст ва иҷрои ин корҳо ислоҳоти кулро дар самти фаъолияти мо талаб менамояд ва мо ба он омодаем.

Боварии комил дорам, ки мо якҷоя ҳарчӣ зудтар ба ҳадафҳои гузоштаамон мерасем ва дар рушди иҷтимоию иқтисодии кишварамон ҳиссагузор хоҳем шуд.

# Мундарича

**Сухани ифтитоҳии Раиси ноҳия ............ 5**
**Руихати ихтисорот ............ 8**

**Боби 1. Тавсифи умумии ноҳияи Спитамен ............ 10**
1.1. Сохти маъмурию ҳудудии ноҳия ............ 10
1.2. Шарҳи таърихию фарҳангӣ ............ 11
1.3. Шароитҳои табиию иқлимӣ ва захираҳо ............ 12
1.4. Ҳолати демографии ноҳия ............ 12
1.5. Тамоилҳои асосии иҷтимоию иқтисодӣ ............ 14
1.6. Биниши ояндаи ноҳия ............ 15

**Боби 2. Таҳлили ҳолати воқеӣ ва шарҳи стратегияи соҳаҳо ............ 17**
**2.1. Иқтисодиёт** ............ 17
2.1.1. Кишоварзӣ ............ 17
2.1.2. Саноат ............ 24
2.1.3. Соҳибкории хурду миёна ............ 27
2.1.4. Стратегия ва вазифаҳои соҳаҳои иқтисодиёт ............ 34
**2.2. Соҳаҳои иҷтимоӣ** ............ 39
2.2.1. Тандурустӣ ............ 39
2.2.2. Маориф ............ 43
2.2.3. Ҳифзи иҷтимоӣ ............ 47
2.2.4. Фарҳанг ва фароғат ............ 49
**2.3. Инфрасохтор** ............ 54
2.3.1. Хоҷагии манзилию коммуналӣ ............ 54
2.3.2. Стратегия ва вазифаҳои соҳаҳои инфрасохтор ............ 57
**2.4. Ҳифзи муҳити зист** ............ 60
2.4.1. Ҳодисаҳои фавқулода ............ 61
2.4.2. Стратегия ва вазифаҳои соҳаҳои ҳифзи муҳити зист ва ҲФ ............ 63
**2.5. Таъминоти захиравӣ ............ 64**

**Боби 3. Мониторинг ва арзёбӣ ............ 75**

## Рӯйхати ихтисорот

| | |
|---|---|
| ВРИС | Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| МИМХД | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| DFID | Департаменти Британияи Кабир оид ба рушди байналмиллалӣ |
| GIZ | Агентии Олмон оид ба ҳамкории техникӣ |
| БРСММ | Барномаи рушди Созмони Миллали Муттаҳид |
| БРН | Барномаи Рушди Ноҳия |
| ГТ | Гурӯҳи ташаббускор |
| ГК | Гурӯҳи корӣ |
| КАТС | Кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ |
| КДФОК | Корхонаи давлатии фаръии обу корезӣ |
| КВДИОН | Корхонаи воҳидии давлатии интиқоли оби нӯшокӣ |
| МваА | Мониторинг ва арзёбӣ |
| НРҶ | Нақшаи Рушди Ҷамоат |
| НОБ | Нерӯгоҳи обии барқӣ |
| НМваА | Низоми мониторинг ва арзёбӣ |
| ММД | Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ |
| МДҶ | Маркази дастгирии ҷамоат |
| ОКТ | Омӯзишгоҳи касбӣ - техникӣ |
| ПСМ | Партовҳои сахти маишӣ |
| СМР | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 |
| СПКСК | Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012 |
| СХМ | Соҳибкории хурду миёна |
| СШН | Сирояти шадиди роҳи нафас |
| ТҒД | Ташкилотҳои ғайридавлатӣ |
| ҲРҲ | Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола |
| ШРН | Шӯрои рушди ноҳия |
| ҶСП | Ҷамияти саҳомии шакли пӯшида |
| ҶС | Ҷамъияти саҳҳомӣ |

# П Е Ш Г У Ф Т О Р

Барномаи Рушди ноҳияи Спитамен накшаи миёнамӯҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Спитамен буда, бо иштироки васеъ ва машваратҳои намояндагони доираҳои зиёди аҳолӣ ва ҷомеаи шаҳрвандию бахши хусусӣ тархрезӣ шудааст. Дар таҳлили мушкилотҳои соҳаҳои мухталифи иктисодиёти ноҳия ва интихоби самтҳои асосии рушди минбаъдаи он, мутахассисони соҳаҳои дахлдор ва фаъолони ноҳия иштирок ва саҳмгузорӣ намудаанд.

Барномаи номбурда дар асоси «Дастури методӣ оид ба таҳия ва татбиқи Барномаи рушди шаҳру ноҳияҳо ва мақомоти худидораи шаҳраку деҳот», ки Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси сиёсати давлатӣ ва асосҳои стратегии рушди кишвар тартиб додаст, таҳрезӣ гардидааст.

Барномаи зикргардида таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодии ноҳияро дар панҷ соли оянда пешбинӣ менамояд. Он роҳнамои фаъолияти минбаъдаи мақомоти идораи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва механизми муосири ҳамоҳангсозандаи тамоми мақомоту ташкилотҳои дар ҳудуди ноҳия фаъолияткунанда мебошад.

Барнома ба тариқи зайл таҳрезӣ гардидааст:

Боби 1-ум шарҳи мухтасар ва таҳлили ҳолати кунунии ноҳияро бо фарогирии тамоюлҳои рушди солҳои охир дар бар мегирад.

Боби 2-юм баҳодиҳии ҳолати ҷории ноҳияро дар соҳаҳои иқтисодиёт, иҷтимоиёт, инфрасохтор ва ҳифзи муҳити зист, инчунин стратегияи рушди соҳаҳои мазкурро дар панҷ соли минбаъда дар бар гирифтааст.

Боби 3-юм масъалаҳои ташкили низоми татбиқ, мониторинг ва арзёбии Барномаи рушди ноҳияро фарогир шудааст.

Бо мақсади таҳияи Барномаи рушди ноҳия ва ҳалли мушкилиҳоиафзалиятноки он чорабиниҳои зерин татбиқ гардиданд:

- Ташкили гурӯҳи ташаббускор барои муайян намудани ҳадафҳои асосии рушди шаҳраку деҳоти ноҳия.
- Таъсиси гурӯҳи корӣ барои таҳияи Барнома ва зергурӯҳҳои соҳавӣ дар доираи ҳадафҳои асосии муайяншуда ва таъмини иштироки фаъолонаи онҳо дар таҳлили ҳолати кунунию муайян намудани мушкилиҳои асосии соҳаҳои афзалиятноки рушди ноҳия.
- Омӯзиши якҷояи мушкилотҳои афзалиятдоштаи ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия.
- Муайян намудани самтҳои афзалиятноки рушди соҳавӣ, лоиҳаҳои рушди деҳот ва манбаъҳои маблағгузории онҳо.
- Таҳияи лоиҳаи Барномаи рушди ноҳия барои панҷ соли оянда дар асоси таҳлили вазъият, ҳадафҳо ва мушкилотҳои муайяншуда.
- Муҳокима намудани Барномаи таҳияшуда дар доираи васеъи ҷамъиятӣ, бо иштироки шаҳрвандон ва вакилони мардумӣ.
- Таъсиси гурӯҳи мониторинг ва арзёбӣ, бо мақсади таҳлили рафти иҷроиши БРН;

Барномаи мазкур миёнамуҳлат буда, дар ҳар панҷ сол як маротиба таҳия гашта, соле як маротиба рафти иҷроиши он мавриди баррасӣ қарор дода мешавад ва бо назардошти натиҷаҳои мониторинг ва арзёбии вазъи иҷтимоию иқтисодии ноҳия, ба Барнома тағйироту иловаҳо ворид карда мешаванд.

# 1. ТАВСИФИ УМУМИИ НОҲИЯИ СПИТАМЕН

## 1.1. Сохти маъмурию ҳудудии ноҳияи Спитамен

Ноҳияи Спитамен дар қисмати шимолии Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъ гардида, шимолу ғарб бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон, аз шимолу шарқ бо ноҳияҳои Ҷаббор Расулов ва Мастчоҳи вилояти Суғд, аз ғарб бо ноҳияҳои Ғончию Зафарободи вилояти Суғд ва аз ҷануб бо Ҷумҳурии Қирғизистон ҳамсарҳад мебошад. Масоҳати ноҳияи мазкур 355,7 километри мураббаъ буда, он 1,3 фоизи масоҳати вилояти Суғдро ишғол менамояд. Шумораи аҳолии ноҳия ба санаи 1-уми январи соли 2011-ӯм, 118468 нафарро ташкил дода, бо назардошти шумораи аҳолии муқимии ҷамоатҳои ноҳия, чунин ба ҳисоб гирифта шудааст:

- ✓ Ҷамоати шаҳраки Нов - 15346 нафар;
- ✓ Ҷамоати Нов - 29608 нафар;
- ✓ Ҷамоати Куркат - 26820 нафар;
- ✓ Ҷамоати Оқтепа - 17260 нафар;
- ✓ Ҷамоати Тағояк - 15122 нафар;
- ✓ Ҷамоати Қӯштегирмон - 7310 нафар;
- ✓ Ҷамоати Фармонкӯрғон - 6943 нафар.




Аҳолии ноҳияро асосан намояндагони миллатҳои тоҷикон ва ӯзбекон ташкил намуда, намояндагони дигар миллатҳо низ дар ин ҷо сукунат доранд.

### 1.2. Шарҳи таърихию фарҳангӣ

Таърихи ноҳияи Спитамен (собиқ ноҳияи Нов) қисми ҷудонашавандаи таърихи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Аз ҷиҳати маъмурӣ ноҳияи Спитамен то Инқилоби Октябр ба ҳайати музофоти Хуҷанди вилояти Самарқанди генерал-губернатории Туркистон дохил буд. Пас аз ғалабаи Инқилоби Октябр (то соли 1924) ҳамчун яке аз ноҳияи калонтарини музофот, ба ҳайати Республикаи Автономии Советии Сотсиалистии Туркистон дохил мешуд. Баъд аз тақсимоти миллии маъмурии соли 1924 дар Осиёи Миёна ва ташкил ёфтани РАСС Тоҷикистон, ноҳияи Нов ба округи Хуҷанди вилояти Ленинободи Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон дохил шудааст.

Дар санаи 11 ноябри соли 1917-ум, дар маҷлиси васеъи Совети депутатҳои коргарон ва солдатҳои Хуҷанд, якҷоя бо намояндагони «Иттифоқи меҳнаткашон» қарор карда шуд, ки Совет ҳокимиятро ба дасти худ гирифта, ба ташкили мақомотҳои Ҳокимияти Советӣ дар шаҳрҳо ва ноҳияҳо шурӯъ намояд. Аз худи рӯзҳои аввали ғалабаи Инқилоби Октябр дар волости Нов, аз байни камбағалон, раиси Совети ҷамоат интихоб карда шуд. Дар соли 1917 дар волости Нов ва дар деҳоти он ҷамоатҳои Оқтеппа, Саидқӯрғон, Куркат ва Нов ташкил карда шуданд. Мавзеъҳои қадимаи таърихии ноҳия, маҳаллаҳои Куркат, Қӯштегирмон ва Лангар мебошанд. Бо пайвастшавии Осиёи Миёна ба Руссияи подшоҳӣ, дар ҳудуди ҳозираи ноҳия аввалин корхонаҳои саноатӣ пайдо шуданд ва дар иқтисодиёт муносибатҳои капиталистӣ инкишоф ёфтанд. Соли 1928 дар ноҳияи Нов коргоҳи механиконидашудаи истеҳсоли сангреза, соли 1930 дар базаи устохонаи механикӣ оид ба таъмири двигателҳои тракторҳо заводи Ленинободселмаш (ҳоло Новселмаш), соли 1931 матбааи ноҳияи Нов, соли 1969 филиали корхонаи атласи Хуҷанд, соли 1970 комбинати маснуоти оҳану бетон ва соли 1972 комбинати истеҳсоли орд ба кор даромаданд. Дар ҳудуди Нов соли 1868 - 1 бозори деҳқон, 97 нуқтаҳои савдо, 1 корвонсарой, 35 осиёб, 1 мадраса, 11 мактаб ва 14 масҷид амал мекард. Яке аз иншоотҳои қадимии таърихию фарҳангии ноҳия қалъаи Кирпол (Курушкада, Куркат) мебошад, ки дар ҳудуди ҳозираи деҳаи Куркат ҷойгир шудааст. Ин иншоот, осори таърихии асри IV мебошад. Дар давраҳои гузашта маҳсулоти асосии истеҳсоли маҳаллӣ, намудҳои гуногуни ғалладона, пахта, растаниҳои равғандор, шолии сурх, якчанд намуди бодом ба монанди қорагӣ, каҷак, талх, сафед ва ғайра, навъҳои гуногуни ангур ва ширини аз он, инчунин асбобу олоти кулолгарӣ ба ҳисоб мерафт. Заминҳои кишоварзӣ, бо истифода аз оби наҳрҳои Ширинсой ва Оқсув обёрӣ мешуданд. Намунаи дигари осори таърихие, ки дар ҳудуди ноҳияи мазкур мавҷуд аст, мақбари Лангар-Ато мебошад.

Меҳнаткашони ноҳия шоҳид ва иштирокчии бевоситаи қаҳрамониҳои давраи инқилоб ва панҷсолаҳои аввали он, ки барои барқароршавии хоҷагии халқ пас аз ҷангҳои граҷданӣ ва Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз сар гузаронида шуданд, солҳои ороми баъди ҷангӣ ва давраи расидан ба Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Айни ҳол, дар ноҳия 10 адад корхонаи саноатӣ, 5 адад ташкилотҳои сохтмонӣ, 1 корхонаи таъмири роҳҳо, 518 хоҷагиҳои деҳқонӣ, 53 адад кооперативҳои истеҳсолӣ, 12 адад хоҷагиҳои ёрирасон, 30 адад корхонаҳои хурд, 17 адад муасисаҳои таҳсилоти томактабӣ, 31 адад мактаби таҳсилоти умумӣ, 1 адад омӯзишгоҳи касбии техникӣ, 13 адад китобхонаҳои оммавӣ, 7 адад хонаҳои маданият, 3 адад клуб, 1 мактаби санъати бачагона ва муассисаҳои зерини тандурустӣ: Беморхонаи марказии ноҳия, 2 адад беморхонаи минтақавӣ, маркази саломатии ноҳия, 13 адад маркази саломатии деҳот, 8 адад бунгоҳи саломатӣ ва 1 хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ фаъолият менамоянд.

Дар ҳудуди ноҳия, аз канданиҳои фоиданок, захираи калони регу-шағал, оҳакгсанг ва гили хиштбоб мавҷуд мебошанд ва аз онҳо масолеҳи гуногуни сохтмонӣ коркард ва истеҳсол мешавад. Дар Барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд ва ноҳияи Спитамен барои солҳои 2011-2016, бо мақсади коркарди регу-шағал ва оҳакгсанг дар ҳудуди ноҳия, бо ҷалби сармояи хориҷӣ сохтмони заводи семент ва дигар масолеҳи сохтмонӣ, ба маблағи 22 миллион доллари амрикоӣ, ба нақша гирифта шудааст. Дар сурати ҷалби сармоя ва ҳамкорӣ бо шарикони рушд, бо истифода аз захираҳои фаровони регу-шағал ва оҳаксанги маҳаллӣ, корхонаи азими коркард бунёд намуда, ба

ин васила барои аҳолӣ ҷойҳои нави корӣ муҳаё намуда, ҷиҳати паст намудани сатҳи камбизоатӣ таъсири мусбат расонидан мумкин аст.

Самти дигари рушди ноҳияи Спитамен соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла растанипарварӣ ва чорводорӣ мебошад. Ноҳияи Спитамен дорои 17332 га заминҳои кишоварзӣ, аз ҷумла 15820 га заминҳои корам, 1298 га майдони дарахтони бисёрсола, 12634 га чарогоҳ ва 338 га заминҳои боир мебошад. Барои парвариши пахта ва ғаладона, аз ҷумла шолӣ, сабзавот, меваю ангур ва ҳамчунин, парвариши чорво, дар ноҳия шароити мусоид ва имкониятҳои зиёд мавҷуд мебошад. Оид ба ин масъала ва мушкилиҳои мавҷудаи соҳа дар фасли кишоварзӣ маълумот дода мешавад.

Дар соҳаи маориф, сифати ғайриқаноатбахши таълим дар бисёр макотиби деҳоти дурдаст ва норасоии омӯзгорони ихтисосманд дар онҳо, боиси нигаронӣ мебошад. Дар деҳот шабакаи муассисаҳои хизматрасонӣ нокифоя мебошанд.

Муассисаҳои табобатӣ талаботи сокинони ноҳияро қонеъ намоянд ҳам, ҳанӯз садҳо нафар барои ташхису табобати хушсифати муосир, ба маркази вилояту ҷумҳурӣ ва берун аз он мераванд.

Роҳҳои маҳаллӣ аз сабаби нокифоягии маблағ солҳои сол таъмир нашуда, дар фасли зимистон таъминот бо нерӯи барқ дар деҳот нокифоя мебошад.

**1.3. Шароитҳо ва захираҳои табиию иқлимӣ**

Ноҳияи Спитамен дар мавзеи ҳамвори ҳавзаи дарёи Сир ҷойгир шуда, иқлимаш хушки континенталӣ мебошад. Ҳарорати миёнаи ҳаво дар фасли тобистон 25-30 дараҷа гарм ва дар фасли зимистон аз 0 то - 7 дараҷа хунук мебошад. Дар ноҳия миқдори боришоти солона 200-330 мм-ро ташкил медиҳад. Омилҳои зикргардида ва замини ҳосилхез, барои ба кишоварзӣ машғул гардидани аҳолии ноҳия шароити мусоид фароҳам овардааст. Зироатҳои асосии дар ноҳия киштшаванда пахта, ғалладона ва сабзавоту полезӣ мебошанд. Дар ноҳия чорводорию аспparварӣ ва паррандапарварӣ, занбӯри асалпарварию пиллапарварӣ хуб ба роҳ монда шудааст. Аз канданиҳои фоиданок, дар ноҳия оҳаксанг ва захираи калони шағал мавҷуд аст, ки аз он ҳар гуна масолеҳҳои сохтмонӣ коркард ва истеҳсол мешаванд.

Аз сабаби кам будани миқдори миёнаи боришот (то 200-330 мм дар як сол), ноҳия ба рушди соҳаи мелиоратсия (пойгоҳҳои обкашӣ ва шабакаҳои обтақсимкунанда) ва ирригатсия (каналҳо, заҳбуру заҳкашҳо ва чоҳҳо) эҳтиёҷ дорад.

Мавҷудияти гилхок ва оҳаксанг дар ҳудуди ноҳия, ҷиҳати бунёди корхонаҳои истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, аз ҷумла хишти пухта, қум, рег ва оҳак имконият фароҳам овардааст.

**1.4. Ҳолати демографии ноҳия**

Дар ноҳияи Спитамен, шумораи аҳолии деҳот нисбат ба шумораи аҳолии шаҳрак бештар буда, 87,1 фоизи миқдори умумии аҳолии ноҳияро ташкил медиҳад. Дар ноҳия шумораи аҳолии деҳот аз 103063 нафар ва шумораи аҳолии шаҳрак бошад аз 15346 нафар иборат мебошад.

***Ҷадвали №1 Шумораи аҳолӣ ва хоҷагиҳои ноҳияи Спитамен дар соли 2010***

| *Номгӯи ҷамоатҳо* | *Миқдори хоҷагиҳо (адад)* | *Шумораи аҳолӣ (нафар)* |
|---|---|---|
| *Ҷамоати шаҳраки Нов* | *3048* | *15346* |
| *Ҷамоати деҳоти Нов* | *3554* | *29608* |
| *Ҷамоати деҳоти Куркат* | *3480* | *26820* |
| *Ҷамоати деҳоти Оқтепа* | *2392* | *17260* |
| *Ҷамоати деҳоти Тагояк* | *2334* | *15122* |
| *Ҷамоати деҳоти Кӯштегирмон* | *1131* | *7310* |
| *Ҷамоати деҳоти Фармонқургон* | *1109* | *6943* |

Ҳайати миллии аҳолии ноҳия аз намояндагони милатҳои гуногун иборат буда, қисми асосии онро тоҷикон ва ӯзбекҳо ташкил медиҳанд.

***Диаграммаи №1. Ҳайати миллии аҳолии ноҳияи Спитамен***




Шумораи аҳолии ноҳия ба ҳолати 1-уми январи соли 2011-ум 118409 нафар буда, ин нишондод 1,7 фоизи шумораи аҳолии ҷумҳуриро ташкил медиҳад. Аз шумораи умумии аҳолии ноҳия 49,8 дарсадашро мардон (58968 нафар) ва 50,1 дарсадашро занон (59441 нафар) ташкил медиҳанд. Синну соли миёнаи аҳолии ноҳияи Спитамен 63,6 солро ташкил медиҳад.

***Ҷадвали №2. Шумораи ҷинсии аҳолии муқимии ноҳияи Спитамен (дар охири сол, нафар)***

| *Нишондиҳанда* | *Соли 2007* | | | *Соли 2008* | | | *Соли 2009* | | | *Соли 2010* | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | *Ҳамагӣ* | *Мард* | *Зан* | *Ҳамагӣ* | *Мард* | *Зан* | *Ҳамагӣ* | *Мард* | *Зан* | *Ҳамагӣ* | *Мард* | *Зан* |
| *Ҳамагӣ аҳолӣ* | *110652* | *54994* | *55658* | *113079* | *56313* | *56766* | *115585* | *57561* | *58024* | *118409* | *58968* | *59441* |
| *Аҳолии шаҳрак* | *14211* | *6267* | *7244* | *14628* | *6931* | *7697* | *14917* | *7429* | *7488* | *15346* | *7643* | *7703* |
| *Аҳолии деҳот* | *96441* | *48027* | *48414* | *98451* | *49028* | *49423* | *100668* | *50132* | *50536* | *103063* | *51325* | *51738* |

Дар таркиби ҷинсию синну солии аҳолии ноҳияи Спитамен, ҳиссаи одамони синну соли миёна ва ҷавонон зиёдтар аст.

***Ҷадвали №3 Таркиби ҷинсӣ ва синну солии аҳолии ноҳияи Спитамен дар соли 2010***

| *Таркиби ҷинсию синнусолии аҳолӣ* | *Ҳамагӣ* | *Аз ҷумла Духтарон / занон* | *Фоизи Духтарон / занон* |
|---|---|---|---|
| *Наврасони то 14 сола* | *47126* | *22761* | *49,2* |
| *Одамони синну соли миёна* | *65718* | *32418* | *49,3* |
| *Одамони синну соли нафақа (мардҳо - 63 сола /Занҳо 58 сола) ва калонтар* | *5565* | *4262* | *76,5* |
| *Ҳамагӣ:* | *118409* | *59441* | *50,1* |

Дар се соли охир шумораи аҳолии ноҳия аз ҳисоби афзоиши сатҳи таваллуд ба микдори назаррас зиёд гардидааст.

Коэффитсиенти умумии таввалуд (ба ҳисоби 1000 нафари аҳолӣ) дар ноҳия соли 2010-ӯм 27,8 нафарро ташкил дод. Ҳангоми нигоҳ доштани суръати афзоиши аҳолӣ дар сатҳи солҳои 2007-2010-ум, дар назар аст, ки ба 1 январи соли 2016-ум, шумораи аҳолии муқимии ноҳия ба 131,4 ҳазор нафар хоҳад расид, ки он назар ба соли 2008-ум 21,0 ҳазор нафар, ё ин ки 38,2 фоиз зиёд мебошад.

Аз шумораи умумии аҳолии ноҳияи Спитамен, теъдоди аҳолии қобили меҳнат 26126 нафарро ташкил медиҳад, аз он ҷумла дар соҳаи саноат 1150 нафар, дар соҳаи со-

хтмон 153 нафар, дар соҳаи кишоварзӣ 13093 нафар, дар бахши соҳибкории хурду миёна 172 нафар, дар соҳаи нақлиёту алоқа 292 нафар, дар муассисаҳои буҷетӣ (маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, сохтори давлатӣ) 4239 нафар ва дар дигар соҳаҳо 44 нафар машғул мебошанд.

***Ҷадвали №4. Афзоиши демографии аҳолии ноҳияи Спитамен (ҳазор нафар)***

| *Солҳо* | *Шумораи никоҳ* | *Шумораи таваллуд-шудагон* | *Шумораи фавтидагон* | *Афзоиши табиии аҳолӣ* | *Афзоиши табиии аҳолӣ, бо %* | *Шумораи умумии аҳолӣ* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| *2007* | *1154* | *2888* | *536* | *2352* | *2,1* | *110652* |
| *2008* | *1672* | *2901* | *580* | *2321* | *2,0* | *113079* |
| *2009* | *1686* | *3143* | *558* | *2585* | *2,2* | *115585* |
| *2010* | *1581* | *3260* | *544* | *2716* | *2,2* | *118409* |

Тибқи маълумотҳои дастрасшудаи эҳтимолӣ, дар соли 2010 аз шумораи умумии аҳолии ноҳияи Спитамен 4876 нафар дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доштанд. Дар соли 2010 аз тарафи муҳоҷирони меҳнатӣ ба маблағи 20 млн. 699,0 ҳазор доллари ИМА маблагҳо ворид гардиданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2009 4 млн 60,0 ҳазор доллари ИМА кам мебошад.

***Ҷадвали №5. Нишондиҳандаҳои дурнамои афзоиши демографии ноҳияи Спитамен барои солҳои 2013-2015***

| *Нишондиҳандаҳо* | *2011 ҳисобот* | *2012 баҳодиҳӣ* | *Параметрҳои дурнамо* | | | *с2015 бо % нисбати с.2011* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | *2013* | *2014* | *2015* | |
| *Нишондиҳандаҳои асосии умумии иқтисодӣ* | | | | | | |
| *Шумораи аҳолӣ ба ҳисоби миёнаи солона (ҳазор нафар) – ҳамагӣ* | *119421* | *122048* | *124733* | *127352* | *130026* | *108,9* |
| *аз он ҷумла:* | | | | | | |
| *шаҳрӣ* | *15410* | *15657* | *15891* | *16161* | *16452* | *106,7* |
| *деҳотӣ* | *104011* | *106391* | *108842* | *111191* | *113574* | *109,2* |

### 1.5. Тамоилҳои асосии иқтисодию иҷтимоии ноҳия

Ноҳияи Спитамен ноҳияи агросаноатӣ буда, айни ҳол, дар ноҳия 10 корхонаҳои саноатӣ, 7 ташкилотҳои сохтмонӣ, 1 муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳия, 492 хоҷагиҳои деҳқонӣ, 76 кооперативҳои истеҳсолӣ, 10 хоҷагиҳои ёрирасон, 182 хоҷагиҳои инфиродӣ, 38 корхонаҳои хурд, 10 муассисаҳои томактабӣ, 31 мактаби таҳсилоти умумӣ, 1 литсей, 1 омӯзишгоҳи касбӣ-техникӣ, 20 китобхонаҳои оммавӣ, 2 мактаби санъат, 1 театри драммавӣ, 7 клуб, беморхонаи марказӣ, 2 беморхонаи минтақавӣ, 2 маркази саломатӣ, 8 маркази саломатии деҳот, 9 бунгоҳҳои тиббӣ, идораи назорати давлатии санитарию эпидемеологӣ, идораи безараргардонӣ, идораи бойторӣ, идораи хоҷагии оби ноҳия ва муассисаи хоҷагии манзилию коммуналӣ, фаоълият менамоянд.

Ноҳияи Спитамен дорои захираҳои бойи рег, шағал ва оҳак мебошад. Захираҳои табиии мазкур барои истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ васеъ истифода мешаванд.

Соҳаи кишоварзӣ самти асосии рушди ноҳия ба ҳисоб рафта, растанипарварӣ ва чорводорӣ асоси соҳаи мазкур мебошанд. Ноҳия дорои 30290 гектар майдони заминҳои кишоварзӣ мебошад, аз он ҷумла 15820 гектар ё 52,4 % заминҳои корам, 1298 гектар ё 4,2 % майдони дарахтони бисёрсола, 12634 гектар ё 41,7% чароггоҳҳо ва 538 гектар ё 1,7%-ро заминҳои боир ташкил менамоянд.

Дар хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия, асосан парвариши пахта, ғалладона, сабзавот, меваю ангур, инчунин чорводорӣ, кирмакпарварӣ ва занбӯриасалпарварӣ ривоҷ ёфтааст.

Оид ба рушди соҳаи кишоварзӣ ва мушкилотҳои соҳаи мазкур, дар боби кишоварзӣ маълумоти муфассал дарҷ гардидааст.

Дар соҳаи маорифи ноҳия ба сифати таълим диққати махсус зоҳир гардад ҳам, дар макотиби деҳоти дурдасти ноҳия сифати таълим ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ нест ва норасоии омӯзгорони ихтисосманд яке аз мушкилотҳои асосӣ мебошад.

Дар ҷамоатҳои деҳоти ноҳия нуқтаҳои муассисаҳои хизматрасонии маишӣ, аз ҷумла ҳаммом, сартарошхонаҳо ва шумораи мавҷудаи сехҳои дӯзандагӣ нокифоя мебошад.

Новобаста ба он, ки муассисаҳои тандурустӣ дар шаҳраку деҳоти ноҳия ба қадри зарурӣ мавҷуданд, аҳолии ноҳия баҳри ташхису табобати босифат, ба муассисаҳои тиббии маркази вилоят ва ҷумҳурӣ муроҷиат менамоянд.

Дар ноҳияи Спитамен роҳҳои маҳаллӣ дар ҳолати ғайриқаноатбахш қарор дошта, солҳои сол таъмир нагаштаанд. Дар фасли зимистон дар ноҳия таъминоти ҳаҷми зарурии нерӯи барқ барои аҳолӣ ва корхонаҳо нокифоя ва маҳдуд мебошад.

Мувофиқи маълумотҳои оморӣ, маҷмӯи маҳсулоти истеҳсолгардидаи дохилии ноҳия дар соли 2010-ум 228 млн. 999 хазор сомониро ташкил додааст, ки ин нишондод нисбат ба нишондиҳандаҳои соли 2008-ум 145,6 фоиз зиёд буда, нисбатан ба маблаги 71 млн. 761 ҳазор сомонӣ афзоиш ёфтааст.

### 1.6. Бинишиояндаи ноҳияи Спитамен

*Ноҳияи Спитамен – маркази муосири истеҳсолкунанда ва коркардкунандаи пахта ва дигар маҳсулоти кишоварзию саноатии мутобиқ ба стандартҳои байналмиллалии дорои шароити ҷолиби соҳибкории хурду миёна ва сармоягузории манфиатнок, бо инфрасохтори тараққикардаи иҷтимоию иқтисодӣ ва шароити мусоиди муҳити зист мебошад, ки дар он аҳолии бофарҳанг ва солиму хушбахт зиндагӣ ва фаъолият менамояд.*

Биниши мазкур дар асоси таҳлили (SWOT), яъне бо назардошти тарафҳои қавию заиф ва имкониятҳою хатарҳои рушди ноҳияи Спитамен таҳия гардидааст.

***Ҷадвали №6. Таҳлили ҳолати умумии ноҳия (SWOT)***

| *Тарафҳои қавӣ* | *Тарафҳои заиф* |
|---|---|
| • *Мавҷуд будани 10 адад корхонаҳои саноатӣ дар ноҳия.*<br>• *Шароити хуби иқлимӣ барои шолипарварӣ, чорводорӣ, растанипарварӣ ва богдорӣ.*<br>• *Мавҷудияти заминҳои ҳосилхез.*<br>• *Мавқеи мувофиқи ҷугрофӣ.*<br>• *Мавҷуд будани захираҳои бои табиӣ, аз ҷумла канданиҳои фоиданок (минералҳо, оҳаксанг ва дигар масолеҳи сохтмонӣ).*<br>• *Дастрас будани инфрасохтори аввалиндараҷа, аз ҷумла (роҳҳо, шабакаҳои об ва барқ).*<br>• *Мавҷудияти ташкилотҳои хурди молиявӣ ва бонкҳо.*<br>• *Сатҳи мӯътадили рушди демографӣ.*<br>• *Мавҷудияти мутахассисони соҳибкасб ва қувваи кории арзон.*<br>• *Мавҷудияти хоҷагиҳои деҳқонии соҳибтаҷриба.*<br>• *Мавҷудияти ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ.* | • *Бо иқтидори пурра кор накардани корхонаҳои саноатӣ ва шумораи маҳдуди корхонаҳои хурду миёна.*<br>• *Набудани марказҳои менеҷмент ва маркетинги муосири иктисодӣ.*<br>• *Сатҳи баланди бекорӣ ва миграция.*<br>• *Корношоям гардидани шабакаҳои ирригатсионӣ ва обтаъминкунӣ.*<br>• *Сатҳи нокифояи дастгирии иҷтимоии табакаҳои камбизоатии аҳолӣ.*<br>• *Ҳолати ғайриқаноъатбахш ва таъмирталабии роҳҳои маҳаллӣ ва иншоотҳои обтаъминкунӣ.*<br>• *Норасоӣ ва гарон будани нархҳои сӯзишворию равганҳои молиданӣ ва нуриҳои минералӣ, техникаи ҳозиразамон ва қисмҳои эҳтиётии техникаи кишоварзӣ.*<br>• *Шӯршавии масоҳати зиёди заминҳои кишт.*<br>• *Фарсуда гардидани фондҳои асосии ноҳия.* |

| | |
|---|---|
| • *Ҷойгир будани ноҳия дар ҳудуди назди сарҳадӣ.*<br>• *Дар шафати шоҳроҳи «Душанбе-Чаноқ» ҷойгир будани ноҳия.*<br>• *Аз ҳудуди ноҳия гузаштани роҳи оҳани ҷумҳуриявии «Душанбе-Конибодом».* | • *Баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ.*<br>• *Нокифоягии маблаггузории буҷавӣ ба соҳаҳои иқтисодиёти ноҳия.*<br>• *Норасогии ҷойҳои кории доимӣ ва музди меҳнати нокифоя.*<br>• *Номукаммал будани қонунгузории ҷамъоварии андозҳои иҷтимоӣ ва кишоварзӣ.*<br>• *Норасогии нерӯи барқ дар фасли зимистон.*<br>• *Истифода нагаштани сарчашмаҳои алтернативии энергия (энергияи офтоб, бод, биомасса ва гайра).* |
| ***Имкониятҳо*** | ***Хатарҳо ё душвориҳои дар пеш истода*** |
| • *Рушди бизнеси хурду миёна ва ташкили ҷойҳои кории нав.*<br>• *Ворид намудани технологияҳои нав ба ноҳия.*<br>• *Бунёди корхонаҳои муштараки коркарди масолеҳи кишоварзию саноатӣ ва масолеҳи сохтмонӣ.*<br>• *Ташкил намудани маркази логистикӣ дар ноҳия.*<br>• *Таҳияи барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия.*<br>• *Ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ, бо мақсади ташкили корхонаҳои дорои технологияи муосири коркарди маҳсулот.*<br>• *Бунёди минтақаҳои савдои наздисарҳадӣ.*<br>• *Истифодаи самараноки имкониятҳои коммуникатсионию транзитӣ.*<br>• *Истифодаи дурусти захираҳои табиӣ.*<br>• *Тараққӣ додани соҳаи кишоварзӣ (парвариши тухмиҳои хушсифат ва насли чорвои зотӣ, бунёди боғҳои нав, ташкили гармхонаҳо),*<br>• *Бунёди нуқтаҳои нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла яхдонҳои саноатӣ.*<br>• *Дастрас гардонидани воситаҳои қарзии дарозмуддат.*<br>• *Бунёди НОБ-ҳои хурд бо истифода аз шароитҳои табиии маҳаллӣ.*<br>• *Истифодаи сарчашмаҳои алтернативии энергия (қувваи офтоб, бод ва биотехнология).*<br>• *Диверсификатсияи иқтидорҳои истеҳсолии мавҷудаи ноҳия.*<br>• *Рушди бахши иҷтимоӣ ва бунёди иншоотҳои иҷтимоӣ (варзишӣ, сайёҳӣ ва фароғатӣ).* | • *Офатҳои табиӣ (обхезӣ, ҷола, хушксолӣ ва гайра).*<br>• *Таъсири манфии бӯҳрони иқтисодию молиявӣ.*<br>• *Инфлятсия.*<br>• *Коррупсия ва иқтисодиёти монополистӣ.*<br>• *Норасогии ҷойҳои корӣ, бо назардошти баргаштани муҳоҷирони меҳнатӣ.*<br>• *Фоизи баланди қарзҳо.*<br>• *Ҳолатҳои форс-маҷор.*<br>• *Мушкилотҳои экологӣ (таъсири корхонаҳои металургӣ ва кимиёвии наздисарҳадии Ҷумҳурии Ӯзбекистон).*<br>• *Мушкилотҳои вобаста ба сарҳад.* |

# 2. ТАҲЛИЛИ ҲОЛАТ ВА ШАРҲИ СТРАТЕГИЯИ СОҲАҲО

## 2.1. ИҚТИСОДИЁТ

### *2.1.1. СОҲАИ КИШОВАРЗӢ*

***Аҳамиятнокӣ барои иқтисодиёти ноҳия.*** Ноҳияи Спитамен дар водии Фарғона ҷойгир буда, яке аз минтақаҳои аграрию саноатии ҷумҳурӣ ба шумор меравад. Кишоварзӣ соҳаи асосии пешбурди иқтисодиёт мебошад ва дар ҳаёти иқтисодии ноҳия нақши аввалиндараҷаро мебозад. Дар соҳаи мазкур, нисфи зиёди аҳолии қобили меҳнат фаъолият менамояд. Аз ин лиҳоз, рушди соҳаи кишоварзӣ на танҳо масъалаи иқтисодӣ, балки хусусияти иҷтимоӣ низ дорад, чунки 87,1%-и аҳолии ноҳия, аз ҷумла 71,2 %-и аҳолии қобили меҳнат, дар деҳот зиндагӣ менамоянд ва кишоварзӣ барои қисми зиёди мардуми ноҳияи Спитамен, манбаи асосии даромад ба шумор меравад.

Соҳаи кишоварзӣ соҳаи стратегии ноҳияи Спитамен ба шумор рафта, ҳиссаи он дар сохтори ММД-и ноҳия назаррас мебошад. Маҷмӯи маҳсулоти истеҳсолнамудаи соҳаи кишоварзӣ дар соли 2010 - 164 млн. 331,0 ҳазор сомониро ташкил намуд, ки ин нисбат ба нишондиҳандаҳои соли 2008-ӯм ба миқдори 135 фоиз зиёд мебошад. Дар маҷмӯъ дар ноҳияи Спитамен истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ дар соли 2010 ба маблаги 43 млн. 193,0 ҳазор сомонӣ зиёд гаштааст.

Бахшҳои асосии кишоварзии ноҳия зироатпарварӣ, пахтакорӣ, ғаллакорӣ, боғдорӣ, сабзавоткорӣ, картошкапарварӣ, кирмакпарварӣ (пилла), чорводорӣ ва шоликорӣ мебошанд.

Дар ноҳияи Спитамен 1 хоҷагии зотпарварӣ, 492 хоҷагии деҳқонӣ, 1 хоҷагии парандапарварӣ, 76 кооперативҳои истеҳсолӣ, 10 хоҷагиҳои ёрирасон ва 182 хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ фаъолият менамоянд. Шумораи умумии саҳмдорон дар хоҷагиҳои деҳқонии ноҳия 16888 нафарро ташкил медиҳад.

Таъмини босуботи амнияти озуқаворӣ дар ноҳия, ба сатҳи рушди соҳаи кишоварзӣ алокаманд мебошад. Дар ноҳия дар соли 2010 ҳаҷми истеҳсоли пахта, ғалла ва меваю ангур нисбат ба ҳамин давраи соли 2009-ӯм афзуда, мутаносибан 13,2 фоиз, 6,9 фоиз ва 9,4 фоиз афзоиш ёфтааст.

***Диаграммаи №2. Ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ аз рӯи ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар тӯли солҳои 2008-2010. (млн. сомонӣ)***




Ба санаи 1 январи соли 2011 масоҳати умумии заминҳои ноҳия 41989 гектар, аз ҷумла, заминҳои кишоварзӣ 30290 га-ро ташкил додааст, ки аз он заминҳои корам 15820 га (52,2%), майдони дарахтони бисёрсола 1298 га (4,2 %), майдонҳои чарогоҳ 12634 га (41,7%), заминҳои боир 538 га (1,7%) мебошад. Дар ноҳия аз майдони умумии (100,0 %) заминҳои обёришаванда, 6,3% заминҳои хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ ва 91,7%

заминҳои хоҷагиҳои деҳқонии колективӣ мебошанд. Заминҳои лалмӣ дар ноҳия, асосан барои истифодабарии хоҷагиҳои деҳқонӣ ва қисман барои заминҳои наздиҳавлигӣ ва заминҳои президентӣ ҷудо гардиданд. Ҳамзамон, боғҳо, заминҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ ва заминҳои наздиҳавлигӣ низ мавҷуданд, ки мутаносибан 68,9% ва 31,1%-ро ташкил медиҳанд. Қисми зиёди чарогоҳҳо ба хоҷагиҳои деҳқонии колективӣ (100,0%) тааллуқ доранд. Майдонҳои заминҳои киштшавандаи ноҳия 2,4%-и майдони заминҳои киштшавандаи ҷумҳуриро ташкил медиҳад.

***Ҷадвали №7. Истифодаи коммуникатсионии замин дар ноҳияи Спитамен***

| *№* | *Истифодабарии заминҳо* | *Масоҳати заминҳо ба санаи 1 январи соли 2011 (гектар)* |
|---|---|---|
| | *Шумораи заминистифодабарандагон (нафар)* | *1020* |
| *1* | *Майдони умумии заминҳо* | *41989* |
| *1.1.* | *Аз ҷумла: Замини обӣ* | *17332* |
| *2* | *Замини корам* | *15820* |
| *2.1.* | *аз ин: замини обӣ* | *13350* |
| *3* | *Дарахтони бисёрсола* | *1298* |
| *3.1.* | *аз ин: обӣ* | *1290* |
| *3.2.* | *Богот* | *953* |
| | *Аз ҷумла обӣ* | *945* |
| *3.3.* | *Токзор* | *65* |
| | *Аз ҷумла обӣ* | *65* |
| *3.4.* | *Тутзор – ҳамагӣ* | *274* |
| | *Аз ҷумла обӣ* | *274* |
| *3.5.* | *Дарахтзор, ниҳолпарваришгоҳ (ҳамаш обӣ)* | *6* |
| *4* | *Заминҳои боир* | *538* |
| *4.1.* | *аз ин: обӣ* | *153* |
| *5* | *Заминҳои алафдарав* | |
| *6* | *Чарогоҳ* | *12634* |
| *6.1.* | *аз ин, чарогоҳи тобистона* | *0* |
| *6.2.* | *Чарогоҳи баҳорию тирамоҳӣ* | *12634* |
| *6.3.* | *давоми сол* | *0* |
| | *Ҳамагӣ заминҳои кишоварзӣ:* | *30290* |
| | *аз ин: обӣ* | *14794* |
| | *Шумораи хонаводаҳо* | *14688* |
| *1* | *Заминҳои наздиҳавлигӣ* | *2676* |
| | *аз онҳо: замини обӣ* | *1606* |
| *1.2.* | *Замини корам* | *897* |
| | *аз ин: замини обӣ* | *492* |
| *1.3.* | *Дарахтони бисёрсолаи мевадиҳанда* | *1128* |
| | *аз ҷумла: обӣ* | *1114* |
| *1.4.* | *Иморатҳо ва дигар заминҳо* | *654* |
| *2* | *Заминҳои хоҷагӣ ё шахсӣ – ҳамагӣ* | *850* |
| *2.1.* | *аз ин: обӣ* | *800* |
| *3* | *Чангалу бешазор* | *137* |
| *3.1.* | *аз онҳо: Майдони дарахтзор* | *0* |
| *3.2.* | *Майдони бедарахт* | *0* |
| *3.3.* | *Ниҳолпарваришгоҳо* | *0* |
| *3.4.* | *Бешаҳо ҷангалзори муҳофизатии киштзор* | *113* |
| | *аз ин: обӣ* | *132* |
| *3.5.* | *Дигар дарахтони муҳофизӣ* | *14* |
| *4* | *Буттазор* | *0* |
| *5* | *Ботлоқҳо* | *1* |
| *6* | *Заминҳои зери об* | *3024* |
| *6.1.* | *аз ҷумла: Дарёҳо ва наҳрҳо* | *1454* |
| *6.2.* | *Кӯлу баҳрҳо* | *1* |
| *6.3.* | *Обанбору ҳавзаҳо* | *2* |
| *6.4.* | *Каналҳо, ҷӯйборҳо ва заҳбуру заҳкашҳо* | *1567* |

| | | |
|---|---|---|
| 7 | *Роҳҳо ва роҳҳои чорвогузор* | *599* |
| 8 | *Заминҳои зери иморату иншоот, кӯчаҳо ва майдонҳо* | *1152* |
| 9 | *Дигар заминҳо* | *3257* |
| 9.1. | *Қумзор* | *41* |
| 9.2. | *Ҷарҳо* | *211* |
| 9.3. | *Ярчу шағалдор* | *695* |
| 9.4. | *Пиряхҳо* | *0* |
| 9.5. | *Дигар заминҳое, ки дар кишоварзӣ истифода намешаванд.* | *2310* |

Соли 2010 аз заминҳои корамӣ дар ноҳияи Спитамен мавҷуд буда, бо назардошти ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ, дар майдони 15082 гектар (100%) кишти зироатҳо гузаронида шуд, аз ҷумла майдони кишти пахта - 5875 га, ғалладонагиҳо - 5945 га, картошка - 143 га, сабзавот - 918 га, полезиҳо 307 га, шолӣ – 3113 га ва майдони зироатҳои хӯроки чорво 1894 га-ро ташкил дод.

Хоҷагиҳои кишоварзии ноҳияи Спитамен, тамоми намудҳои маҳсулоти растанипарварӣ ва чорводориро истеҳсол менамоянд. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар соли 2010 нисбат ба соли 2009 ба андозаи 2,9 % афзоиш ёфт, ки аз он ҷумла ба ҳар сари аҳолӣ 129 кг ғаладонагӣ, 196,5 кг сабзавот, 23,3 кг картошка, 9,4 кг мева, 2,9 кг ангур, 30,6 кг полезӣ, 1,7 кг гӯшт, 128,4 литр шир ва 6,1 дона тухм рост меояд.

**Растанипарварӣ.** Дар соли 2010 ҳаҷми умумии маҳсулоти растанипарварӣ дар ҳамаи категорияи хоҷагиҳо 140482,0 ҳазор сомониро ташкил дод, ки он нисбат ба соли 2009-ӯм 3,2% зиёд мебошад. Ҳиссаи маҳсулоти растанипарварӣ, дар соли 2010, дар ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзии ноҳияи Спитамен 85,4 фоизро ташкил додааст.

Дар ин давра, дар ноҳияи Спитамен 9328 тонна пахта, 15300 тонна ғалладона, аз он ҷумла 3783 тонна шолӣ, 23268 тонна сабзавот, 2767 тонна картошка, 3634 тонна полезиҳо, 1118 тонна меваҷот, 345 тонна ангур ва 18917 тонна воҳиди хӯрокаи чорво истеҳсол шуд. Дар хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия, ҳосилнокии зироатҳои растанипарварӣ, аз ҷумла – ҳосилнокии ғаладонагиҳо ба 25,2 с/га, сабзавот ба 205,2 с/га, картошка ба 181,1 с/га, полезиҳо ба 118,3 с/га, мевагиҳо ба 17,1 с/га, ангур ба 27,2 с/га ва пахта ба 16,5 с/га расонида шуд.

***Ҷадвали №8. Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ноҳияи Спитамен***

| *№* | *Нишондиҳандаҳо* | *Воҳиди ченак* | *2005* | *2006* | *2007* | *2008* | *2009* | *2010* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | *Ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ* | *ҳаз. сом.* | *83644* | *77551* | *81829* | *121138* | *159734* | *164331* |
| | *Аз ҷумла: Растанипарварӣ* | *ҳаз. сом.* | *62560* | *50068* | *55208* | *78505* | *136067* | *140482* |
| | *Чорводорӣ* | *ҳаз. сом.* | *21084* | *27483* | *26621* | *42633* | *23667* | *23849* |
| 1 | *Ғалладона* | *тонна* | *14009* | *13062* | *13538* | *10791* | *17072* | *15300* |
| | *Кишти замин* | *га* | *6704* | *7124* | *5022* | *5555* | *6418* | *5945* |
| | *Ҳосилнокӣ* | *с/га* | *21,3* | *17,5* | *25* | *18,3* | *26,3* | *25,2* |
| 2 | *Пахта* | *тонна* | *15340* | *10353* | *11438* | *6640* | *9788* | *9328* |
| | *Кишти замин* | *га* | *8576* | *7980* | *7459* | *6800* | *5508* | *5875* |
| | *Ҳосилнокӣ* | *с/га* | *18,0* | *14,1* | *15,8* | *13,1* | *17,5* | *16,5* |
| 3 | *Сабзавот* | *тонна* | *19598* | *19337* | *23574* | *23806* | *24071* | *23268* |
| | *Кишти замин* | *га* | *758* | *808* | *1019* | *745* | *753* | *918* |
| | *Ҳосилнокӣ* | *с/га* | *213,9* | *211,7* | *210* | *179,4* | *226,2* | *205,2* |
| 4 | *Картошка* | *тонна* | *1436* | *1475* | *1669* | *1866* | *1757* | *2767* |
| | *Кишти замин* | *га.* | *64* | *68* | *91* | *108* | *89* | *143* |
| | *Ҳосилнокӣ* | *с/га.* | *224,4* | *217,4* | *182,6* | *172,7* | *193,3* | *181,1* |
| 5 | *Меваҷот* | *тонна* | *541* | *1253* | *862* | *1704* | *1101* | *1118* |
| | *Ҳосилнокӣ* | *с/га* | *8,1* | *17,8* | *5,3* | *24,4* | *17,5* | *17,1* |
| 6 | *Ангурпарварӣ* | *тонна* | *191* | *345* | *325* | *455* | *383* | *345* |
| | *Ҳосилнокӣ* | *с/га* | *14,8* | *27,3* | *26,7* | *29,9* | *28,7* | *27,2* |
| 7 | *Хуроки чорво* | *тонна* | *7408* | *7408* | *6129* | *16360* | *18511* | *18917* |
| | *Кишти замин* | *га* | *2271* | *2376* | *3131* | *3317* | *4252* | *1894* |
| 8 | *Полезӣ* | *тонна* | *671* | *764* | *804* | *1618* | *2550* | *3634* |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | *Кишти замин* | *га* | *51* | *77* | *61* | *73* | *203* | *307* |
| | *Ҳосилнокӣ* | *с/га* | *131.6* | *99.2* | *131.8* | *221.6* | *125.6* | *118.3* |
| *9* | *Шолипарварӣ* | *тонна* | *3220* | *3056* | *3440* | *2895* | *3492* | *3783* |
| | *Кишти замин* | *га* | *1178* | *1838* | *1163* | *1122* | *1281* | *1313* |
| | *Ҳосилнокӣ* | *с/га* | *28.1* | *27.1* | *27.4* | *23.9* | *25.8* | *27.8* |
| *1* | *Гушт* | *тонна* | *1682* | *1700* | *1714* | *2020* | *1978* | *2037* |
| *2* | *Шир* | *тонна* | *15436* | *15102* | *14590* | *14360* | *11970* | *15208* |
| *3* | *Тухм* | *ҳазор дона* | *751* | *756* | *958* | *964* | *700* | *729* |
| *4* | *Асал* | *тонна* | | | *41* | *42* | *91* | *60* |
| *5* | *Пилла* | *тонна* | *273* | *185* | *107,2* | *193* | *154* | *61* |

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳаҷми маҳсулоти растанипарварӣ, дар тӯли солҳои нишондодашуда, ба ғайр аз пахта, тамоюли болоравӣ дошта, ҳосилнокӣ аз ҳар гектар нисбатан зиёд шудааст. Қайд кардан зарур аст, ки сабаби пастравии истеҳсоли маҳсулоти пахта ба он вобаста аст, ки дар соли 2010, нисбат ба соли 2008 майдони кишти пахта 925 гектар кам шуд.

Ҳаҷми истеҳсоли ғалла ба ҳар сари аҳолии ноҳия, дар соли 2010-ум 129,2 кг, аз ҷумла гандум 62,0 килограмро ташкил дод. Ҳаҷми истеҳсоли ғалла ба ҳар нафар аҳолӣ нисбат ба соли 2009-ум 12,4 % кам шудааст. Сабаби асосии он – паст гардидани ҳосилнокии гандум, аз ҳисоби кам намудани масоҳати заминҳои кишти гандум (бо сабаби он, ки нархи гандум дар солҳои 2006-2010 дар бозор 0,45-0,50 сомонӣ буд) ва ба ҷои он кишт намудани пахта ва хӯроки чорво мебошад.

Дар тӯли солҳои охир, дар ноҳияи Спитамен раванди афзоиши ҳаҷми истеҳсоли картошка баръало мушоҳида мешавад. Ҳаҷми истеҳсоли картошка дар соли 2010 нисбат ба соли 2009 1,2 маротиба ва ҳосилнокӣ аз 1 гектар то 81,1 сентнер афзудааст.

Сабабҳои асосие, ки ба афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ таъсири манфӣ мерасонанд, ин афзоиши бесобиқаи нархи сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ (дар моҳи майи соли 2011 нархи 1 литр сӯзишвории дизелӣ - 6.2 сомониро ташкил дод), набудани хизматрасонии муосири иҷораи молиявӣ (лизинг) ва ҳолати бади инфрасохтори соҳаи кишоварзӣ, бахусус дар низоми таъминоти оби полезӣ ва ҳолати бади роҳҳои маҳаллӣ, инчунин фарсудагии техникаҳои кишоварзӣ, аз фаъолият бозмондани корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, дастрасии нокифояи хоҷагиҳои фермерӣ ба қарзҳои дарозмӯҳлат ва камфоиз, гарон будани будани нархи нуриҳои минералӣ, бақияпулии зиёди қарзи андоз ва бақияи қарзи истифодаи об, мебошанд. Мушкилоти дигари соҳаи кишоварзии ноҳия, ин ба таври кофӣ таъмин набудани соҳа бо техникаи нави кишоварзӣ мебошад.

**Боғу токпарварӣ.** Соҳаи дигаре, ки дар бобати таъминоти аҳолӣ бо озуқаворӣ, афзун гардонидани имкониятҳои содиротии ноҳия ва ҷиҳати бо кори доимӣ таъмин намудани аҳолӣ, мавқеи муайянро ишғол менамояд, соҳаи боғу токпаварӣ мебошад. Ба санаи 1 январи соли 2011-ум дар хоҷагиҳои ноҳия 487 га боғу токзор мавҷуд буда, дар соли 2010-ум дар майдони 430 га боғу токзории нав бунёд гардидааст, ки барои зиёд намудани истеҳсоли меваҷот ва инкишоф додани ин соҳа таъсири мусбӣ расонида истодааст.

Солҳои охир, майдони аксари боғу токзорҳои ноҳия, аз сабаби нагузаронидани чорабиниҳои агротехникӣ, бахусус, коркарди кимиёвӣ ба муқобили касалиҳои боғу токзор ва ҳашаротҳои зараррасон, қариб хароб гардидааст. Сабаби асосии пастшавии ҳосил, паҳншавии касалиҳои гуногуни замбуруғӣ ва зиёдшавии миқдори ҳашаротҳои зараррасон мебошад.

Аз ин лиҳоз, лозим аст, ки дар ноҳия чорабиниҳои дахлдор оиди барқарорсозии фаъолияти стансияҳои муҳофизати растаниҳо андешида шаванд.

Дар ноҳияи Спитамен аз 369 адад тракторҳои мавҷудаи хоҷагиҳои деҳқонӣ, 195 адади он ба кор омода буда, 174 адади он корношоям мебошад. Аз ин шумора, 64,9%-и тракторҳои шудгоркунда ва 58%-и тракторҳои ғилдиракдор ба кор омода мебошанд.

Дар баробари ин, норасогии қисмҳои эҳтиётӣ, сӯзишворӣ, равганҳои молиданӣ ва гаронии нархи онҳо, ба баланд шудани арзиши маҳсулоти кишоварзӣ бевосита мусоидат менамояд.

*Ҷадвали №9. Маълумот оид ба техникаҳои кишоварзии ноҳияи Спитамен*

| *№* | *Номгӯи техникаҳо* | *Ҳамагӣ* | *Омода* | *%-и омодагӣ* |
|---|---|---|---|---|
| *1* | *Тракторҳо* | *369* | *195* | *52,8* |
| | *аз ҷумла: шудгоркунанда* | *57* | *37* | *64,9* |
| | *гилдиракдор* | *312* | *181* | *58* |
| *2* | *Автомобилҳо* | | | |
| *3* | *Комбайнҳои галладарав* | *8* | *8* | *100* |
| *4* | *Ядакҳои тракторӣ* | *183* | *90* | *49,1* |
| *5* | *Достҳои тракторӣ* | *0* | *0* | *0* |
| *6* | *Алафҷамъкунакҳо* | *0* | *0* | *0* |
| *7* | *Тойбандакҳо* | *0* | *0* | *0* |
| *8* | *Тухмипошакҳо* | *86* | *73* | *84,8* |
| *9* | *Култиваторҳо* | *93* | *80* | *87* |
| *10* | *Испорҳои тракторӣ* | *0* | *0* | *0* |

**Низоми обёрӣ.** Обёрии заминҳои мавҷуда ва беҳтар гардонидани ҳолати мелиоративии заминҳо низ, яке аз мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳаи кишоварзии ноҳияи Спитамен буда, ҳалли мушкилоти мазкур дар зиёд намудани ҳаҷми истеҳсолоти кишоварзӣ ва бо кор таъмин намудани аҳолӣ аҳамияти махсусан калон дорад.

Дар баробари ин, ҳолати каналҳои магистралӣ ва пойгоҳҳои обкашии ҳудуди ноҳия ғайриқаноатбахш буда, ба таъмиру тармими ҷиддӣ ва маблағгузории мақсаднок ниёз доранд. Азбаски хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия дар назди хоҷагии об зиёда аз 2 млн. 700 ҳазор сомонӣ қарздор мебошанд, хоҷагии оби ноҳия барои таъмири сариваќтии иншоотҳо имконият надорад.

Мушкилоти дигари соҳаи кишоварзӣ, бахусус бахши растанипарварӣ, ин хароб-шавии заминҳо аз ҳисоби мавҷуд набудани низоми киштгардон мебошад. Дар ноҳия майдони заминҳои обӣ дар маҷмӯъ 3900 гектарро ташкил медиҳад ва аз ин 6400 гектар ё 46 фоиз, ба воситаи пойгоҳҳои обкашӣ ва майдони боқӣ мондаи заминҳои ноҳия, аз манбаъҳои табиии оби Оқсу, Исфанасой ва чашмаҳои табиӣ обёрӣ карда мешаванд.

Бинобар кӯҳнаву фарсуда шудани пойгоҳҳои обкашӣ ва таъминоти нокифояи оби полезӣ дар давраи нашъунамои растаниҳо, мушкилиҳои мавҷудаи соҳа дучанд гашта, сатҳи ҳавасмандии деҳқононро нисбати кишти зироатҳо паст намудааст.

Айни замон, дар ноҳия 17 адад пойгоҳҳои обкашӣ, кӣ дар он 58 адад дастгоҳҳои обкашӣ мавҷуд мебошанд, фаъолият менамоянд. Ғайр аз ин, дар ноҳия 55 адад чоҳҳои амудӣ фаъолият менамоянд, ки 20 адади он барои обёрӣ ва 35 адади он барои беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо ва барои паст намудани сатҳи обҳои зеризаминӣ истифода мешаванд. Дар ноҳия майдони 6018 гектар замин бо ёрии истгоҳҳои обкашӣ ва 410 гектар замини корам бошад, тавассути 20 адад чоҳҳои амудӣ обёрӣ мегарданд.

Бо мақсади таъминоти оби полезӣ ва нушокӣ, дар ҷамоатҳои ноҳия бунёди иншоотҳои нави обтаъминкунанда, чоҳҳои амудӣ ва хатҳои нави оби нӯшокии хушсифат ва безараргардонидашуда ногузир мебошад.

**Пиллапарварӣ.** Дар солҳои охир дар ноҳия, бо зарар ҷамъбаст гардидааст. Масалан, агар дар солҳои 2005-2007 ҳаҷми истеҳсоли пилла дар ноҳия 565,2 тоннаро ташкил дода бошад, дар солҳои 2008-2010 ҳаҷми истеҳсоли пилла ба 408 тонна баробар гардидааст. Сабаби асосии кам гардидани истеҳсоли пилла, ин дар ноҳия дар натиҷаи касалии оташаки тут аз ҳосил ва нашъунамо мондани дарахтони тут, ки хӯроки асосии кирмаки пилла мебошад, паст шудани ҳавасмандии аҳолӣ нисбати парвариши пилла, аз сабаби камдаромад гардидани соҳаи мазкур ва гарон гардидани нархи хизматрасониҳои нақлиётӣ (кашондани хӯрокии кирмак аз масофаи гуногун) барои аҳолии деҳот ва хоҷагиҳои деҳқонӣ мебошад.

**Чорводорӣ.** Чорводорӣ дар баробари дигар соҳаҳо яке аз бахшҳои асосии кишоварзии ноҳия буда, дар соли 2010 вазни қиёсии он дар маҷмӯи маҳсулоти кишоварзии

ноҳия 14,5 фоизро ташкил намуд. Дар соли 2010 чорводорони ноҳия, ба маблағи 23 млн. 849 ҳазор сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд, ки нисбати нишондиҳандаҳои соли 2009-ум 0,7 фоиз зиёд бошад ҳам, талаботи имрӯзаи аҳолиро қонеъ гардонида наметавонанд.

***Диаграммаи №3. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти чорводории ноҳияи Спитамен дар тӯли солҳои 2008-2010 (млн. сомонӣ)***




Дар ноҳияи Спитамен аз рӯи баҳисобгирии хоҷагиҳои деҳқонӣ ва шахсӣ, зиёда аз 30447 саршумори моли калони шохдор, аз он ҷумла 23428 сар модагов, 48987 сар бузу гӯсфанд, 750 сар асп ва 42874 сар парранда мавҷуд аст, вале афзоиши саршумор ва истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ нест.

***Ҷадвали №10. Саршумори умумии ҳайвонот дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ (сар)***

| *Нишондиҳандаҳо* | *2000* | *2001* | *2007* | *2008* | *2009* | *2010* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| *1. Чорвои калон* | *26195* | *27614* | *30333* | *30424* | *29810* | *30447* |
| *2. Бузу гӯсфанд* | *39139* | *42450* | *48694* | *48898* | *48102* | *48987* |
| *3. Парранда* | *21369* | *26296* | *34104* | *43782* | *33892* | *42874* |
| *4. Асп* | *569* | *574* | *757* | *747* | *789* | *750* |

Таҳлили ҳолати соҳа нишон медиҳад, ки дар ноҳия афзоиши солонаи саршумори ҳайвонот хело паст буда, соли 2010 дар қиёс ба солҳои 2007-2008 мутаносибан чорвои калон 0,4% ва 0,1%, бузу гӯсфанд 0,6 % ва 0,2% зиёд ва микдори парранда бошад 25,7% кам (бо сабаби таъсири касалии вабои парранда) гаштааст.

**Занбӯри асалпарварӣ.** Солҳои охир дар ноҳия соҳаи занбӯри асалпарварӣ низ рушд ёфта, Ассотсиатсияи занбӯри асалпарварон ташкил карда шуд. Дар Асотстатсияи мазкур 17 нафар замбӯрпарварони ноҳия шомил буда, шумораи оилаҳои замбӯри асал ба 1648 адад расонида шудааст ва дар натиҷа дар ноҳияи Спитамен ҳамасола ҳаҷми истеҳсоли асал зиёд шуда истодааст.

Барои боз ҳам рушд додани соҳаи замбӯри асалпарварӣ ва дастгирӣ намудани хоҷагиҳои асалпарвар, ба ба замбӯрпарварон дастрас гардонидани қарзҳои камфоизу дарозмӯҳлат, ба мақсад мувофиқ мебошад.

Ҳамзамон, бо мақсади ба хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия дастрас гардонидани хизматрасонҳои муосири бойторӣ, мавқеи ҷугрофии ноҳияро ба назар гирифта, дар ноҳияи Спитамен бунёд ва таҷҳизонидани стансияи бойтории замонавӣ зарур мебошад.

**Хизматрасониҳо ҷиҳати рушди соҳаи кишоварзӣ.** Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар муддати солҳои 2008-2010, аз тарафи муассисаҳои бонкӣ ва ташкилотҳои қарздиҳии хурд, маблағгузории қарзӣ ба соҳаи кишоварзӣ ба маблағи 24 млн. 500,0 ҳазор сомонӣ амалӣ гардидааст. Ҳаҷми маблағгузории қарзӣ ба соҳаи кишоварзӣ сол аз сол афзоиш ёфта истодааст. Агар дар соли 2008-ум ба соҳаи кишоварзӣ 6 млн. 600,0 ҳазор сомонӣ ҷудо шуда бошад, пас дар соли 2010-ум, он ба 7 млн. 600,0 ҳазор сомонӣ расонида шуд,

ки нисбат ба соли 2008-ӯм 1 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Қайд кардан зарур аст, ки сатҳи баланди фоизҳои бонкӣ ва мӯҳлати кӯтоҳи истифодабарии воситаҳои қарзӣ ба кишоварзон имконият намедиҳад, ки сатҳи молиявии худро аз коркард ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ беҳтар намоянд.

***Диаграммаи 4. Ҳаҷми маблағҳои қарзии дар тӯли солҳои 2008-2010 ба соҳаи кишоварзии ноҳияи Спитамен ҷудогардида. (млн. сомонӣ)***




***Ҷадвали №11. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди соҳаи кишоварзии ноҳияи Спитамен дар солҳои 2013-2015. (ҳазор сомонӣ)***

| *Нишондиҳандаҳо* | *с.2011 ҳисобот* | *с.2012 баҳодиҳӣ* | *Параметрҳои дурнамо* | | | *с.2015 бо % нисбати с.2011* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | *с.2013* | *с.2014* | *с.2015* | |
| *Ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ – ҳамагӣ* | *308,9* | *356,2* | *356,4* | *389,7* | *392* | *126,9* |
| *аз он ҷумла:* | | | | | | |
| *Зироаткорӣ* | *247,7* | *277,4* | *277,5* | *310,8* | *312,8* | *126,3* |
| *Чорводорӣ* | *61,2* | *78,8* | *78,9* | *78,9* | *79,2* | *129,4* |

Мувофиқи нишондиҳандаҳои дурнамо ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ то соли 2015 бояд ба 392 млн. сомонӣ расонида шавад, ки афзоиши он нисбати соли 2011-ум 126,9 фоизро ташкил медиҳад.

***Ҷадвали №12. Дурнамои ҳисоби ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ аз руи намудҳои маҳсулот ва соҳаҳо барои солҳои 2011– 2015 (бо ҳисоби аслӣ)***

| *Номгӯи маҳсулот* | *Воҳиди ченак* | *нарх* | *с.2011 ҳисобот* | *с.2012 баҳодиҳӣ* | *с.2013 дурнамо* | *с.2014 дурнамо* | *с.2015 дурнамо* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | *миқдор* | *миқдор* | *миқдор* | *миқдор* | *миқдор* |
| *Ғалладонагӣ* | *Тонна* | *1,3* | *11774* | *15457* | *15470* | *16065* | *16100* |
| *Пахта* | *Тонна* | *4,85* | *12600* | *12070* | *12070* | *12780* | *12780* |
| *Тамоку* | *Тонна* | | | | | | |
| *Картошка* | *Тонна* | *1,35* | *3835* | *2000* | *2100* | *2860* | *3000* |
| *Сабзавот* | *Тонна* | *1,3* | *26242* | *19320* | *19320* | *19320* | *20100* |
| *Полезӣ* | *Тонна* | *1,5* | *4606* | *4298* | *4340* | *4340* | *4500* |
| *Меваҷӣ* | *Тонна* | *2,5* | *1203* | *865* | *870* | *870* | *1000* |
| *Ангур* | *Тонна* | *2,1* | *353* | *157* | *165* | *180* | *220* |
| *Хошок* | *Тонна* | *3,1* | *17974* | *18100* | *18750* | *18810* | *18850* |
| *Ғӣраҳо* | *(ҳазор дона)* | *х* | *х* | *х* | *х* | *х* | *х* |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| *Гӯшт* | *Тонна* | *25* | *2026* | *2026* | *2030* | *2030* | *2035* |
| *Шир* | *Тонна* | *1,65* | *15210* | *15210* | *15250* | *15250* | *15300* |
| *Пашм* | *Тонна* | *1* | *41* | *41* | *41* | *41* | *41* |
| *Тухм* | *(ҳазор дона)* | *0,65* | *734* | *734* | *735* | *735* | *740* |
| *Пилла* | *Тонна* | *7,05* | *82* | *141* | *141* | *141* | *141* |
| *Асал* | *Тонна* | *25* | *60* | *60* | *60* | *60* | *61* |

### *2.1.2. САНОАТ*

**Афзалиятнокӣ барои иқтисодиёти ноҳия.** Саноат яке аз қисматҳои асосии иқтисодиёти ноҳияи Спитамен мебошад. Хаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ноҳия бо нархҳои муқоисавӣ ба 64 млн. 668,0 ҳазор сомонӣ расида, суръати афзоиши он нисбат ба соли 2008-ӯм 178,9 фоизро ташкил намуд.

***Диаграммаи №5. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии ноҳияи Спитамен дар давоми солҳои 2008-2010 (млн. сомонӣ)***




Маҷмӯи маҳсулоти дохилии ноҳия дар соли 2010-ӯм 228 млн. 999,2 ҳазор сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2008-ӯм 145,5 фоиз афзуда, ба маблағи 71 млн. 600,0 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад, аз он ҷумла:

- ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ 64 млн. 600,0 ҳазор сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2008-ӯм 178,9 фоиз буда, ба миқдори 28 млн. 500,0 ҳазор сомонӣ маҳсулоти саноатӣ зиёд истеҳсол гардидааст.

***Диаграммаи 6. Маҷмӯи маҳсулоти дохилии ноҳияи Спитамен дар давоми солҳои 2008-2010 (млн. сомонӣ)***



**Таҳлили вазъи саноати ноҳияи Спитамен.** Соҳаи саноати ноҳия яке аз ҷузъҳои таркибии иқтисодиёти ноҳия ба ҳисоб рафта, дар он потенсиали калони истеҳсоли маҳсулоти саноати сабук, масолеҳи сохтмон, маҳсулоти хӯрокворӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ мавҷуд мебошад.

Мақсади асосии рушди саноати ноҳия, ин ташаккул ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулот ва сатҳи технологии истеҳсолот, бо истифодаи технологияи пешқадам таъмин намудании истеҳсоли маҳсулоти ба талаботи замон ҷавобгӯ барои бозори дохилӣ ва васеъ намудани номгӯи маҳсулоти барои бозори беруна истеҳсолшаванда мебошад.

Дар ноҳияи Спитамен 10 адад корхонаҳои саноатӣ фаъолият менамоянд, ки дар онҳо истеҳсоли маҳсулот бо ашёи хоми маҳаллӣ ба роҳ монда шудааст. Дар сохтори соҳавӣ ҷои нисбатан зиёдтарро коркарди пахта ва дигар маҳсулоти кишоварзӣ ишғол менамояд.

***Ҷадвали №13. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ноҳияи Спитамен***

| № | Номгӯи корхонаҳои саноатӣ | Воҳиди ченак | Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ | | | Ҳиссаи корхонаҳои саноатӣ ба қисми даромади буҷети ноҳия | | | Фоиз нисбат бақисми даромади буҷет | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2008 | 2009 | 2010 | 2008 | 2009 | 2010 | 2008 | 2009 | 2010 |
| 1 | САНОАТИ МАСОЛЕҲИ СОХТМОНӢ | | | | | | | | | | |
| | ҶСК «КМСваК» | ҳазор сомонӣ | 1691,8 | 2595,8 | 2628,3 | 172,6 | 249,2 | 270,7 | 1,98 | 2,16 | 1,9 |
| 2 | САНОАТИ САБУК | | | | | | | | | | |
| | ҶС «Пахтаи Нов» | ҳазор сомонӣ | 11766,7 | 9219,6 | 15090,4 | 1188,4 | 986,5 | 1539,2 | 13,6 | 8,6 | 10,8 |
| | ҶСП «Деҳқон» | ҳазор сомонӣ | 13655,1 | 19296,9 | 27201,0 | 1406,5 | 1948,9 | 2747,3 | 16,1 | 16,9 | 19,4 |
| | ҶДММ «Спитамен текстайл» | ҳазор сомонӣ | | | 1845,1 | - | - | 186,3 | - | - | 1,3 |
| 3 | САНОАТИ ХӮРОКВОРӢ | | | | | - | - | - | - | - | - |
| | ҶДММ «Нонпаз-Нов» | ҳазор сомонӣ | 139,1 | 122,8 | 138,4 | 14,1 | 13,2 | 14,5 | 0,16 | 0,11 | 0,10 |
| | ҶСК «Орди Нов» | ҳазор сомонӣ | | | 2508,9 | - | - | 253,4 | - | - | 1,8 |
| | ҶДММ «Куруш» | ҳазор сомонӣ | | 79,6 | 324,8 | - | 8,0 | 32,8 | - | 0,07 | 0,23 |
| 4 | САНОАТИ МЕТАЛҲОИ РАНГА | | | | | - | - | - | - | - | - |
| | ҶСП «Новсел-маш» | ҳазор сомонӣ | 360,2 | 371,6 | 398,6 | 36,4 | 38,2 | 41,4 | 0,42 | 0,33 | 0,29 |
| | ҶДММ «Чин Чен» | ҳазор сомонӣ | 282,3 | 355,3 | 716,6 | 28,5 | 35,9 | 72,4 | 0,33 | 0,31 | 0,51 |

Дар корхонаҳои саноатии ноҳия 658 нафар коргарон фаъолият менамоянд. Музди миёнаи кормандон дар корхонаҳои саноатии ноҳияи Спитамен 389,7 сомониро ташкил медиҳад. Дар давоми солҳои 2011-2014, бо назардошти шароити имрӯза ва вазъи иқтисодии ноҳия, дар дурнамои рушди иқтисодӣ, дар ҳамаи корхонаҳои саноатии ноҳия афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ пешбинӣ гардидааст.

**Мушкилиҳои асосии** корхонаҳои саноатии ноҳияи Спитамен, ин маҳдудияти имкониятҳои молиявӣ ва нархи гарони технологияҳои муосир ва ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ, рақобатнопазирии махсулоти истеҳсолгардида ва наёфтани харидор барои фуруши пурраи он, норасогии ашёи хоми коркардшаванда, норасогии нерӯи барқ, хусусан дар фасли зимистон ва вобаста ба он фаъолияти на он қадар самараноки корхонаҳои саноатӣ, надоштани мутахассисони соҳаи маркетинг ва менеҷмент, баланд будани фоизи қарзҳои бонкӣ ва дарозмуҳлат набудани воситаҳои қарзӣ мебошанд.

***Ҷадвали №14. Ҳолати корхонаҳои саноатии ноҳия ва молистеъмолкунандагон***

| № | Номгӯи корхонаҳои саноатӣ | Намуди фаъолият ё маҳсулоти истеҳсол мешуда | Иқтидори лоиҳавӣ дар як сол | Иқтидори воқеъӣ | Ҳолати техникии ҳозира | Молистеъмол кунандагон |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | *Саноати масолеҳи сохтмонӣ* | | | |
| 1 | *ҶСК «КМСваК»* | *Масолеҳи оҳану бетон* | *10 ҳаз/м³* | *3 ҳаз/м³* | *Каноатбахш* | *Бозори дохилӣ* |
| 2 | *ҶДММ «КАФС»* | *Истеҳсоли хишт* | *35 млн. дона* | *4 ҳаз. дона/соат* | *Нав* | *Бозори дохилӣ* |
| | | | *Саноати сабук.* | | | |
| 2 | *ҶС «Пахтаи Нов»* | *Коркарди пахта* | *50 ҳаз/тон* | *12 ҳаз/тон* | *Хуб аст* | *Хориҷи кишвар* |
| 3 | *ҶСП «Деҳқон»* | *Коркарди пахта* | *30 ҳаз/тон* | *4 ҳаз/тон* | *Хуб аст* | *Хориҷи кишвар* |
| 4 | *ҶДММ «Спитамен текстайл»* | *Коркарди нахи пахта* | *3000 тн нахи пахта* | *3000 тн нахи пахта* | *Хуб аст* | *Хориҷи кишвар* |
| | | | *Саноати хӯрокворӣ.* | | | |
| 5 | *ҶДММ «Нонпаз Нов»* | *Истеҳсоли маҳсулотҳои нонӣ* | *То 500,0 тона* | *100,0 тн орд* | *Хуб аст* | *Бозори дохилӣ* |
| 6 | *ҶСК «Орди Нов»* | *Коркарди гандум* | *54 ҳаз/тон* | *26 ҳаз/тн* | *Хуб аст* | *Бозори дохилӣ* |
| 7 | *ҶДММ «Куруш»* | *Истеҳсоли маҳсулотҳои машруботӣ* | - | - | *Хуб аст* | *Бозори дохилӣ* |
| | | | *Саноати металҳои ранга.* | | | |
| 8 | *ҶСП «Новселмаш»* | *Коркарди оҳан ва истеҳсоли таҷҳизоти хурд* | | *адад* | *Қаноатбахш* | *Бозори дохилӣ* |
| 9 | *ҶДММ «Ҷин Чен»* | *Истеҳсоли металҳо* | | *550 тн* | *Қаноатбахш* | *Бозори дохилӣ* |

Рушди ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ дар масири ихтисор гардидани истифодаи иқтидорҳои истеҳсолӣ, бо он шарҳ дода мешавад, ки солҳои охир нахи пахта дар бозори ҷаҳонӣ ба таври назаррас (аз ҷумла, нархи 1 тонна нахи пахта дар соли 2009 600 долл. ИМА ва дар моҳи марти соли 2011 то 5440 долл. ИМА) боло рафт.

Сабабҳои фаъолияти ғайриқаноъатбахши корхонаҳои саноатии ноҳия, ин мавҷуд набудани шабакаи таъминоти гази табиӣ дар ноҳия ва норасогию қимат будани арзиши қувваи барқ мебошад.

Илова бар ин, омили навбатии монеа эҷодкунанда ва боздорандаи рушди фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, суст ва нокифоя ҷалб гардидани сармояи мустақими дохилию хориҷӣ, ҳамасола фарсудаю корношоям гардидани инфрасохтори мавҷуда, таҷҳизоту технологияҳои кӯҳнаи серхароҷот, аз ҷониби давлат ба таври зарурии молиявӣ дастгирӣ нашудани корхонаҳои саноатӣ ва надоштани мутахассисони соҳаи маркетингу менеҷменти соҳа дар корхонаҳо, инчунин, дастрас карда натавонистани технологияҳои ҳозиразамон мебошад.

**Имкониятҳо.** Ҷиҳати рушди умумии босуботи саноати ноҳия, омили дар масофаи наздик ҷойгир будан ба шоҳроҳи автомобилгарди Душанбе-Хуҷанд ва роҳи оҳани Душанбе-Конибодом, имконияти васеъ фароҳам меорад. Дар заминаи ин омилҳо, дар ноҳия ташкил намудани Маркази ягонаи логистикӣ, корхонаҳои хурди коркарди маҳсулоти кишоварзию саноатӣ бо истифодаи ашёи хоми соҳаҳои зироаткорию боғу токпарварӣ ва чорводорӣ (коркарди маҳсулоти ширу гӯшт ва пӯсту пашм), занбӯри асалпарварӣ ва канданиҳои фоиданоки маҳаллӣ (истеҳсоли маҳсулотҳои оҳану бетонӣ, истеҳсоли масолеҳи инертии роҳсозӣ, истеҳсоли хишт аз гилхок ва истеҳсоли оҳак аз оҳаксанг), ва дар ин замина ташкили ҷойҳои нави корӣ ва манбаи нави ғанӣ гардонидани буҷет, ба мақсад мувофиқ мебошад.

***Ҷадвали №15. Партовҳои зарарноке, ки корхонаҳои саноатии ноҳияи Спитамен ба фазои атмосфера хориҷ менамоянд***

| *Номгӯи партовҳои зарарнок* | *2008* | *2009* | *2010* |
|---|---|---|---|
| *Ҳамагӣ, тн/г* | *247,698* | *268,467* | *293,273* |
| *Аз он ҷумла, моддаҳои сахт* | *173,798* | *178,318* | *184,196* |
| *Газмонанд ва моеъ* | *73,9* | *90,149* | *109,077* |
| *Аз он ҷумла: $so_2$ (оксиди сулфур)* | *18,475* | *22,537* | *27,269* |
| *CO (оксиди карбон)* | *43,063* | *46,365* | *71,261* |
| *$NO_5$ (Оксиди нитроген)* | *2,736* | *3,731* | *3,822* |
| *$CxH_Y$ (карбонатҳо)* | *9,927* | *8,291* | *4,733* |
| *Дигарҳо* | *2,794* | *4,947* | *4,516* |
| *Барои тоза намудан воридшуда* | *133,412* | *101,465* | *80,842* |
| *Аз он, бездошта ва безарар кардашуда* | *112,633* | *92,363* | *69,493* |

**Омилҳои экологӣ.** Айни ҳол, таъсири корхонаҳои саноатии ноҳияи Спитамен ба бехатарии муҳити зист пурра омӯхта ва мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор нагирифтааст. Атрофи корхонаҳои саноатӣ бо минтақаи сарсабз - дарахтзор ё ҷангал фаро гирифта нашудааст. То имрӯз, аксарияти корхонаҳои саноатии ноҳия шиносномаи экологӣ ва таҷҳизоти чангу ғубор тозакунандаи муосир, инчунин шабакаи мушоҳида, қайд ва баҳисобгирии партовҳои зарарноки ба фазо партофташаванда надоранд.

***Ҷадвали №16. Дурнамои рушди истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ноҳияи Спитамен барои солҳои 2011-2015. (ҳазор сомонӣ)***

| *Нишондиҳандаҳо* | *с.2011 ҳисобот* | *с.2012 баҳодиҳӣ.* | *Параметрҳои дурнамо* | | | *с.2015 бо % нисбати с.2011* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ***Саноат*** | | | *с.2013* | *с.2014* | *с.2015* | |
| *Истеҳсоли маҳсулоти саноати (дар шакли асл) дар корхонаҳои дорои ҳамагуна шакли моликият бо нишондодани тобеъяти идоравии онҳо(бо ченакҳои дахлдор)* | | | | | | |
| *ҶММ "Селмаш"* | | | | | | |
| *қисмҳои эҳтиётӣ барои мошинҳои кишоварзӣ (ҳаз. сом)* | *6,57* | *8,3* | *8,71* | *9,22* | *9,6* | *146%* |
| *ҶДММ "Ҷин-Чен"* | | | | | | |
| *Арматураи пӯлодин, тонна* | *399* | *410* | *425* | *450* | *480* | *120%* |
| ***Саноати масолеҳи сохтмон*** | | | | | | |
| *ҶС "КСМиК"* | | | | | | |
| *махсулотхои охану бетон, м/куб* | *3154,68* | *3312,41* | *3511* | *3721* | *3944* | *125* |
| ***Саноати сабук*** | | | | | | |
| *ҶСП "Деҳқон"* | | | | | | |
| *нахи пахта, тн* | *2617* | *2875* | *3020* | *3170* | *3330* | *127* |
| *тухмӣ, тн* | *4434* | *4860* | *5100* | *5355* | *5620* | *126* |
| *тибит, тн* | *173* | *190* | *200* | *210* | *220* | *127* |
| *торак, тн* | *51* | *56* | *59* | *62* | *65* | *127* |
| *пат, тн* | *53* | *58* | *61* | *64* | *67* | *127* |
| *пахтаи дӯзандагӣ, тн* | *77* | *85* | *89* | *93* | *98* | *127* |
| *матои бетору пуд, ҳаз м/т* | *36,8* | *40,5* | *43* | *45* | *48* | *130* |
| *равгани пахта, тн* | *376* | *415* | *436* | *460* | *485* | *129* |
| *кунҷора, тн* | *1346* | *1480* | *1555* | *1633* | *1715* | *127* |
| *шулха, тн* | *1059* | *1165* | *1223* | *1285* | *1350* | *127* |
| *собуни хоҷагӣ, кг* | *4265* | *4690* | *4925* | *5170* | *5430* | *127* |
| *ҶДММ "Спитамен текстайл"* | | | | | | |
| *Ресмони пахтагин, тн* | *500* | *600* | *700* | *800* | *900* | *180* |
| *ҶС "Пахтаи-Нов"* | | | | | | |
| *нахи пахта, тн* | *1728,1* | *1848,3* | *1930,9* | *2030* | *2134,2* | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| *тухмӣ, тн* | | *3192,2* | *3335,4* | *3506,6* | *3686,6* | |
| *тибит, тн* | | *100,7* | *100,7* | *110,6* | *119,3* | |
| *торак, тн* | | *28* | *28* | *31,5* | *34* | |
| *пат, тн* | | *39,1* | *39,1* | *43,8* | *47* | |
| ***Хӯроквори*** | | | | | | |
| *ҶС Орди-Нов, тн* | | | | | | |
| *орд, тн* | *3907* | *4500* | *5250* | *6000* | *6750* | *172* |
| *ҶДММ "Нонпаз"* | | | | | | |
| *Ҳама намуди маҳсулоти нон, тн* | *133,7* | *137* | *141,2* | *144,7* | *148,3* | *110* |
| *ҶДММ "Куруш"* | | | | | | |
| *маҳсулотҳои шаробӣ, дал* | *23416* | *24167* | *25000* | *25833* | *26666* | *113* |
| *КВД "Матбааи ноҳия"* | | | | | | |

### *2.1.3. СОҲИБКОРИИ ХУРДУ МИЁНА*

***Афзалиятнокӣ барои иқтисодиёти ноҳия.*** Ҳамасола мунтазам афзудани нақши соҳаи соҳибкорию тиҷорати хурд, захираи азими рушди ноҳияро ташкил медиҳад. Тиҷорати хурд дар чунин бахшҳо, чун савдою маҳсулоттайёркунӣ ва фаъолияти омехта, хизматрасонии маишии аҳолӣ ва фурӯши сӯзишворӣ, нақши муҳим мебозад. Шумораи ашхосе, ки ба соҳибкорию тиҷорати хурду миёна машғуланд, дар ноҳия сол то сол афзуда истодааст. Дар соли 2008 дар ноҳияи Спитамен шумораи соҳибкорони тариқи патент фаъолиятдошта ва дорои шаҳодатнома, дар қиёс ба соли 2006-ум 260 нафар зиёд гардидааст. Вале барои рушди устувори шаҳраку деҳот, дастгирии соҳибкорони бахши истеҳсолот муҳим мебошад. Дар шаҳраку деҳот рушди соҳибкорӣ сол аз сол вусъати тоза гирифта истодааст ва айни ҳол, дар ноҳия 73 адад ҷамъиятҳои масъулияташ маҳдуд ва 18 адад ҷамъиятҳои саҳҳомӣ ба қайд гирифта шудаанд.

Омӯзиш нишон дод, ки андозбандии номукаммал ва барои аксари соҳибкорони хурд нофаҳмо, баланд будани фоизҳои қарзҳои бонкӣ ва кӯтоҳ будани муҳлати истифодаи он ба рушди соҳибкорӣ монеагӣ менамояд.

Бо вуҷуди ин, нақши соҳибкорони хурду миёна дар таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулоти хӯрока ва саноатӣ хеле калон аст ва зиёда аз 50,0 фоизи таъмини маҳсулоти бозори дохилӣ ба дӯши онҳо мебошад.

Самти афзалиятноки бахши соҳибкории хурду миёна, бояд баланд бардоштани нақши саноат дар заминаи инкишофи корхонаҳои хурд ва миёна ба ҳисоб равад.

***Диаграммаи 7. Ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноат ва хизматрасонӣ дар бахши соҳибкории хурду миёнаи ноҳияи Спитамен дар давраи солҳои 2008-2010***



Аз ин лиҳоз, бо мақсади рушди сифатноки саноати ноҳия, ташкили намудҳои нави истеҳсолот, дар заминаи ташкили корхонаҳои муштарак оид ба истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, коркарди оҳан, пӯсту пашм, меваю сабзавот ва маҳсулоти пахтагӣ, мувофиқи мақсад мебошад.

***Диаграммаи 8. Ҳиссаи соҳибкории хурду миёна дар истеҳсоли маҳсулот ва пешниҳоди хизматрасониҳо дар соҳаҳои иқтисодиёти ноҳияи Спитамен***




Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки қисми бештари соҳибкорони дар ноҳияи Спитамен ба қайд гирифташуда, ба фаъолияти кишоварзӣ, саноат, тиҷорат ва махсусан, дар соҳаи хизматрасонӣ машғул ҳастанд. Дар ин давра дар ноҳия як қатор корхонахои хурд ташкил шуданд, ки барои ба роҳ мондани истеҳсолоти худӣ ва бо молҳои истеҳсоли ватанӣ ғанӣ гардонидани бозори дохилӣ, муҳаё намудани ҷойҳои нави корӣ ва бо ин восита паст кардани сатҳи камбизоатӣ шароит фароҳам меоранд. Дар ноҳия аз 45 ҷамъиятҳои масъулияташ маҳдуди ба қайдгирифташуда беш аз 24,6 фоизашон бо сабаби набудани ашёи хом ё сабабҳои дигар, аз фаъолият боз мондаанд. Аз шумораи умумии аҳолии қобили меҳнати ноҳия, ки 49587 нафарро ташкил медиҳад, тақрибан 1686 нафар ё 3,0 фоиз ба соҳибкорӣ ва тиҷорат машғуланд. Захира ва имкониятҳои дохилии ноҳия ба афзоиши ҳамасолаи шумораи корхонаҳои хурд заминаи хуб фароҳам меоранд.

***Ҷадвали №17. Нақши СХМ дар шуғли аҳолӣ ва таъмини ҷойҳои корӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти ноҳияи Спитамен***

| *Соҳаҳои иқтисодиёт* | *Шумораи субектҳои ба қайд гирифташуда* | | *Шуғл* | |
|---|---|---|---|---|
| | *Шахсони ҳуқуқӣ* | *Шахсони воқеъӣ* | *Миқдори ҷойҳои корӣ* | *Ҳиссаи умумӣ дар шуғли аҳолӣ* |
| *Кишоварзӣ, бо назардошти коркард* | *148* | *276* | *13490* | *11,4%* |
| *Нақлиёт ва коммуникатсия* | *5* | *-* | *282* | *0,24%* |
| *Савдо* | *5* | *-* | *195* | *0,16%* |
| *Саноат* | *13* | *-* | *1160* | *0,98%* |
| *Сохтмон* | *6* | *-* | *18* | *0,01%* |
| *Хизматрасонии молиявӣ* | *5* | *-* | *101* | *0,08%* |
| *Ҳамагӣ* | *182* | *276* | *15246* | *12,87%* |
| *Ҳамагӣ аҳолии машғули кор буда* | *252* | *-* | *20181* | *17%* |

Дар ғанӣ гардонидани буҷети ноҳия ҳиссаи соҳибкории хурду миёна сол то сол афзоиш ёфта истодааст.

***Ҷадвали №18. Ҳаҷми дохилшавии маблағҳо ба буҷети ноҳияи Спитамен аз ҷониби СХМ. (млн. сомони)***

| *Соҳаҳо* | *2008* | *2009* | *2010* |
|---|---|---|---|
| *Кишоварзӣ* | *3559021* | *4718245* | *5503164* |
| *Нақлиёт* | *154224* | *14000* | *123938* |
| *Саноат* | *1127023* | *1509196* | *1646932* |
| *Алоқа* | *154224* | *57600* | *50211* |
| *Энергетика* | *2284* | *1780* | *1810* |
| *Мелиоратсия ва хоҷагии об* | *106770* | *111700* | *287209* |
| *Сохмон* | *320312* | *193720* | *365539* |
| *Савдо ва хизматрасонӣ* | *344039* | *161440* | *572409* |
| *Дигарҳо* | *6074157* | *9500958* | *11533327* |
| *Ҳамагӣ* | *11863404* | *16268639* | *20084539* |
| *Ҳаҷми умумии воридоти маблағҳо аз ҳисоби соҳибкорони инфиродӣ* | *6820224* | *7006194* | *7814142* |

***Мушкилоти асосии соҳаи соҳибкорӣ.*** Мушкилиҳои асосие, ки ба рушди соҳибкории хурду миёна дар ноҳия таъсири бевосита мерасонанд: норасогии нерӯи барқ дар фасли зимистон, гаронии нархи технологияҳои нави ҳозиразамон, сатҳи пасти алоқамандӣ ва ҳамкории соҳибкорон ва мақомоти маҳаллӣ, норасогии мутахасисони соҳаи истеҳсоли молу ашёи рақобатпазир, дастрас набудани қарзҳои имтиёзноку дарозмуддат ва баланд будани фоизи маблағҳои қарзии бонкҳо, маҳдуд будани бозори дохилӣ ва мавҷуд набудани савдои наздисарҳадӣ, инчунин сатҳи пасти малакаҳои соҳибкорон, мебошанд.

***Хизматрасониҳои барои рушди соҳибкорӣ дар ноҳияи Спитамен мусоидаткунанда.***

***Фаъолияти бонкҳо.*** Дар ноҳияи Спитамен, дар соҳаи хизматрасонии бонкӣ ҶС «Агроинвестбонк», Бонки давлатии амонатгузории «Амонатбонк», ҶС «Тоҷпромбонк», Бонки «Эсхата», ҶС «Ориёнбонк» ва филиалҳои Фонди қарздҳии хурди «Имон-интернешнл» ва «Оксус» ба амалиётҳои бонкӣ машғуланд.

***Ҷадвали №19. Маблағҳои қарзии дар соли 2010 ба соҳибкорон пешниҳод гардида (млн. сомонӣ)***

| ***Соҳаҳо*** | ***Бонкҳо*** | ***Қарзҳои хурд*** | |
|---|---|---|---|
| | | ***Ҳамагӣ*** | ***Ҳамагӣ маблағҳои қарзие, ки ба занҳо дода шудааст*** |
| *Кишоварзӣ* | *Агроинвестбонк - 5,4*<br>*Амонатбонк - 0,72*<br>*Тоҷпромбонк - 0,0186,*<br>*Имон интернейшнл - 0,0288*<br>*Оксус - 1,1* | *7,7* | *0,5* |
| *Хӯроки умумӣ* | *Тоҷпромбонк - 0,061* | *0,061* | *0,1* |
| *Савдо* | *Амонатбонк - 0,060*<br>*Эсхатабонк - 0,0347*<br>*Имон интернейшнл - 1,9*<br>*Оксус - 0,0136* | *2,5* | *1,4* |
| *Саноат* | *Агроинвестбонк - 2,1*<br>*Имон интернейшнл - 0,004* | *2,1* | - |
| *Сохтмон* | *Агроинвестбонк - 0,008* | *0,008* | *0,3* |
| *Хизматрасонӣ* | *Агроинвестбонк - 1,5*<br>*Тоҷпромбонк - 0,0029*<br>*Имон интернейшнл - 0,978* | *2,5* | *0,9* |
| *Истеъмоли* | *Агроинвестбонк - 0,0150*<br>*Имон интернейшнл - 0,0613*<br>*Эсхатабонк - 0,0107* | *0,95* | *0,3* |

| | | | |
|---|---|---|---|
| *Нақлиёт* | *Тоҷпромбонк - 0,00235* | *0,0023* | - |
| *Дигар соҳаҳо* | *Агроинвестбонк - 1,6*<br>*Амонатбонк - 0,0091*<br>*Тоҷпромбонк - 1,4*<br>*Имон интернейшнл - 4,2* | *7,2* | *0,2* |
| *Ҳамагӣ* | *Агроинвестбонк - 10,7*<br>*Амонатбонк - 0,870*<br>*Тоҷпромбонк - 1,6*<br>*Имон интернейшнл - 8,0*<br>*Оксус - 1,3*<br>*Эсхатабонк - 0,469* | *23,01* | *3,4* |

Бо мақсади тақвият бахшидан ба рушди устувори соҳаи соҳибкорӣ дар ноҳия, анҷом додани як қатор чорабиниҳои манфиатовар, аз ҷумла фароҳам овардани шароит барои равнақи соҳибкорӣ дар бахши хизматрасонӣ ва истеҳсоли маҳсулот (ҷудо намудани замин, бино, андозбандӣ ва ғайра), дарёфти роҳҳои алтернативии дар бозорҳои хориҷи кишвар ба роҳ мондани фурӯши маҳсулоти коркардшуда, дастрас намудани технологияҳои нав бо роҳи иҷораи молиявӣ (лизинг) ва таъсиси курсҳои омӯзишии менеҷмент ва маркетинг, мувофиқи мақсад мебошад.

***Диаграммаи 9. Ҳиссаи маблағҳои қарзие, ки дар соли 2010 бонкҳо дар ноҳияи Спитамен ба бахши соҳибкории хурду миёна пешниҳод намудаанд***




Дар ноҳияи Спитамен, дар сохтори хизматрасониҳои бонкӣ ва пешниҳоди маблағҳои қарзӣ ба соҳибкорон, бештар аз ҷониби ҶС «Агроинвестбонк» ва Фонди қарздиҳии хурди «Имон интернейшнл» маблағ пешниҳод гардидааст.

Ҷиҳати беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва рушди иқтисодиёти шаҳраку деҳот, бонкҳо дар доираи имкониятҳои мавҷуда хизматрасониҳои молиявиро, аз ҷумла интиқоли маблағҳоро ба роҳ монда, ба соҳибкорон ва аҳолӣ қарзҳои кӯтоҳмуддат пешниҳод менамоянд. Дар тӯли солҳои 2008-2010 аз ҷониби бонкҳо ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти ноҳия ба маблағи 57,9 млн. сомонӣ маблағҳои қарзӣ пешниҳод гардидааст.

Аз ҷумла, бахшу шӯъбаҳои бонкҳо, дар давоми соли 2010 барои фаъолияти соҳибкорӣ ва истеъмолӣ дар ҳаҷми 23,1 млн. сомонӣ маблағ пешниҳод намуданд. Аз он ҷумла, дар ин давра аз ҳама бештар ба соҳаи кишоварзӣ, ба маблағи 7 млн. 700,0 ҳазор сомонӣ, ба соҳаи саноат ба маблағи 2 млн. 100,0 ҳазор сомонӣ ва ба соҳаи савдо ба маблағи 2 млн. 500 ҳазор сомонӣ қарз дода шудааст. Ин қарзҳо барои бунёди нуктаҳои фурӯши маҳсулот ва хизматрасонӣ, истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, воридоти маҳсулоти ниёзи мардум, нуриҳои минералӣ, қисмҳои эҳтиётӣ, сӯзишворӣ ва роҳкирои муҳоҷирони меҳнатӣ пешниҳод гардидааст. Хидмати бонкҳои ваколатдор дар кори ба аҳолӣ бо пули нақди асъори хориҷӣ бозпас додани маблағҳои ғайринақдии аз

мамлакатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Муштаракулманофеъ аз ҷониби муҳоҷирони меҳнатӣ интиқол дода шуда, қобили қайд аст ва дар соли 2010 аз ҷониби муассисаҳои бонкии ноҳия, маблағҳо дар ҳаҷми 22,3 млн. доллари ИМА ба сокинони ноҳия дастрас гардонида шудааст.

Новобаста ба он, ки солҳои охир ҳаҷми умумии қарзҳои бонкии ба мизоҷон пешниҳодгардида афзуда бошад ҳам, дар асл фоизи истифодаи онҳо хеле баланд буда, ҳамзамон мӯҳлати баргардонидани онҳо кӯтоҳ аст. Ин омил барои гардиши мӯътадили захираҳои молиявӣ ва навсозии фондҳои асосӣ монеа шуда, ба таъмини рушди устувори соҳаҳои истеҳсолӣ имконият намедиҳад.

Аз ҳаҷми умумии маблағҳои қарзии пешниҳодгардида, ки 23,01 млн сомониро ташкил медиҳад, ҳиссаи муайяни он, яъне 3,4 млн. сомониаш аз ҷониби занони ноҳия истифода гардидааст.

***Диаграммаи 10. Ҳиссаи маблағҳои қарзие, ки ба занҳо дода шудааст***




Омӯзиши масъалаи истифодаи маблағҳои қарзӣ нишон медиҳад, ки маблағҳои пешниҳодгашта аз ҷониби занони соҳибкори ноҳия, 40% дар соҳаи савдо, 9% барои истеъмолот, 26% дар соҳаи хизматрасонӣ истифода мешаванд. Сабаби асосии он, мӯҳлати кӯтоҳи пешниҳоди маблағҳои қарзӣ аз ҷониби бонкҳо ва гардиши нисбатан босуръати маблағҳо дар соҳаҳои мазкур мебошад. Маблағҳои қарзии боқимондаро занҳои соҳибкори ноҳия 14% дар соҳаи кишоварзӣ, 8% дар соҳаи сохтмон ва 3% дар соҳаи хӯроки умумӣ бо мақсади рушди соҳаҳои мазкур ва гирифтани даромади иловагӣ аз он, истифода менамоянд.

***Ҷадвали №20. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди бозори истеъмолӣ дар ноҳияи Спитамен барои солҳои 2013-2015. (ҳазор сомонӣ)***

| *Нишондиҳандаҳо* | *Соли 2011 ҳисобот* | *Соли 2012 баҳодиҳӣ* | *Параметрҳои дурнамо* | | | *Соли 2015 бо % нисбати с2011* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | *с2013* | *с2014* | *с2015* | |
| *Бозори истеъмолӣ* | | | | | | |
| *Гардиши моли чакана дар ҳамаи* | *55,82* | *64,8* | *72,6* | *81,9* | *98,6* | *152,1* |
| *соҳаҳо* | *55,82* | *60,5* | *70,5* | *79,0* | *95,5* | *157,9* |
| *Ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ ба* | *32,74* | *36,5* | *43,6* | *51,2* | *56,3* | *154,2* |
| *аҳолӣ дар ҳамаи соҳаҳо* | *32,74* | *35,5* | *42,3* | *50,1* | *54,9* | *154,6* |
| *Истеҳсоли молҳои ниёзи мардум,* | *21,61* | *25,1* | *29,7* | *33,4* | *38,7* | *154,2* |
| *(хаз. сомонӣ)* | *21,61* | *23,4* | *27,5* | *31,8* | *36,1* | *154,3* |
| *аз ҷумла:* | | | | | | |
| *хӯрокворӣ (ҳазор сомонӣ)* | *20,77* | *23,3* | *27,8* | *29,4* | *33,8* | *145,1* |
| | *20,77* | *21,0* | *24,1* | *26,2* | *29,4* | *140,0* |
| *ғайрихӯрокворӣ (ҳазор сомонӣ)* | - | - | - | - | - | - |
| | - | - | - | - | - | - |

### *Ҷадвали №21. Параметрҳои дурнамои рушди СХМ дар ноҳияи Спитамен барои солҳои 2013-2015*

| *Нишондиҳандаҳо* | *Соли 2011 ҳисобот* | *Соли 2012 баҳодиҳӣ* | *Параметрҳои дурнамо* | | | *Соли 2015 бо % нисбати с2011* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | *с2013* | *с2014* | *с2015* | |
| *Теъдоди корхонаҳо (бе хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) то 15 нафар (воҳид)* | *9* | *13* | *15* | *18* | *20* | *115* |
| *Теъдоди корхонаҳо (бе хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) то 50 нафар* | *10* | *12* | *15* | *20* | *23* | *125* |
| *Шумораи амалкунандагони корхонаҳо то 15 нафар* | *9* | *13* | *15* | *18* | *20* | *115* |
| *Шумораи амалкунандагони корхонаҳо то 50 нафар* | *10* | *12* | *15* | *20* | *22* | *125* |
| *Шумораи коргарон (нафар)* | *19,80* | *20,50* | *20,90* | *21,10* | *21,60* | *108,00* |
| *Маблағи умумӣ аз фӯруши маҳсулот ва хизматрасонӣ (ҳаз.сомонӣ)* | *97867,40* | *105210,50* | *106580,10* | *107410,20* | *110550,40* | *112,90* |
| *Шумораи соҳибкорони инфиродӣ (нафар):* | *1998,00* | *2050,00* | *2090,00* | *2110,00* | *2158,00* | *108,00* |
| *аз ҷумла* | | | | | | |
| *бо фаъолияти шаҳодатнома (нафар)* | *588,00* | *600,00* | *612,00* | *630,00* | *647,00* | *108,00* |
| *бо патент (нафар)* | *1410,00* | *1450,00* | *1478,00* | *1480,00* | *1511,00* | *108,00* |

### *Ҷадвали №22. Параметрҳои дурнамои рушди робитаҳои иқтисодии хориҷии ноҳияи Спитамен барои солҳои 2013-2015*

| *Нишондиҳандаҳо* | *Соли 2011 ҳисобот* | *Соли 2012 баҳодиҳӣ* | *Параметрҳои дурнамо* | | | *Соли 2015 бо % нисбати с2011* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | *с2013* | *с2014* | *с2015* | |
| *Гардиши савдои хориҷӣ - ҳамагӣ ҳазор долл* | *187471,8* | *201680,3* | *224268,5* | *246256,7* | *262359,9* | *139,9* |
| *аз он ҷумла:* | | | | | | |
| *Содирот – ҳамагӣ, ҳазор долл.* | *12 485, 9* | *13772* | *15218* | *15751* | *16538* | *132,5* |
| *Нахи пахта, ҳаз.долл, ҳаз.тонна* | *4 494, 4* | *4902,4* | *5414,3* | *5603,2* | *5881,1* | *130,8* |
| | *1388* | *1531* | *1692* | *1751* | *1838* | *132,5* |
| *Маҳсулоти меваю сабзавот, ҳаз.долл, ҳаз.тонна* | *4494,4* | *5079* | *5612* | *5808* | *6099* | *135,7* |
| | *1,3* | *1,5* | *1,7* | *1,9* | *2,0* | *153,8* |
| *Воридот – ҳамагӣ (ҳазор долл.)* | *174 985, 9* | *187760* | *210291* | *262864* | *276007* | *157,7* |
| *Гандум, ҳаз.долл, ҳаз.тонна* | *6009023* | *6369564* | *6879130* | *8598912* | *9028858* | *150,3* |
| | *21187* | *23157* | *24408* | *25628* | *26910* | *127,0* |
| *Орд, ҳаз.долл, ҳаз.тонна* | *38780* | *41107* | *44395* | *55494* | *58269* | *150,3* |
| | *100,8* | *110* | *116* | *122* | *128* | *127,0* |
| *Маҳсулоти нафтӣ, ҳаз.долл, ҳаз.тонна* | *20453,2* | *21286* | *22435* | *23557* | *24735* | *120,9* |
| | *19,3* | *20,1* | *21,2* | *22* | *23* | *121,0* |
| *аз он ҷумла:* | | | | | | |
| *Сӯзишвори, ҳаз.долл, ҳаз.тонна* | *7205,8* | *7293* | *7386* | *7480* | *7573* | *105,10* |
| | *7,7* | *7,8* | *7,9* | *8,0* | *8,1* | *105,19* |
| *Сӯзишвории дизелӣ, ҳаз.долл, ҳаз.тонна* | *11204,1* | *11540* | *11771* | *11889* | *12067* | *107,70* |
| | *10,2* | *11* | *12* | *12* | *13* | *122,99* |
| *Нуриҳои минералӣ, ҳаз.долл ҳаз.тонна* | *922,6* | *960,2* | *1036,5* | *1088* | *1143* | *123,86* |
| | *2,4* | *2,5* | *2,7* | *2,8* | *3,0* | *124,03* |
| *Равғани растанӣ ва чорво, ҳаз.долл, ҳаз.тонна* | *310,9* | *322* | *344,1* | *381,2* | *405,3* | *130,36* |
| | *2,5* | *2,6* | *2,8* | *3,1* | *3,3* | *132,00* |
| *Қанд ва маҳсулоти қаннодӣ, ҳаз.долл, ҳаз.тонна* | | | | | | |
| *Чӯб ва маҳсулоти он, м3, ҳаз.долл* | *47977,1* | *49599* | *51770* | *53440* | *55110* | *114,87* |
| | *287* | *297* | *310* | *320* | *330* | *114,98* |

## 2.1.4 Стратегия ва вазифаҳои соҳаҳои иқтисодиёт

**Ҷадвали №23**

| Мақсад | Вазифаҳо | Чорабиниҳо ва лоиҳаҳо | Маблаги умумӣ (ҳаз.сом) | Солҳо 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | Манбаи маблаггузорӣ | Натиҷаҳои пешбинишуда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | **Кишоварзӣ** | | | | | | |
| Баланд намудани сатҳи самараноки фаъолияти кишоварзӣ ва дастраси хоҷагиҳои деҳқони ноҳия ба хизматрасониҳои муосири кишоварзӣ. | 1.Дастрасии самараноки хоҷагиҳои деҳконӣ ба техникаю технологияи нави соҳаи кишоварзӣ. | 1.1.Бунёди нуқтаҳои фурӯши нуриҳои минералии сертификатсияшудаю тухмии хушсифат ва қисмҳои эҳтиётии техникаи кишоварзӣ дар ҷамоатҳои Куркат, Оқтепа, Тагояк ва Кӯштегирмон. | 400,0 | - | - | 400,0 | - | - | Соҳибкорони маҳаллӣ | Афзоиши сатҳи даромаднокии х/д то соли 2016 то 40% афзудааст.<br><br>Афзоиши майдони зироатҳори кишоварзӣ ва богу ангурзорҳо то соли 2016 то 25% ва заминҳои кишт то 40% зиёд гардидааст.<br><br>Зиёдшавии истеҳсоли маҳсулоти соҳаи чорводорӣ то соли 2016 то 45%, мева то 45% то соли 2016, сабзавот то 55%, занбӯри асалпарварӣ то 30% расонида шудааст.<br><br>Сатҳи таъминоти х/д бо нуриҳои минералии сертификатсияшудаю тухмии хушсифат ва қисмҳои эҳтиётии техникаи кишоварзӣ<br>то соли 2016 то 80% афзудааст.<br><br>Зиёд гардидани сатҳи даромаднокии х/д то 40% то соли 2016.<br><br>Афзоиши ҳаҷми даромадҳо ба буҷет то соли 2016 то 50% расонида шудааст. |
| | | 1.2.Хариди 2 адад трактори тамгаи «Белорус» бо плуг барои КАС «Гулистон» дар ҷ/д Куркат | 120,0 | - | 120,0 | | - | - | Ҷалби сармояи КАС «Гулистон» | |
| | | 1.3.Ташкили нуқтаи хизматрасонии байторӣ ва бордоркунии чорво аз хисоби насли хушзоти чорво дар маркази ноҳия. | 200,0 | - | - | - | 200,0 | - | Ҷалби сармояи хориҷӣ | |
| | 2.Бунёди корхонахои муштарак, корхонахои хурд, сеххои истеҳсоли оид ба коркарди махсулоти шир, гӯшт ва пашму пӯст дар нохия. | 2.1.Хамасола афзун намудани саршумори чорво ва масоҳати богу токзорхои нав, инчунин масоҳати заминҳои кишт. | 200,0 | - | - | 80 | 120 | - | Ҷалби сармояи хоҷагиҳои деҳқонӣ. | |
| | | 2.2.Ҳамасола афзун намудани майдони богу токзор ва заминҳои кишт. | 100 | - | - | 50 | 50 | - | Ҷалби маблагҳои х/д | |
| | | 2.3.Таъмири асосӣ ва барқарорсозии стансияи кӯҳнаи бойторӣ ва дар заминаи он, ташкил намудани дорухонаи бойторӣ ва нуқтаи бордоркунии сунъии чорво.. | 200,0 | - | - | - | 100 | 100 | Номуайян | |
| | | 2.4.Сохтмони 6 адад гармхона дар ҷ/д Нов. | 500,0 | - | - | - | - | 500,0 | Маблагҳои ХД ба номи «Ҳоҷӣ Исмоил» | |
| | 3.Дастгирии молияви соҳаи замбурпарварӣ | 3.1.Таъмин намудани хоҷагиҳои занбӯри асалпарварии ноҳия бо қарзҳои камфоиз ва дарозмуддат. | 200,0 | - | - | - | - | 200 | Сармояи хориҷӣ | |
| | 4.Татбиқи чорабинихои оид | 4.1. Зиёд намудани майдони дарахтзорхо тавассути пар- | 150,0 | - | - | 50 | 100 | - | Ҷалби сармояи хоҷагиҳои деҳқонӣ | |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | ба хифзи муҳити зист дар соҳаи кишоварзӣ. | вариш ва шинондани ниҳолҳо. | | | | | | | |
| | | 4.2.Корҳои соҳил-мустаҳкамкунии қад-қади дарёи Сир ва дар мавзеҳои хатарноки дигар сойҳои дар ҳудуди ноҳия ҷойдошта. | 500,0 | 20 | 100 | 100 | 100 | 80 | Буҷети ҷумҳуриявӣ | Афзоиши (то соли 2016 то 60%) дастрасӣ ба оби полезӣ. |
| | 5.Таъмир ва баркарорсозии иншоотҳо, таҷҳизотҳои шабакаи мелиоративию ирригатсионӣ ва чоҳҳои амудӣ. | 5.1.Барқарорсозии заҳбуру заҳкашҳои дохили хоҷагиҳои ноҳияи Спитамен. | 200,0 | - | - | - | 100 | 100 | Номуайян | Афзудани ҳосилнокии заминҳо, то 80% то соли 2016, кам шудани масоҳати шӯразаминҳо ва 50% паст шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ. |
| | | 5.2.Тоза ва таъмир намудани каналҳои иригатсионӣ. | 300,0 | - | 100 | 100 | 100 | - | Номуайян | |
| | | 5.3.Чорабиниҳои паст намудани сатҳи обҳои зеризаминӣ ва пешгирии шӯршавии заминҳо. | 200,0 | - | - | - | 100 | 100 | Номуайян | |
| | | 5.4.Бунёд намудани пойгоҳи нави ирригатсионӣ дар мавзеи Шавкати ҷамоати деҳоти Тагояк | 500,0 | - | - | - | 250 | 250 | Буҷети вилоятӣ | То 50% паст гаштани сатҳи касалиҳои сироятӣ дар соҳаи чорвадорӣ, афзоиш ёфтани маҳсулнокии и чорво ва саршумори он. Афзоиши шумораи занбӯрпарварон ва оилаҳои занбӯри асал, баланд гаштани ҳосилноки маҳсулоти занбӯрпарварӣ, афзоиши даромадҳо ба буҷети маҳаллӣ аз соҳаи мазкур то 65% то соли 2016. |
| | | 5.5.Таъмир ва тармими пойгоҳҳои обкашии Нов, Новая, Меҳнат1-2. | 300,0 | - | - | - | 150 | 150 | Номуайян | |
| | 6.Бунёди стансияи бойтории замонавӣ ва доруҳона барои табобати чорвои чамъиятӣ ва аҳолӣ. | 6.1.Таъмир ва барқарорсозии стансияи бойтории мавҷуда ва дар заминаи идораи бойторӣ ташкил намудани дорухона барои таъмини чорвои чамъиятӣ ва аҳолӣ бо доруҳои зарурӣ, бо мақсади паст кардани сатҳи касалиҳои сироятӣ дар байни чорво. | 200,0 | - | - | 100 | 100 | - | Буҷети маҳаллӣ | |
| | 7.Бунёди стансияи муҳофизати растанихо дар ноҳия. | 7.1.Таъмини хоҷагиҳои деҳқонӣ бо доруҳои хушсифат барои мубориза бар зидди ҳашаротҳои ба соҳаи растанипарварӣ зараррасон. | 150,0 | - | - | 150 | - | - | Номуайян | Афзоиши майдони заминҳои обӣ (аз ҳаҷми умумии заминҳои кишоварзӣ) ба 25% то соли 2016. |
| | 8.Беҳтар намудани низоми оберии заминҳои кишоварзӣ ва ҳолати мелиоративии заминҳо | 8.1.Таҷдид ва барқарорсозии 3 км шабакаҳои дренажӣ дар ҷ. Куркат. | 200,0 | - | - | - | 100 | 100 | Маблағҳои хусусии х/д | Зиёд шудани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ то соли 2016 то 40%. |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 8.2.Сохтмони истгоҳҳои обкашии нав дар мавзеи Шавкат, ҷ. Тагояк | 500,0 | - | - | - | 250 | 250 | Буҷети вилоятӣ | . |
| | | 8.3.Таъмир ва барқарорсозии пойгоҳҳои обкашии Нов, Новая, Меҳнат 1 ва 2. | 300,0 | - | - | - | - | 300 | Буҷети маҳаллӣ | |
| | | 8.4.Гузаронидани чорабиниҳо оид ба тоза ва барқарорсозии коллекторҳо, барқарорсозии 20 адад чоҳҳои байнихоҷагӣ ва дохилихоҷагӣ дар ҷамоатҳои ноҳия. | 500,0 | - | - | - | 250 | 250 | Номуайян | |
| | **Ҳамагӣ дар бахши кишоварзӣ** | | **5920** | **20** | **320** | **1030** | **2070** | **2380** | | |
| | | | | | ***Саноат*** | | | | | |
| Бехтар намудани фаъолияти корхонаҳои саноати, самаранокии онхо ва сифати махсулоти истехсолшаванда. | 1.Аз нав таҷхизонидан ва баркарорсозии корхонаҳои саноатӣ. | 1.1.Идомаи сохтмони фабрикаи ресандагию бофандагии ҶДММ «Спитамен текстайл» | 12000,0 | - | - | 4000 | 4000 | 4000 | Ҷалби сармояи КАС «Гулистон» | Афзоиши ҳаҷми истеҳсолоти маҳсулоти саноатӣ хӯрокворӣ то с. 2015 то 28 % ва саноати сабук то 25 % расонида шудааст.<br><br>Афзоиши шугли аҳолӣ дар бахши саноат беҳтар гардидааст ва дар ин замина то соли 2015 то 500 ҷойи кори нав ташкил гардидааст.<br><br>Истеҳсоли маҳсулоти саноати ширу гӯшт, пашму пӯст ва консерваҳо дар ноҳия то с.2016 то 45 % зиёд гардидааст.<br><br>То соли 2015 вазъи муҳити зист дар ноҳия то 50% беҳтар ва тозатар гаштааст.<br><br>Ҳаҷми маҳсулоти саноатии истеҳсолгардида то соли 2016 то 60% афзоиш ёфтааст. |
| | | 1.2.Бунёди корхонахо ва сехҳои хурди истеҳсолӣ оиди коркарди маҳсулоти ширу гӯшт, пашму пуст ва меваю сабзавот дар маркази ноҳия. | 2300,0 | - | - | 1000 | 500 | 800 | Номуайян | |
| | | 1.3.Бунёди корхонаи равганбарории ҶДММ «Спитамен-ойл» дар ҷ/ш Нов | 5500,0 | 5500 | - | - | - | - | ҶСК «Гулистон» Ҳакимов С. Д | |
| | | 1.4.Идомаи сохтмони корхонаи коркарди маҳсулоти галлагӣ, ҷ/д Нов. | 3200,0 | 2000 | 1200 | - | - | - | Соҳибкор Муҳаммадҷони Мардон | |
| | 2.Кам кардани ҳаҷми партовҳои зароварии корхонаҳои саноатӣ, ки муҳити зистро ифлос менамоянд. | 2.1.Бунёди корхонаи коркарди партовҳои сахти маиши дар заминаи КВД «ХМК»-и ноҳия | 500,0 | - | 200 | 300 | - | - | Номуайян | |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | ***Ҳамагӣ дар бахши саноат*** | | ***23500*** | ***7500*** | ***1400*** | ***5300*** | ***4500*** | ***4800*** | | |
| ***Соҳибкории хурд ва миёна*** | | | | | | | | | |
| *Беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ҷиҳати мусоидат намудан ба рушди соҳибкорӣ* | *1.Истифодаи самараноки маблағҳои хусусии соҳибкорон бо мақсади рушди ноҳия.* | *1.1.Сохтмони ҳаммом, чойхонаи миллӣ ва тӯйхона дар деҳаи Оқтепаи ҷамоати деҳоти Оқтепа.* | *3300,0* | *2200* | *1100* | *-* | *-* | *-* | *Маблағҳои соҳибкор Аҳрорқулов Б.* | *Шумораи ҷойҳои кории нави аз ҷониби СХМ ташкилгардида то соли 2016 то 1500 адад расонида шудааст.* |
| | | *1.2.Сохтмони коргоҳҳои хурди коркарди маҳсулоти ширу гушт ва пашму пӯст, меваю сабзавот дар ноҳия.* | *2300,0* | *-* | *-* | *-* | *1000* | *1300* | *Номуайян* | |
| | | *1.3.Сохтмони бинои филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар маркази ҷ/ш Нов* | *1800,0* | *1800* | *-* | *-* | *-* | *-* | *Маблағҳои ҶСК «Агроинвестбонк»* | |
| | | *1.4. Бунёди бинои 2 ошёнаи маркази савдои «Спитамен» дар ҷ/ш Нов.* | *4045,0* | *-* | *-* | *-* | *2500* | *1545* | *Маблағҳои соҳибкор Эшонқулов А.* | |
| | | *1.5. Сохтмони бинои 2 ошёнаи филиали корхонаи қарзидии хурди «Имон интернейшнл» дар ҷ/ш Нов* | *2900,0* | *2900* | *-* | *-* | *-* | *-* | *Маблағҳои соҳибкор Ризоев К.* | |
| | | *1.6.Сохтмони меҳмонхона ва ошхона дар ҷ/д Куркат.* | *145,0* | | *145,0* | *-* | *-* | *-* | *Маблағҳои соҳибкор Ҷӯраева Х.* | |
| | | *1.7.Сохтмони нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ, тӯйхона ва чойхона дар ҷ/д Куркат.* | *455,0* | | *455,0* | *-* | *-* | *-* | *Маблағҳои соҳибкор Ӯринов Ш.* | |
| | | *1.8.Нуқтаи хизмати маишӣ дар ҷ/ш Нов* | *220,0* | *-* | *220* | *-* | *-* | *-* | *Маблағҳои соҳибкор Хазратқулов Х* | |
| | | *1.9.Сохтмони нуктаи таъмири наклиёти сабукрав дар чамоати Куштегирмон* | *400,0* | | | | *150* | *250* | *Маблағҳои соҳибкор Бекмуродов Г* | |
| | | *1.10.Сохтмони магозаи тиҷоратӣ дар ҷ/ш Нов* | *330,0* | | *100* | *230* | | *-* | *Маблағҳои соҳибкор Зокиров С.* | |
| | | *1.11.Сохтмони нуқтаҳои савдо ва хизмати маишӣ дар деҳаи Янгиободи ҷ/д Нов* | *550,0* | *-* | | *200* | *150* | *200* | *Маблағҳои соҳибкор Рофиев А.* | |
| | | *1.12.Сохтмони бинои 2 ошёнаи маркази хизматрасонии маишӣ дар ҷ/ш Нов.* | *950,0* | *-* | | *300* | *350* | *300* | *Маблағҳои соҳибкор Саидов Ф.* | |
| | | *1.13.Сохтмони терминали* | *70,0* | *70,0* | *-* | *-* | *-* | *-* | *Маблағҳои* | *Ҳаҷми гардиши мол дар* |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | *мусофиркашонӣ ва нуқтаи хизматрасонии нақлиёт дар ҷ/д Нов.* | | | | | | | *соҳибкор Амонов Ҷ.* | *соҳаи СХМ ноҳия нисбати ММ саноатии ноҳия то соли 2016 зиёда аз 50% афзудааст.* |
| | | *1.14.Сохтмони маркази савдо ва нуқтаҳои хизматрасони дар ҷ/ш Нов.* | *1600,0* | *1600* | - | - | - | - | *Маблағҳои соҳибкор Камолова Ф.* | *Ҳаҷми даромадҳо аз ҳисоби СХМ ба буҷети маҳаллӣ то соли 2016 зиёда аз 55 % афзудааст.* |
| | | *1.15.Сохтмони қаҳвахона ва мағоза дар деҳаи Қӯштегирмони ҷ/д Қӯштегирмон.* | *120,0* | *80* | *40* | - | - | - | *Маблағҳои соҳибкор Раҳматиехов Г.* | |
| | | *1.16.Сохтмони хонаи истиқомати 2 ошёнаи 12 хуҷрагӣ дар ҷ/ш Нов* | *1134,9* | - | - | - | *1000* | *134,9* | *Маблағҳои ҶСП «Деҳқон»* | *Дар бахши СХМ то соли 2016 зиёда аз 740 ҷойҳои нави корӣ ташкил карда шудааст.* |
| | *2.Ташкил намудани корхонаҳои хурди муштарак ва сехҳои истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир* | *2.1.Ташкили корхонаи маҳсулоти бастабандии (упаковочная продукция) дар маркази ноҳия.* | *250,0* | - | - | - | *125* | *125* | *Номуайян* | |
| | | *2.2.Сохтани бозори наздисарҳадӣ дар маҳаллаи Платинаи ҷамоати деҳоти Қӯштегирмон.* | *300,0* | - | - | | *150* | *150* | *Ҷалби сармояи соҳибкорон* | |
| | | ***Ҷамъ дар бахши СХМ*** | ***20869,9*** | ***8650*** | ***2060*** | ***730*** | ***5425*** | ***4004,9*** | | |
| | | ***Ҳамагӣ блоки иқтисодӣ, аз ҷумла*** | ***50289,9*** | ***16170*** | ***3780*** | ***7060*** | ***11995*** | ***11184,9*** | | |
| | | *Буҷети маҳаллӣ* | *500* | - | - | *100* | *100* | *300* | | |
| | | *Буҷети вилоятӣ* | *1000* | - | - | | *500* | *500* | | |
| | | *Буҷети ҷумҳуриявӣ* | *500,0* | *20* | *100* | *100* | *100* | *80* | | |
| | | *Сармояи хориҷӣ* | *400* | - | - | - | *200* | *200* | | |
| | | *Маблағҳои соҳибкорон,бонкҳои маҳаллӣ, х/д ва аҳолӣ* | *40689,9* | *16150* | *3380* | *5310* | *8670* | *7179,9* | | |
| | | *Эҳтиёҷот ба маблағ* | *7200* | - | *300* | *1550* | *2385* | *2925* | | |

## 2.2. СОҲАҲОИ ИҶТИМОӢ

### *2.2.1. ТАНДУРУСТӢ*

Тандурустӣ барои беҳбудии саломатии аҳолӣ, ҳамчун самти асосӣ ва афзалиятнок ва яке аз соҳаҳои муҳим ба ҳисоб меравад.

Дар фасли мазкур, самтҳои афзалиятноки соҳаи тандурустии ноҳияи Спитамен ва чорабиниҳое, ки барои беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои муосир ва сифатнокӣ тиббӣ, инчунин, заминагузории асосҳои низоми ёрии тиббию беҳдоштии аввалияе, ки ногузиранд, мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтааст. Бахши тандурустии ноҳия зерсохторҳоеро, аз қабили дармонгоҳҳо ва марказҳои саломатӣ, ҳамзамон масоили ҳолати саломатии аҳолӣ ва дастрасии хизматрасониҳои тандурустӣ, мушкилиҳои мавҷудаи низоми тандурустӣ, ҳадафҳо ва ғайраро фаро гирифтааст.

Аз рӯи маълумоти расмӣ дар ноҳияи Спитамен давомнокии миёнаи умри мардон аз 59 то 76 сол ва занон аз 65 то 76 солро ташкил медиҳад.

***Бемориҳои паҳншуда.*** Маълумотҳои расмӣ нишон медиҳанд, ки дар байни аҳолии ноҳияи Спитамен, бемориҳои аз ҳама бештар паҳншуда, ин фишори баланди хун, бемориҳои дил, диабети қанд, сил, зардпарвин ва кирми рӯда (гелминтоз) дар байни кӯдакон ва наврасони то 14-сола, мебошад. Сабаби паҳн шудани чунин бемориҳо дар байни аҳолӣ, сари вақт аз ташхис нагузаштани беморон, сатҳи пасти иттилотнокии тиббии аҳолӣ оиди масоили тарзи ҳаёти солим ва пурра таъмин набудани аҳолӣ бо оби тозаи ошомиданӣ, мебошад.

**Саломатии модар ва кӯдак.** Беҳдошти саломатии аҳолӣ, самти муҳими соҳаи иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, масъалаҳои вазъи солимии аҳолӣ, дастрасӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳои босифати тиббӣ ба табақаи осебпазири аҳолӣ, аз ҷумла занон ва кӯдаконро дар бар мегирад. Мавриди зикр аст, ки дар ноҳия теъдоди занони қобили таваллуд 26,4 дарсади шумораи умумии аҳолии ноҳияро ташкил медиҳанд.

Дар ноҳияи Спитамен 99,4%-и таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ ва 0,6 % дар шароити хона гузаронида мешавад. Сабаби асосии дар хона таваллуд намудани занҳо, ин дер мурочиат намудан ба кӯмаки тиббӣ ва ҳодисаҳои таваллуди таъҷилӣ мебошад. Қариб 60% ҳолати таваллудҳои хонагӣ бо иштироки момодояҳо гузаронида мешавад (ниг.ҷадвали №24).

***Ҷадвали №24. Таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ ва дар шароити хона, сатҳи фавти модар дар ноҳияи Спитамен***

| *Нишондиҳандаҳо* | *2008* | *2009* | *2010* |
|---|---|---|---|
| *Шумораи умумии таваллуд* | *2949* | *3325* | *3434* |
| *Таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ* | *2918* | *3301* | *3414* |
| *Бо ҳисоби фоиз* | *98,9* | *99,2* | *99,4* |
| *Таваллуд дар хона* | *31* | *24* | *20* |
| *Бо ҳисоби фоиз* | *1,1* | *0,8* | *0,6* |
| *Мурда таваллудшуда* | *27 (9,2%)* | *38 (11,5%)* | *6 (8%)* |
| *Фавти модар (шумора/ шумора ба 100 ҳаз. з/т)* | *1* | *1* | *-* |
| *Занҳои синни қобили таваллуд (аз 15 то 49 сола)* | *28001* | *29184* | *30475* |

Таҳлили нишондиҳандаҳои солҳои охир нишон медиҳад, ки дар ноҳияи Спитамен, афзоиши шумораи умумии таваллуд 30% аз ҳисоби таваллуди нахустҳомиладорон ва 50% аз ҳисоби заноне, ки фосилаи байни таваллудашон то 2 сол мебошад, ба вуҷуд омадааст.

Дар ноҳия соли 2010 ҳодисаҳои фавти модар ба қайд гирифта нашудааст. Аз рӯи таҳлили мутахассисони соҳа, сабаби ҳодисаҳои фавти модар дар солҳои 2008-2009, ин хунравии шадиди баъди таваллуд, бемориҳои экстрогенеталӣ ва эмболия бо оби назди тифл мебошад.

Мушкилии дигари соҳаи тандурустии ноҳия, ҳодисаҳои мурда таваллуд шудан мебошад. Ин нишондиҳанда сол ба сол паст шуда бошад ҳам, дар соли 2011 тамоюли болоравиро касб намудааст. Сабабҳои асосии мурда таваллуд гуногунанд, аз ҷумла:

- бемориҳои ғайригениталии ҳомиладорон (зуком, бемориҳои шадиди роҳи нафас, пиелонефрит, ҷоғар ва ғайра),
- бемориҳои сироятии узвҳои таносул (колпит, аднексит, эндометрит),
- авоpизҳои ҳомиладорӣ (гестоз, бисёробӣ, камобӣ ва ғайра) ва
- нуқсонҳои модарзодии тифл (никоҳи байни хешу таборӣ) мебошад.

Таҳлил нишон медиҳад, ки фоизи бемориҳои камхунӣ дар байни занҳои қобили таваллуди ноҳия, дар муқоиса бо нишондиҳандаҳои ҷумҳуриявӣ паст бошад ҳам, (нишондиҳандаи миёнаи умумҷумҳуриявӣ 40 %), вале таи солҳои охир, дар ноҳия ба ҳисоби миёна 3,7 фоиз афзоиш ёфтааст. Сабаби асосии ин рӯйдод, асосан зуд-зуд таваллуд намудани занон, таъминоти нокифоя бо моводи ғизоӣ, камбизоатӣ ва сатҳи пасти иттилоотнокии аҳолӣ роҷеъ ба масъалаҳои пешгирии бемориҳо, мебошад. Мушкилии дигари ба масъалаи солимии модар алоқаманд - норасогии йод, аз сабаби паст будани сифати маҳсулоти ғизоӣ (йоднок нагардонидани маҳсулоти ғизоӣ) ва сатҳи пасти иттилоотнокии занон оид ба пешгирии бемориҳо (ниг. ба ҷадвали №25) мебошад.

***Ҷадвали №25. Камхунӣ ва норасоии йод дар организми занҳое, ки аз давраи ҳомилагӣ баромадаанд***

| *Нишондиҳандаҳо* | *2007* | *2008* | *2009* | *2010* |
|---|---|---|---|---|
| *Шумораи занҳои ҳомила ва аз ҳомилагӣ баромада* | *4750* | *4890* | *6650* | *6870* |
| *Камхунии алоқаманд бо норасогии оҳан* | *3420* | *3235* | *4322* | *4259* |
| *Бо фоиз (%)* | *72,0* | *68,0* | *65,0* | *62,0* |
| *Ҳолатҳои норасогии йод* | *3182* | *2934* | *3657* | *3297* |
| *Бо фоиз (%)* | *67,0* | *60,0* | *55,0* | *48,0* |

Барои беҳтар намудани саломатии модарон ва ҳомиладорон дар байни аҳолии ноҳия корҳои зеринро амалӣ намудан зарур аст:

- баланд бардоштани сатҳи донишҳои тиббии аҳолӣ,
- беҳтар намудани шароити зиндагӣ ва ғизогирии занҳо ҳангоми давраи ҳомиладорӣ ва беҳтар намудани муносибати аҳли оила ба зани ҳомиладор,
- хотима гузоштан ба ҳолатҳои никоҳи хешу таборӣ,
- саривақт бистарӣ намудани беморон ҳангоми пайдошавии авоpизи ҳомиладорӣ,
- аз таъмири асосӣ баровардани бинои таваллудхонаи ноҳиявӣ ва бо оби тоза ва таҷҳизотҳои зарурию замонавӣ таҷҳизонидани он,
- таъмини гурӯҳҳои мақсаднок бо маводҳои контрасептивӣ.

Дар ноҳия, ҳодисаҳои фавти навзодон, асосан дар давраи неонаталии барвақт, дар қатори бемориҳои генеталӣ, бемориҳои экстрогенеталии модарон (зукком, БШРН ва пиэлонефрит) ва авоpизҳои ҳомиладорӣ, аз ҷумла ҷароҳати валодат, ҳолатҳо вобаста бо норасид будани тифл, норасогии ҳаво ва нуқсонҳои модарзодӣ, ба амал меоянд. Яке аз сабабҳои таваллуди тифли навзод бо нуқсони модарзодӣ, ин никоҳи байни хешу таборӣ мебошад.

Воқеан дар ноҳия, кӯдакон бисёртар гирифтори шаклҳои мухталифи бемории шадиди роҳи нафас (БШРН), бемориҳои дарунрав (БД), варами шуш (пневмония), нуқсонҳои модарзодӣ ва дигар бемориҳое мешаванд, ки дар бисёр маврид боиси фавти кӯдакон мегардад.

*Ҷадвали №26. Нишондиҳандаҳои фавти кӯдакон дар ноҳияи Спитамен*

| *Нишондиҳандаҳо* | *2008* | *2009* | *2010* | *2011* |
|---|---|---|---|---|
| *Неонаталии барвақт* | *28 (9,6 %)* | *30 (9,1 %)* | *31 (9,0%)* | *7 (9,3 %)* |
| *То 1 сола* | *55 (18,6 %)* | *59 (17.9 %)* | *56 (16,3 %)* | *21 (28,1%)* |
| *Аз 1 то 5 сола* | *5* | *8* | *8* | *0* |
| *Аз 5 то 14 сола* | *9* | *3* | *4* | *0* |

Фавти кӯдакони синни аз 1 то 5 сола, дар ноҳия, бештар дар хона ба вуҷуд меояд. Сабаби асосии он, бемориҳои роҳи нафас (дар беморони ба бемориҳои камхунӣ гирифторшуда), камғизогӣ, осебҳои садамавӣ, нуқсонҳои модарзодӣ ва асфиксияи механикӣ мебошад. Барои паст намудани сатҳи нишондиҳандаҳои фавти кӯдакон дар ноҳия чорабиниҳои солимгардонии занҳоро беҳтар ба роҳ мондан зарур аст.

Ба аҳолии ноҳияи Спитамен як қатор муассисаҳои тиббӣ хизмат мерасонанд.

*Ҷадвали №27. Инфрасохтори соҳаи тандурустӣ*

| *№* | *Номи муассисаҳо* | *Шумора* | *Аз ҷумла, ҳолати корӣ* |
|---|---|---|---|
| *1* | *Беморхонаи марказӣ* | *1* | *Таъмирталаб* |
| *2* | *Беморхонахои минтакави* | *2* | *Таъмирталаб* |
| *3* | *МСН* | *2* | - |
| *4* | *МСД* | *9* | - |
| *5* | *МНДСЭН* | *1* | *Таъмирталаб* |
| *6* | *Хонаҳои саломатӣ* | *8* | *Таъмирталаб* |
| *7* | *Маркази эмтаминкунӣ* | *1* | - |
| *8* | *Маркази тарзи ҳаёти солим* | *1* | - |
| *9* | *Маркази СПИД* | *1* | - |
| *10* | *Маркази мубориза бар зидди бемориҳои сил* | *1* | - |
| *11* | *Маркази солимии репродуктивӣ* | *1* | - |
| *12* | *Маркази ҳамбастаги бемориҳои кӯдакона* | *1* | - |
| *13* | *Лаборатория клиникавии биохимиявӣ* | *1* | *Таъмирталаб* |
| *14* | *Филиали омӯзишгоҳи тиббии ш. Хӯҷанд* | *1* | *Таъмирталаб* |

Дар муддати солҳои тӯлонӣ (зиёда аз 20 соли охир) аксарияти шӯъбаҳои беморхонаи марказии ноҳия таъмир нагардида, дар ҳолати корношоям қарор доранд. Утоқҳои амалиёти ҷарроҳӣ дар ҳолати садамавӣ қарор дошта, биноҳои ёрирасон (морг, шӯъбаи ёри таъҷилӣ, ошхона ва ташхисгоҳ) бошанд, ба таъмири асосӣ ниёз доранд. Дар беморхона шабакаи гармидиҳӣ мутамарказ буда, аз сабаби корношоям будани буғхона ва фарсудаю корношоям гаштани қубурҳои обгузар, шабакаи мазкур фаъолият намекунад. Таҷҳизотҳои тиббӣ бинобар солҳои тӯлонӣ истифода гаштан, қариб корношоям гардиданд. Дар беморхона ҳамагӣ ду адад нақлиёти ёри таъҷилӣ мавҷуд буда ба беморон хизмат мерасонанд, аммо беморхонаҳои минтақавӣ бошанд, нақлиёти хизматӣ надоранд. Дар ноҳия ду беморхонаи минтақавӣ фаъолият дорад (дар деҳаҳои Куркат ва Фармонқӯрғон, ки биноҳои онҳо солҳои 1960 бунёд гардидаанд) аммо айни ҳол биноҳои онҳо дар ҳолати садамавӣ карор дошта, ба оби тозаи нӯшокӣ дастрасӣ надоранд. Умуман беморхонаҳои марказӣ ва минтақавии ноҳия аз норасогии кат, лавозимотҳои мулоим ва сахт, танқисӣ мекашанд. Беморхонаҳои ноҳия ба таҷҳизотҳои муосири тиббӣ, аз ҷумла таҷҳизоти УЗИ, рентген ва ФГДС ниёз доранд.

Новобаста аз он, ки 12,8 дарсади буҷаи маҳаллӣ барои соҳаи тандурустӣ равона мешавад, сатҳи маблағгузорӣ барои ҳалли масъалаҳои инфрасохтор, аз қабили таъмири асосии муассисаҳои тандурустӣ, таъмини маводҳои доруворӣ, харидории таҷҳизотҳои муосирӣ тиббӣ ва маводҳои сӯзишворию равғанҳои молиданӣ, басанда нест.

Вазифаи асосии соҳаи тандурустӣ, беҳтар намудани шароити дастрасӣ ба низоми кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ (КАТС), беҳдошт ва сифати он мебошад.

**Филиали омӯзишгоҳи тиббии Хуҷанд дар ноҳияи Спитамен** дар таъмин намудани ҳамшираҳои тиббӣ барои муассисаҳои тиббии ноҳия мавқеи хосса дорад.

Филиали омӯзишгоҳи тиббии Хуҷанд соли 2008 ташкил шуда, дорои 15 синфхона мебошад. Дар омӯзишгоҳ 12 нафар омӯзгорон фаъолият доранд ва аз онҳо 9 нафарашон дорои маълумоти олӣ ва 3 нафар дорои маълумоти миёнаи махсус мебошанд. Дар соли хониши 2010-2011 ҳамагӣ 30 нафар донишҷӯёни ноҳия ба таҳсил фаро гирифта шуда, 24 нафари онҳоро (ё 80%) духтарон ташкил медиҳад.

Мушкилии асосии омӯзишгоҳи мазкур, норасогии мизу курсӣ, китобу воситаҳои таълимӣ, синфхонаҳои махсус барои таҷрибаомӯзӣ ва хобгоҳ барои донишҷӯён мебошад.

***Ҷадвали №28. Гурӯҳбандии кормандони муассисаҳои табобатию профилактикии ноҳияи Спитамен***

| *Муассисаҳои табобатию профилактикӣ* | *Ҳамаи кормандон* | *Дорои маълумоти олӣ* | *Дорои маълумоти миёнаи махсус* | *Дигар кормандон* |
|---|---|---|---|---|
| *1. Муассисаҳои КАТС* | *340* | *96* | *186* | *58* |
| *Бо ҳисоби фоиз (%)* | *100* | *28,2* | *53,5* | *17,0* |
| *2.Хадомоти бистарикунони* | *554* | *79* | *281* | *194* |
| *Бо ҳисоби фоиз (%)* | *100* | *14,2* | *50,7* | *35,0* |

***Ҷадвали №29. Мушкилиҳои асосии соҳаи тандурустии ноҳияи Спитамен***

| *№* | *Мушкилиҳо* | *Мавзеи ҷойгиршавӣ* |
|---|---|---|
| *1* | *Таъмирталаб будани биноҳои беморхонаи марказии ноҳия, беморхонаҳои минтақавӣ, хонаҳои саломатӣ, МНДСЭН* | *Ҷамоатҳои шаҳраки Нов, Куркат ва Фармонқургон* |
| *2* | *Фарсудагии таҷҳизотҳои тиббӣ* | *Дар тамоми муассисаҳои тиббӣ* |
| *3* | *Норасогии маблағҳои барои бо доруворӣ таъмин намудани шахсони имтиёзнок ҷудошуда* | *Дар тамоми муассисаҳои тиббӣ* |
| *4* | *Паст будани сифати доруворихо* | *Дар тамоми муассисаҳои тиббӣ* |
| *5* | *Фарсуда гардидани системаи обтаъминкунӣ ва гармидиҳӣ* | *БМН ва беморхонаҳои минтакавӣ* |
| *6* | *Мавҷуд набудани нақлиёти хизматӣ дар беморхонаҳои минтақавӣ, марказҳои саломатӣ ва МНДСЭН* | *Ҷамоатҳои шаҳраки Нов, Қӯштегирмон Куркат, Фармонқӯргон, Оқтепа ва деҳаи Андарсой.* |

***Ҷадвали №30. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди соҳаи тандурустӣ дар ноҳияи Спитамен барои солҳои 2011-2015***

| ***Нишондиҳандаҳо*** | ***с2011 ҳисобот*** | ***с2012 баҳодиҳӣ*** | ***Параметрҳои дурнамо*** | | | ***с2015 бо % нисбати с2011*** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | ***с2012*** | ***с2014*** | ***с2015*** | |
| *Шумораи кати беморхонаҳо (кат)* | *435* | *435* | *435* | *435* | *435* | *100* |
| *Иқтидори муассисаҳои амбулаторию дармонгоҳӣ (қабул дар як баст)* | *785* | *785* | *795* | *800* | *800* | *101,9* |
| *Миқдори хонаҳои тиббӣ (воҳид)* | *8* | *8* | *8* | *8* | *8* | *100* |
| *Миқдори муассисаҳои тиббӣ (воҳид)* | *23* | *23* | *23* | *23* | *23* | *100* |
| *- аз ҳисоби хоҷагидорӣ амалкунанда* | | | | | | |
| *- клиникаҳои (беморхонаҳои) хусусӣ* | | | | | | |
| *Шумораи кормандони тиббӣ, (нафар)* | *894* | *916* | *916* | *916* | *916* | *102,4* |
| *аз он ҷумла:* | | | | | | |
| *Духтурон* | *175* | *185* | *185* | *185* | *185* | *102,0* |
| *кормандони миёнаи тиббӣ* | *467* | *478* | *478* | *478* | *478* | *102,0* |
| *Миқдори ҷой дар хонаҳои кӯдакон (ҷой)* | | | | | | |
| *Миқдори ҷой дар хонаҳои пиронсолон ва маъюбон (ҷой)* | | | | | | |
| *Таъминот барои 10 ҳазор аҳолӣ:* | | | | | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| *бо катҳо дар беморхонаҳо (кат)* | *36,5* | *36,5* | *36,5* | *36,5* | *36,5* | *100,0* |
| *бо духтурон (духтур)* | *14,7* | *15,5* | *16* | *15,5* | *15,5* | *100,0* |
| *бо кормандони миёнаи тиббӣ (к.м.т.)* | *39,2* | *40,0* | *40* | *40,0* | *40,0* | *102,0* |
| *бо муассисаҳои амбулаторию дармонгоҳӣ (қабул дар як баст)* | *67,2* | *69* | *69* | *71* | *71* | *105,7* |

## 2.2.2. МАОРИФ

***Сатҳи умумии маълумотнокӣ дар соҳаи маориф.*** Соҳаи маориф ҳамчун омили муҳими рушди ҷомеа, барои ноил гардидан ба ҳадафҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ нақши муҳим мебозад. Таъминоти маълумоти босифат, омили муҳими расидан ба рушди устувор ва одилона мебошад.

Аз рӯи маълумоти расмӣ, шумораи мутахассисони маълумотдор дар муассисаҳои маорифи ноҳияи Спитамен таи се соли охир 15 дарсад коҳиш ёфтааст.

***Ҷадвали №31. Дараҷаи умумии маълумотнокӣ дар бахши маорифи ноҳияи Спитамен аз рӯи ҷинсият***

| *Сол* | *2008* | | *2009* | | *2010* | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| *Дараҷаи маълумотнокӣ* | *Ҳамагӣ* | *Аз ҷумла занон* | *Ҳамагӣ* | *Аз ҷумла занон* | *Ҳамагӣ* | *Аз ҷумла занон* |
| *Маълумоти олӣ* | *1167* | *921 (78,9%)* | *1112* | *820 (73,7%)* | *1039* | *749 (72,1%)* |
| *Миёнаи махсус* | *453* | *352 (77,7%)* | *442* | *411 (93%)* | *417* | *352 (84,4%)* |
| *Миёна* | *42* | *39 (92,9%)* | - | - | *1* | *1* |
| *Ҷамъ:* | *1662* | *1312 (78,9%)* | *1584* | *1231 (77,7%)* | *1458* | *1102 (75,5%)* |

Маълумоти расмии оморӣ нишон медиҳад, ки таи се соли охир 5%-и омӯзгорон муассисаҳои таълимии ноҳияро тарк намуда, ба дигар корҳои сердаромад рафтаанд.

***Маълумоти томактабӣ.*** Дар ноҳия 10 муассисаҳои томактабӣ (бо шумораи умумии 1241 ҷой) фаъолият доранд. Таи се соли охир аз ҳисоби таъмир намудани баъзе муассисаҳои томактабӣ ва ба истифода супоридани боғчаи кӯдакон дар шаҳраки Нов, 359 ҷои иловагӣ таъсис дода шуд. Ба ҳисоби миёна, дар ноҳия шумораи кӯдакони синни томактабӣ таи панҷсоли охир 1,8 дарсад зиёд шудааст, вале масъалаи сохтмону ба истифода супоридани биноҳои нави кӯдакистонҳо бетағйир мондааст.

***Ҷадвали № 32. Миқдори ҷойҳо дар муассисаҳои томактабии ноҳияи Спитамен дар солҳои 2008-2010***

| *№* | *Рӯйхати муассисаҳои томактабӣ* | *2008* | | | *2009* | | | *2010* | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | *Ҳамагӣ. нафар* | *писарон* | *духтарон* | *Ҳамагӣ. нафар* | *писарон* | *духтарон* | *Ҳамагӣ. нафар* | *писарон* | *духтарон* |
| *1* | *Боғчаи бачагонаи №1* | *225* | *113* | *112* | *220* | *137* | *83* | *202* | *124* | *78* |
| *2* | *Боғчаи бачагонаи №5* | | | | *56* | *36* | *20* | *100* | *37* | *63* |
| *3* | *Боғчаи бачагонаи №8* | *150* | *102* | *48* | *178* | *103* | *75* | *184* | *103* | *75* |
| *4* | *Боғчаи бачагонаи №10* | | | | *100* | *66* | *34* | *115* | *54* | *61* |
| *5* | *Боғчаи бачагонаи №13* | *45* | *12* | *13* | *52* | *25* | *27* | *78* | *32* | *46* |
| *6* | *Боғчаи бачагонаи №7* | *47* | *23* | *24* | *51* | *28* | *23* | *89* | *48* | *41* |
| *7* | *Боғчаи бачагонаи №14* | *50* | *32* | *18* | *50* | *36* | *14* | *50* | *33* | *17* |
| *8* | *Боғчаи бачагонаи №15* | *100* | *66* | *44* | *100* | *53* | *47* | *141* | *66* | *75* |
| *9* | *Боғчаи бачагонаи №16* | *45* | *22* | *23* | *50* | *38* | *12* | *50* | *38* | *12* |
| *10* | *Боғчаи бачагонаи №17* | *220* | *120* | *100* | *225* | *115* | *110* | *232* | *119* | *113* |
| | *Ҷамъ:* | *882* | *490* | *392* | *1082* | *637* | *445* | *1241* | *654* | *587* |

Аз рӯи маълумоти омори расмӣ дар ноҳия 2400 нафар кӯдакони синни томактабӣ ба кӯдакистонҳо ниёз доранд ва ҳамагӣ 51,7%-и онҳо бо кӯдакистон таъмин буда, 48,3%-и онҳо умуман ба муассисаҳои томактабӣ дастрасӣ надоранд. Дар давоми солҳои 2010-2012 дар ҳудуди ноҳия кушодани 6 гурӯҳи нав бо фарогирии теъдоди 150 нафар кӯдак пешбинӣ гардидааст. Барои амалӣ намудани ин мақсад, дастрас намудани мизу курсӣ, катчаҳои хоб ва ҷевончаҳо барои либос зарур мебошад ва ҳаллу фасли ҳамаи ин масъалаҳо дарёфти манбаи иловагии маблағгузориро тақозо менамояд.

Раванди афзоиши табиии аҳолӣ шаҳодат медиҳад, ки дар соли 2015 (бо назардошти нигоҳ доштани чунин суръати афзоиш) шумораи кӯдакони томактабӣ дар ноҳия ба 3000 нафар расида, мушкилиҳои мавҷударо боз ҳам дучанд мегардонад.

**Ҳолати инфрасохтори муассисаҳои томактабӣ** ба талаботи имрӯза ҷавоб намедиҳад. Қисми зиёди муассисаҳои мазкур бо оби тозаи нӯшокӣ таъмин нестанд. Ҳамзамон, зиёда аз 50%-и кӯдакистонҳо (бахусус боғчаҳои №16,13,14,10 ва 5) майдончаҳои бозиҳои кӯдакона, ошхона, нуқтаҳои санитарӣ (ҳоҷатхонаҳо) надоранд ва дар бештари кӯдакистонҳо шабакаҳои обу корезӣ ва гармидиҳӣ корношоям гардида, дар ҳолати ғайриқаноъатбахши санитарию гигиенӣ қарор доранд.

Дар давоми солҳои 2012-2015 дар маҳаллаи навбунёди Спитамен сохтмони бинои нави кӯдакистон барои 180 ҷой пешбинӣ шудааст.

Озуқаворӣ асосан дар муассисаҳои томактабӣ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ (ба ҳар кӯдак аз ҳисоби буҷет 30 дирам дар як рӯз ҷудо мешавад) таъмин карда мешавад ва ба талаботи имрӯза ҷавобгӯй нест

***Маълумоти мактабӣ.*** Дар ҳудуди ноҳия 32 мактаб фаъолият дорад, ки 28 адади он мактаби миёна (синфи 1-11) ва 4 адади он мактаби таҳсилоти асосӣ (синфи 1-9) мебошад. Шумораи умумии хонандагони мактабҳои ноҳия 22751 нафар буда, аз ин шумора 17,2% хонандагон ӯзбекзабон, 78,3% хонандагон тоҷикзабон (17813 нафар) ва 4,5%-ро хонандагони русзабон ташкил медиҳанд.

Аз 938 синфи таълимии амалкунанда, 170 синф тоҷикӣ, 729 синф ӯзбекӣ ва 39 синф русӣ мебошад.

Воқеан, аз шумораи умумии хонандагон 64% дар басти аввал ва 36 % дар басти дуввум таҳсил менамоянд. Сабаби дар ду баст таҳсил намудани хонандагон, норасогии синфхонаҳо мебошад ва дар оянда мактабҳои № 3; 6; 9; 15; 23; 22; 30 ва №19 ба бунёди 38 синфхонаи иловагӣ эҳтиёҷ доранд.

***Ҷадвали №33. Шумораи хонандагон дар мактабҳои ноҳияи Спитамен***

| *Соли таҳсил* | *2007-2008* | | | | *2008-2009* | | | | *2009-2010* | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ***Синфҳо*** | ***Ҳамагӣ. нафар*** | ***писарон*** | ***духтарон*** | ***%-и духтарон*** | ***Ҳамагӣ. нафар*** | ***писарон*** | ***духтарон*** | ***%-и духтарон*** | ***Ҳамагӣ. нафар*** | ***писарон*** | ***духтарон*** | ***%-и духтарон*** |
| *Синфҳои 1-4* | *8920* | *4603* | *4317* | *48,4* | *8666* | *4152* | *4214* | *48,6* | *8684* | *4461* | *4223* | *48,6* |
| *Синфҳои 5-9* | *11848* | *5976* | *5872* | *49,6* | *11744* | *5946* | *5798* | *49,3* | *11566* | *5892* | *5674* | *49,0* |
| *Синфҳои X- XI* | *2472* | *1166* | *1306* | *52,8* | *2385* | *1091* | *1294* | *54,2* | *2517* | *1168* | *1349* | *53,6* |
| *Ҷамъ:* | *23240* | *11745* | *11495* | | *22795* | *11489* | *11306* | *49,6* | *22767* | *11521* | *12466* | *49,4* |

Маълумоти расмӣ нишон медиҳад, ки таи се соли охир, шумораи хонандагони ноҳия 2 % кам шудааст. Камшавии шумораи хонандагон дар синфҳои болоӣ ( синфҳои 9-11) бо сабабҳои ба муассисаҳои таълимии касбӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ рафтани хонандагон бештар ба назар мерасад. Чуночӣ, дар соли хониши 2009-2010 аз 2440 нафар хонандаи синфи 9 ва аз 1421 нафар хонандаи синфи 10, ҳамагӣ дар соли хониши 2010-2011-ум 1548 нафар (ё 63%) дар синфи 10 ва 1264 (88%) дар синфи 11 таҳсилро давом

додаанд. Маълумоти расмӣ нишон медиҳад, ки таи ин солҳо 35% духтарону 37% писарон таҳсилро дар синфи 10 ва 9% духтарону 14% писарон таҳсилро дар синфи 11 идома надода, мактабро тарк намудаанд.

Ҳолати биноҳои мактабҳои мавҷуда ва таҷҳизоти онҳо ба талаботҳои замонавӣ ҷавобгӯ нест. Дар натиҷаи истифодаи дарозмуддат ва нагузаронидани таъмири асосӣ, қариб 30 дарсади биноҳои мактабҳо дар ҳолати бад қарор дошта, қисми биноҳо дар ҳолати садамавӣ қарор доранд.

Ба мушкилиҳои ҷойдоштаи бахши маорифи ноҳия, сатҳи ғайриқаноатбахши бо гармӣ таъмин намудани синфхонаҳо дар фасли зимистон (қариб 100%-и мактабҳо), нокифоягии таъминоти оби нӯшокӣ дар муассисаҳои таълимӣ, шароити ногувори санитарии дохили биноҳои муассисаҳои маориф, бахусус гӯшаҳои санитарӣ, норасогии шумораи китобҳо бо забонҳои давлатӣ, русӣ ва ӯзбекӣ, маҳдудияти таъминоти барқ ҷиҳати омӯзиш ва истифодаи самараноки технологияҳои компютерӣ, дохил мешаванд.

***Таълим ва фарогирӣ.*** Мушкилии дигари бахши маорифи ноҳия, ба таълими махсус фаро нагирифтани кӯдакони маъюби то синни 16 сола мебошад ва айни ҳол дар ноҳия шумораи онҳо 336 нафарро ташкил медиҳад.

Дар мактабҳои таҳсилоти умумии ноҳия афзоиши теъдоди омӯзгорони дорои маълумот (ба истиснои омӯзгорони дорои маълумоти олӣ) ба назар мерасад (ниг. ба ҷадвали поён).

***Ҷадвали №34. Шумораи умумии омӯзгорон дар муассисаҳои таълимии ноҳияи Спитамен (нафар)***

| *Нишондиҳандаҳо* | *2007 - 2008* | *2008 - 2009* | *2009 - 2010* |
|---|---|---|---|
| *Шумораи умумии омӯзгорон* | *1709* | *1713* | *1619* |
| *- аз ҷумла, занон* | *1223* | *1227* | *1142* |
| *Дорои маълумоти олӣ* | *1315* | *1320* | *1231* |
| *-аз ҷумла, занон* | *908* | *902* | *808* |
| *Олии нопурра* | *194* | *145* | *153* |
| *- аз ҷумла, занон* | *172* | *130* | *132* |
| *Миёнаи махсус* | *178* | *192* | *212* |
| *- аз ҷумла, занон* | *121* | *178* | *183* |
| *Миёнаи умумӣ* | *22* | *56* | *23* |
| *- аз ҷумла, занон* | *22* | *17* | *19* |
| *Норасогии кадрҳо* | *17* | *14* | *19* |

Муассиаҳои таълимии ноҳия, бештар ба муаллимони забони тоҷикӣ, кимиё, биология, алгебра, таърих, физика, забонҳои хориҷӣ ва варзиш ниёз доранд. Набудани шароити иҷтимоӣ, бахусус дар деҳот, боиси аз кор рафтани омӯзгорони ботаҷриба гардидааст. Аз ҷумла, таи солҳои 2008-2010 муассисаҳои таълимии ноҳияро 225 нафар муаллимони ботаҷриба тарк намуда, ба дигар корҳои муздаш баланд ё ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтаанд.

Барои бартараф намудани норасоии муаллимон ҳар сол тавассути квотаи президентӣ, аз рӯи талаботи мавҷудаи ноҳия, аз ҳисоби талабагони болаёқати камбизоати ноҳия ба донишкадаҳои олии омӯзгории ҷумҳурӣ, хонандагон ба таври ройгон қабул карда мешаванд.

Соли 2010-ум аз теъдоди умумии хатмкунандагони мактабҳои таҳсилоти умумии ноҳия 327 нафар ба донишгоҳҳои олӣ ва миёнаи махсуси касбӣ дохил шуданд, ки 96 нафар ё 29%-и он духтарон мебошанд.

Тибқи ислоҳоти соҳаи маориф ҳамаи мактабҳои ноҳия аз соли 2010 инҷониб ба низоми маблағгузории сарикасӣ гузаштанд. Пешбинӣ мешавад, ки дар оянда ин гузариш ба баландшавии самаранокии соҳаи маориф мусоидат хоҳад кард.

Дар асоси “Барномаи компютерикунонии мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ”, мактабҳои ноҳия бо компютерҳо таъмин гардиданд. Дар тавозуни муассисаҳои

таълимии ноҳия 463 компютер, 47 принтер ва 27 генератор мавҷуд мебошад. Айни ҳол дар ноҳия ба 49 нафар хонанда 1 компютер рост меояд, ки ин аз меъёр 29 компютер кам мебошад (аз меъёри як компютер ба 20 нафар хонанда, ки фанни технологияи иттилоотӣ меомӯзанд). Бар замми ин, баъзе аз макотиби ноҳия ба интернет дастрасӣ доранд.

Қариб дар ҳамаи муассисаҳои таълимии ноҳия норасоии китобҳо ба забони давлатӣ (қариб ҳамаи фанҳо барои синфҳои ӯзбекӣ) ба назар мерасад. Инчунин, дар мактабҳои ноҳия таҷҳизоти синфхонаҳо кӯҳнаву фарсуда гашта, айни замон муассисаҳои таълимӣ ба 1506 мизи хониш, 3012 курсӣ, 71 тахтаи синф, 132 ҷевони китоб, 412 миз барои муаллимон ва 313 компютер ниёз доранд.

Аз рӯи маълумоти расмии соли 2011 дар ноҳия 1085 оилаи камбизоат ба қайд гирифта шудааст, ки ин ба фарогирии хонандагон аз оилаҳои нодор таъсири манфӣ мерасонад ва барои гирифтани маълумоти умумии ибтидоӣ мушкилоти зиёдро ба вуҷуд меорад (волидайни оилаҳои камбизоат на ҳама вақт қодир ҳастанд, ки кӯдакони худро бо маводи зарурии таълим ва либос таъмин намоянд). Барои бартараф намудани мушкилоти ҷойдошта тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 майи соли 2010 таҳти №244 “Оиди пардохти ёрдампулӣ ба волидайне, ки фарзандонашон дар муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ таҳсил мекунанд” барои 2953 хонанда аз синфҳои 1 то 9 дар як сол дар ҳаҷми 40 сомонӣ ёрдампулӣ дода мешавад.

**Маълумоти миёнаи касбӣ.** Дар ноҳия як таълимгоҳи махсуси техникӣ - омӯзишгоҳи касбии техникии №68 фаъолият дорад. Омӯзишгоҳи касбии мазкур, аз рӯи ихтисосҳои мухталиф ҳама сола зиёда аз 180 нафар толибилмонро қабул менамояд. То соли 2010 аз рӯи ихтисосҳои гуногун 1078 нафар толибилмон ин омӯзишгоҳи касбиро хатм намуда, ҳоло дар соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ фаъолият доранд.

Дар омӯзишгоҳи касбии ноҳия мушкилиҳои зиёде мавҷуданд, ки барои ҳалли саривақтии онҳо маблағи иловагӣ зарур мебошад. Чуночӣ: дастрас намудани техникаҳои таълимӣ, асбобҳои таълимии ҳозиразамон, гарм намудани синфхонаҳо дар фасли зимистон, норасогии китобҳои таълимӣ, норасогии компютерҳо, норасогии омӯзгорони маълумоти олидор, нокифоягии китобҳои дарсӣ бо забони давлатӣ ва узбекӣ аз ҷумлаи он мушкилиҳое мебошанд, ки сифати таълимро коста мегардонанд.

***Ҷадвали №35. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди соҳаи маориф дар ноҳияи Спитамен барои солҳои 2011-2015***

| *Нишондиҳандаҳо* | *с2011 ҳисобот* | *с2012 баҳодиҳӣ* | *Параметрҳои дурнамо,* | | | *с2015 бо % нисбати с2011* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | *с2013* | *с2014* | *с2015* | |
| *Шумораи кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ новобаста аз шакли моликият, ҳазор нафар* | *1,23* | *1,25* | *1,26* | *1,27* | *1,28* | *104,0* |
| *Шумораи кӯдакони сини томактаби* | *21,56* | *22,06* | *22,07* | *22,07* | *22,08* | *102,4* |
| *Шумораи кӯдакони сини мактаби – ҳамагӣ (нафар)* | *39,5* | *39,6* | *39,7* | *39,80* | *39,90* | *101,2* |
| *Миқдори ҷойҳо дар муассисаҳои томактаби, ҳаз.ҷой* | *1,2* | *1,25* | *1,26* | *1,27* | *1,28* | *106,6* |
| *Шумораи хонадагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ-ҳамагӣ (ҳаз.нафар)* | *22,8* | *22,85* | *22,9* | *23,00* | *23,10* | *101,3* |
| *- дар мактабҳои рӯзонаи таҳсилоти умумӣ* | *22,52* | *22,52* | *22,56* | *23* | *23* | *101,0* |
| *аз он ҷумла хусусӣ* | | | | | | |
| *- литсейҳо* | *0,28* | *0,33* | *0,34* | *0.345* | *0,35* | *125,0* |
| *аз он ҷумла хусусӣ* | | | | | | |
| *- гимназияҳо* | | | | | | |
| *аз он ҷумла: хусусӣ* | | | | | | |
| *Дар муассисаҳои шабонаи* | | | | | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| *таҳсилоти умумӣ (нафар)* | | | | | | |
| *Шумораи хонандагон дар басти якуми муассисаҳои таҳсилоти умумии рӯзона (ҳазор нафар)* | *14,4* | *14,4* | *14,5* | *14,6* | *14,7* | *102,1* |
| *Шумораи муаллимони муассисаҳои таҳсилоти умумии рӯзона (хазор нафар)* | *1,46* | *1,42* | *1,43* | *1,45* | *1,47* | *100,7* |
| *Шумораи муаллимони муассисаҳои таҳсилоти умумии шабона* | | | | | | |
| *Таъмин будан:* | | | | | | |
| *бо муассисаҳои томактабӣ ба 1000 кӯдакони сини томактабӣ (ҷой)* | | | | | | |
| *бо муассисаҳои таҳсилоти умумӣ барои 1000 бачагони синни мактабӣ (ҷой)* | | | | | | |

### *2.2.3. ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛӢ*

Самтҳои асосии соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, таъминоти нафақа, шуғли аҳолӣ, муҳоҷират, расонидани кӯмаки суроғавию нишонавӣ ба табақаҳои осебпазир ва камбизоати аҳолӣ мебошад.

***Бекорӣ***. Воқеан яке аз масъалаҳои рӯзмара, ки имрӯз диққати тамоми аҳолии ноҳияро ба худ ҷалб кардааст, бо ҷои кори доимӣ таъмин намудани аҳолӣ ва паст намудану тадриҷан аз байн бурдани бекорӣ аст.

***Ҷадвали №36. Маълумот оид ба сатҳи бекорӣ дар ноҳияи Спитамен***

| ***Нишондиҳандаҳо*** | ***Солҳо*** | | |
|---|---|---|---|
| | ***2008*** | ***2009*** | ***2010*** |
| *Аҳолии қобили меҳнат* | *62878* | *64150* | *65954* |
| *аз ҷумла занон* | *31142* | *31644* | *32418* |
| *Аҳолии қобили меҳнати бешуғл* | *25574* | *26876* | *26126* |
| *Ба ҳисоби фоиз (%)* | *38,7* | *41,9* | *39,6* |
| *Бекорон (расман бақайд гирифташуда)* | *771* | *1006* | *1028* |
| *Ба ҳисоби фоиз (%)* | *1,2* | *1,56* | *1,6* |

Таҳлил нишон медиҳад, ки дар ноҳия шумораи аҳолии бешуғл солҳои охир зиёд шуда, ин нишондод қариб 1,6%-и шумораи аҳолии қобили меҳнати ноҳияро ташкил медиҳад. Ҳадафи асосӣ, дар доираи барномаи мазкур, таи панҷ соли оянда бо ҷои корӣ доимӣ таъмин намудани аҳолии бешуғл аст. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар асл сатҳи бекорӣ аз рақамҳои нишондодашуда хело зиёд аст.

Дар ноҳияи Спитамен аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол 68,9%-и захираҳои меҳнатиро (45506 нафар) ташкил медиҳад, ки аз ин нишондиҳанда 42,6% (19380 нафар) аҳолии бо кор машғул ва 57,4% аҳолии умуман бешуғл мебошанд. Аз теъдоди умумии аҳолии бо кор машғулбудаи ноҳия 67,5% ба соҳаи кишоварзӣ (31% зан), 5,9 % ба соҳаи саноат (57,2% зан), 14,4% ба соҳаи маориф (84,6% зан), 5,1% ба соҳаи тандурустӣ, илм ва фарҳангу варзиш ва 7,1% ба дигар соҳаҳо рост меояд. Дар ноҳия барои бо кор таъмин намудани аҳолӣ, баъзан ярмаркаи ҷойҳои холии корӣ гузаронида мешавад, вале аз сабаби кам будани маош ва мавҷуд набудани шароитҳои дигари иҷтимоӣ, қисми зиёди аҳолии бо кор таъминшуда ҷойҳои кориро тарк намуда, ба муҳоҷирати меҳнатӣ ва ё дигар корҳои сатҳи музди меҳнаташ баланд мераванд.

***Музди меҳнат.*** Гарчанде дар давоми солҳои 2008-2010 дар ноҳия дар бисёр соҳаҳо болоравии сатҳи миёнаи музди меҳнат 46,6 % ( аз 139,5 то 204,5 сомонӣ) ба назар расад ҳам, аз ҷумла дар соҳаи саноат (338 сомонӣ), дар соҳаи тандурустӣ (219 сомонӣ), дар соҳаи маориф (192 сомонӣ), дар соҳаи кишоварзӣ (160 сомонӣ) ва дар соҳаи нақлиёт (162 сомонӣ), вале раванди гузаштани кормандон ба бахши соҳибкорӣ ё ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтани онҳо, бештар гаштааст.

***Муҳоҷирати меҳнатӣ.*** Тибқи маълумоти расмӣ, зиёда аз 6300 нафар аҳолии ноҳия (ё 14%-и аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъоли ноҳия, аз он ҷумла 7,4% занон) дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доранд. Муҳоҷират сарчашмаи асосии даромади аҳолии ноҳия мебошад.

Теъдоди зиёди муҳоҷирони меҳнатӣ ба Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Қазоқистон ва Қирғизистон, асосан барои иҷрои корҳои сохтмонӣ ва хоҷагии қишлоқ мераванд.

Муҳоҷирати меҳнатӣ дар баробари тарафҳои мусбат (баланд шудани дараҷаи малакаи корӣ, васеъ шудани ҷаҳонбинӣ, беҳтар шудани шароити иҷтимоӣ ва ғ.) доштанаш, оқибатҳои манфӣ низ дорад, аз ҷумла кам шудани теъдоди аҳолии қобили меҳнат, аз кор рафтани мутахассисони баландихтисос, аз тарбия дур мондани кӯдакони волидайнашон дар муҳоҷират буда, бад шудани саломатии муҳоҷирони меҳнатӣ (бисёр вақт онҳо дар муҳоҷират дар шароитҳои мушкил зиндагонӣ мекунанд) вайроншавии оилаҳо ва ғ.

***Ҷадвали №37. Муҳоҷирати аҳолии қобили меҳнат дар ноҳияи Спитамен***

| *Сол* | *Аҳолии қобили меҳнат, нафар* | *Муҳоҷирони Меҳнатӣ, нафар* | *% муҳоҷирон аз аҳолии қобилияти корӣ дошта* |
|---|---|---|---|
| *2008* | *62878 (31142 зан)* | *3003 (268 зан.)* | *(0,9% зан)* |
| *2009* | *64150 (31644 зан)* | *4415 (345 зан)* | *(1,1% зан)* |
| *2010* | *65954 (32418 зан)* | *6300 (241 зан)* | *(7,4% зан)* |

***Табақаи осебпазири аҳолӣ.*** Нафақахӯрон ва маъюбон қишри аз ҳама осебпазиртарини аҳолӣ ба ҳисоб мераванд. Соли 2010 шумораи нафақахӯрон дар ноҳия 8910 нафар (47,8% зан), шумораи пиронсолони бесаробонмонда 525 нафар, маъюбон 1723 нафар ва маъюбони модарзод 639 нафарро ташкил додааст. Аз шумораи умумии нафақахӯрони ноҳия 5,8% (ё 525 нафар) бо кор машғул мебошанд (ба ҳисоби миёна дар ноҳия ҳаҷми нафақапулӣ 101,0 сомонӣ аст).

Маблағе, ки аз буҷети ноҳия барои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҷудо карда мешавад, асосан барои пардохти кӯмакпулии хонандагон (аз оилаҳои камбизоат), кӯмакпулии яквақта барои шахсони дар садамаи Чернобил зарардида, мукофотпулӣ барои иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, собиқадорони меҳнат ва маъюбони модарзод сарф мегардад.

Мушкили асосии соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ дар сатҳи ноҳия, ин сатҳи пасти дастрасии табақаи осебпазири аҳолӣ (муйсафедон ва маъюбон) ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ мебошад. Дар ҳудуди ноҳия 18 нафар маъюбон (гурӯҳҳои 1, 2 ва 3), 7 нафар нафақахӯрони бистарӣ ва 33 нафар ветеранҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба қайд гирифта шуда бошанд ҳам, вале ба онҳо дар хонаҳояшон хизмат расонида намешавад. Ҳоло маъюбони ноҳия ба 25 адад аробачаҳои махсус ниёз доранд. Барои дар ноҳия дар оянда баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ, чунин мушкилиҳоро ҳаллу фасл намудан зарур аст:

- таҷҳизонидани маркази иттилоотии маъюбони ноҳия бо 4 адад компютер,
- дастрас намудани 25 адад аробачаҳои маъюбӣ барои эҳтиёҷмандон,
- баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва таъмин намудани маъюбон бо маводҳои озуқаворӣ,

- ташкил намудани корхонаи консервабарорӣ барои фаъолияти маъюбон,
- таъмири асосии бинои шӯъбаи ҳифзи иҷтимоии ноҳия,
- таъсис додани курсҳои омӯзишӣ барои бекорони ноҳия.

***Ҷадвали №38. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди захираҳои меҳнатӣ дар ноҳияи Спитамен барои солҳои 2011-2015***

| *Нишондиҳандаҳо* | *с2011 ҳисобот* | *с2012 баҳодиҳӣ* | *Параметрҳои дурнамо* | | | *с2015 бо % нисбати с2011* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | *с2013* | *с2014* | *с2015* | |
| *Ташкили ҷойҳои нави корӣ аз ҳисоби ҳама гуна шаклҳои фаъолият -ҳамагӣ (ҷои корӣ)* | *2567* | *2265* | *2270* | *2274* | *2278* | *88,7* |
| *аз он ҷумла:* | | | | | | |
| *-сохтмони нав* | *245* | *45* | *50* | *55* | *61* | *24,9* |
| *-таҷдид ва васеъкунии корхонаҳои амалкунанда* | *293* | *722* | *792* | *868* | *951* | *324,6* |
| *- барқароркунии иқтидорӣ корхонаҳои аз кор баромада* | *7* | *233* | *240* | *247* | *254* | *3628,6* |
| *корхои фарди* | | | | | | |

### *2.2.4. ФАРҲАНГ ВА ФАРОҒАТ*

Дар ноҳия ёдгориҳои қадимаи таърихӣ хело зиёд мебошанд ва ин омил шумораи зиёди сайёҳони дохилию хориҷиро ба худ ҷалб намудааст. Бахусус ёдгориҳои қадимаи таърихии «Ширин», «Оқтеппа», «Қӯштегирмон”, “Лангар Ато”, “Ҷабборқул Ато” ва “Ҷигдалик Ато”, аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

**Инфрасохтори фарҳангию маишӣ.** Дар ҳудуди ноҳияи Спитамен 13 китобхона, 7 хонаи маданият, 3 клуб, 14 масҷид (7 масҷиди ҷомеъ), 28 чойхона, 3 тарабхона, 14 тӯйхона, боғи истироҳату фароғат ва 2 мактаби мусиқӣ фаъолият намуда истодаанд.

**Варзиш.** Дар ҳудуди ноҳия иншоотҳои зиёди инфрасохтори варзишӣ мавҷуд мебошанд, вале аксарияти онҳо фарсуда гашта ба таъмири асосӣ ниёз доранд. Ба инфрасохтори варзишии ноҳия - майдони марказии варзишии “Чашма” дорои 3000 ҷойи нишаст, мактаби варзишии бачагону наврасон, толори варзишии “Чашма” ва 32 майдони варзишии дар деҳоти ноҳия мавҷудбуда дохил мешаванд. Тамоми чорабиниҳои варзишию фарҳангии сатҳи ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва ноҳиявӣ, дар иншоотҳои мазкур гузаронида мешаванд. Аз ҷумла, соли 2010 дар иншоотҳои варзишии ноҳия 32 чорабинии варзишӣ аз рӯи намудҳои футбол, волейбол, муштзанӣ, шоҳмот, гӯштини тарзи миллӣ, самбо, дзю-до, карате-до, спартакиада оид ба атлетикаи сабук ва якҳарбаҳои шарқӣ, бо иштироки зиёда аз 1000 нафар варзишгарон, гузаронида шуданд.

**Мушкилоти ташкил намудани чорабиниҳои фарҳангӣ ва истироҳатӣ.** Мушкилиҳои асосии муассисаҳои фарҳангию истироҳатии ноҳияи Спитамен, ин маҳдудияти таъминоти барқ, мавҷуд набудани шабакаи гармидиҳӣ дар фасли зимистон, корношоямии шабакаҳои обтаъминкунӣ ва ташноб, норасогии маводҳои омӯзишию ташкилӣ ва таҳҷизотҳо, аз кор рафтани мутахассисон ва паст будани сатҳи музди меҳнат, мебошад.

Дар ноҳия имкониятҳои зиёди ҷалб намудани аҳолӣ, бахусус ҷавонон ба истироҳати фаъол ва ташвиқоту тарғиботи тарзи ҳаёти солим мавҷуд мебошад.

## *Ҷадвали №39. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди бахши фарҳанг дар ноҳияи Спитамен барои солҳои 2011-2015*

| *Нишондиҳандаҳо* | *с2011 ҳисобот* | *с2012 баҳодиҳӣ* | *Параметрҳои дурнамо,* | | | *с2015 бо % нисбати с2011* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | *с2013* | *с2014* | *с2015* | |
| *Миқдори муассисаҳои оммавӣ – фарҳангӣ (воҳид)* | *47* | *47* | *47* | *47* | *47* | *100* |
| *Клубҳо* | *18* | *18* | *18* | *18* | *18* | *100* |
| *аз он ҷумла ҷумхуриявӣ* | | | | | | |
| *Китобхонаҳои оммавӣ* | *22* | *22* | *22* | *22* | *22* | *100* |
| *аз он ҷумла ҷумхуриявӣ* | | | | | | |
| *Осорхонаҳо* | *1* | *1* | *1* | *1* | *1* | *100* |
| *Театрҳо* | *1* | *1* | *1* | *1* | *1* | *100* |
| *аз он ҷумла театрҳои касбӣ* | | | | | | |
| *Мактабҳои мусиқӣ* | *2* | *2* | *2* | *2* | *2* | *100* |
| *Шумораи хонандагон* | *262* | *255* | *260* | *262* | *262* | *100,0* |
| *Миқдори кадрҳо, (ҳазор нафар)* | *35* | *52* | *55* | *58* | *60* | *171,0* |

## Ҷадвали №40. Стратегия ва вазифаҳои соҳаҳои иҷтимоии ноҳияи Спитамен

| Мақсад | Вазифа | Чорабиниҳо /Лоиҳаҳо | Маблағи умумии лоиҳа (ҳаз. сомонӣ) | Солҳо | | | | | Манбаи маблағгузорӣ | Натиҷаҳои пешбинишуда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | | |
| **Тандурустӣ** | | | | | | | | | | |
| Беҳтар намудани сифати инфрасохтори соҳаи тандурустӣ | 1.Таъмиру таҷҳизонидани муассисаҳои тандурустӣ. | 1.1.Таъмир ва барқарорсозии шӯъбаи бемориҳои сироятӣ шуъбаи ҷарроҳӣ ва шӯъбаи эҳёгардонии беморхонаи марказии ноҳия. | 1200,0 | - | 300 | 300 | 300 | 300 | Номуайян | Сатҳи таъминоти иншоотҳои тандурустӣ бо таҷҳизотҳои муосири тиббӣ ва инфрасохтори аввалияи заминавӣ то соли 2016 то 65% афзоиш ёфтааст. Таъминоти аҳолӣ бо оби нӯшокӣ то соли 2016 то 70% зиёд гаштааст. Сатҳи касалиҳои сироятӣ дар ноҳия то соли 2016 то 60% коҳиш ёфтааст. |
| | | 1.2.Таъминот бо нақлиёт ва таҷҳизотҳои техникии ҳозиризамони иншоотҳои соҳаи тандурустӣ дар ҷамоатҳои Нов, Куштегирмон, Курकат,Тагояк, Фармонкурғон ва Оқтеппа. | 660,0 | - | - | - | 300 | 360 | Номуайян | |
| | | 1.3.Таъмири шабакаҳои обтаъминкунӣ ва шабакаҳои гармидиҳии беморхонаи марказии ноҳия. | 400 | - | - | 100 | 100 | 200 | Буҷети ҷумҳуриявӣ | |
| | | 1.4.Сохтмони маркази саломатии нав дар маҳаллаи навбунёди деҳаи Андарсой, ҷ/д Нов. | 500,0 | - | - | - | - | 500 | Номуайян | |
| | 2.Татбиқи чорабиниҳои экологӣ дар соҳаи тандурустӣ | 2.1.Бо оби тозаи нушокӣ таъмин намудани беморхонаи маркази ноҳия. | 200,0 | - | - | - | 100 | 100 | Номуайян | |
| | | 2.2. Бунёди иншооти безарар гардонии оби нушокӣ ва бо хлори хушсифат таъмин намудани он. | 150,0 | - | 50 | 25 | 25 | 50 | Буҷети маҳаллӣ | |
| | | Ҳамагӣ дар бахши тандурустӣ | 3110 | | 350 | 425 | 825 | 1510 | | |
| **Маориф** | | | | | | | | | | |
| Баланд бардоштани сатҳи таълим дар соҳаи маориф | 3.Мутобиқи стандартҳои муосири маориф ташкил намудани шароитҳо барои илмомӯзии мактаббачагон. | 3.1.Идома додани сохтмони бинои иловаги барои 640 ҷойи нишаст дар назди мактаби №20 дар ҷамоати деҳоти Фармонқурғон | 2430,0 | - | - | 1215 | 1215 | - | Номуайян | Шумораи ҷойҳои нав дар мактабҳои ноҳия то соли 2016 то 70% афзудааст. Шумораи хонандагоне, ки дар басти 2-юм таҳсил менамоянд то соли 2016 |
| | | 3.2.Таъмири бинои мактаби таҳсилоти миёнаи №6 дар | 56,6 | - | 56,6 | - | - | - | Буҷети маҳаллӣ | |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | ҷамоати деҳоти Куркат | | | | | | | | то 80% кам шудааст. |
| | | 3.3.Идомаи сохтмони бинои нотамоми мактаб, ошхона ва маҷлистгоҳи мактаби №31 дар ҷамоати деҳоти Қуштегирмон | 1542,0 | - | - | - | 542 | 1000 | Буҷети вилоятӣ | Таъминоти мактабҳо бо компютер (1 компютер ба 20 хонанда) ва асбобҳои хониш то соли 2016 то 90% афзудааст. |
| | | 3.4.Сохтмони синфхонаҳои иловагӣ ва толори варзишии МТУ №29 дар ҷ/д Куркат. | 450,0 | - | - | - | 250 | 200 | Буҷети вилоятӣ | |
| | | 3.5.Сохтмони синфхонаҳои иловагӣ ва толори варзиши МТУ №3, ҷ/ш Нов. | 450,0 | - | | 200 | 250 | - | Буҷети вилоятӣ | Шумораи ҷойҳои нав дар боғчаҳои кӯдаконаи ноҳия, нисбат ба шумораи кӯдакони синни томактабӣ то соли 2016 то 65% зиёд гардидааст. |
| | | 3.6.Сохтмони мактаб дар шаҳраки навбунёди «Спитамен» дар мавзеи деҳаи Андарсой, ҷ/д Нов | 6000,0 | - | - | - | 2000 | 4000 | Номуайян | |
| | | 3.7.Таъмири асосии бинои боғчаи бачагонаи ҷамоати деҳоти Қӯштегирмон. | 173,3 | - | 173,3 | - | - | - | Номуайян | |
| | 4. Таҷдид ва таҷҳизонидани муассисаҳои соҳаи маориф | 4.1.Харидорӣ намудани воситаҳои таълимӣ барои МТУ №4,5,9,18,22,23, 26 (мебел, компютер, асбобҳои аёнӣ ва ғайраҳо) | 500,0 | - | - | - | 250 | 250 | Номуайян | |
| | | Ҷамъ дар соҳаи маориф | 11601,9 | | 229,9 | 1415 | 4507 | 5450 | | |
| **Ҳифзи ичтимоӣ** | | | | | | | | | | |
| Паст кардани сатҳи камбизоатӣ тавассути дастгирии табақаҳои ниёзманди аҳолӣ. | 5.Беҳтар намудани дастрасии табақаҳои ниёзманди аҳолӣ ба хизматрасонии сифатноки ичтимоӣ. | 5.1.Ба парасторӣ гирифтани 30 нафар шахсони ниёзманд ва камбизоат, расонидани ӯумаки моддӣ ва молиявӣ ба онҳо. | 150,0 | - | - | 50 | 50 | 50 | Соҳибкорони маҳаллӣ | Сатҳи таъминоти маъюбон бо воситаҳои зарурӣ (аробачаҳо барои маъюбон ва протезҳо то соли 2016 то 80% беҳтар гардидааст. |
| | | 5.2.Таҷҳизонидани бинои «Маркази ҷамъиятии маъюбони ноҳия» бо компютер ва дигар воситаҳои техникӣ. | 20,0 | - | 20 | - | - | - | Сармояи хориҷӣ | |
| | | 5.3.Таъмини маъюбон бо аробачаҳои махсус - (ҳар сол 10 нафар) ва бо протез (соле 5 нафар). | 50,5 | - | 10,5 | 20 | 20 | - | Буҷети маҳаллӣ | |
| | | 5.4.Дар маркази ноҳия ташкил намудани ошхонаи хӯроки якдафъаинаи ройгон барои 40 нафар ниёзмандон (маъюбон, камбизоатон, бепарасторону яти- | 360,0 | - | - | 100 | 100 | 160 | Соҳибкорони маҳаллӣ | |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | *мон ва гарибон)* | | | | | | | |
| | | *Ҳамагӣ дар соҳаи ҳифзи ичтимоӣ* | *580,5* | - | *90,5* | *170* | *170* | *150* | | |
| ***Фарҳанг ва фарогат*** | | | | | | | | | | |
| | *6.Бехтар намудани сатҳу сифати иншоотҳои инфрасох-тори соҳаи фарҳангу фарогатии нохияи Спитамен.* | *6.1.Таъмири кулли варзишгоҳи ҷамоати шахраки Нов* | *770,0* | - | | *220* | *200* | *350* | *Сармояи хориҷӣ.* | *Афзоиши шумораи аҳолии бо тарзи ҳаёти солим машгулбуда то соли 2016 то 55% расидааст.* |
| | | *6.2.Таъмири асосии қасри ҷавонони ноҳия.* | *111,0* | - | *111* | - | - | - | *Буҷети махаллӣ* | |
| | | *6.3.Сохтмони китобхонаи марказӣ ва хонаи маданият дар маркази ҷ/ш Нов.* | *6489,8* | - | - | *489,8* | *2000* | *4000* | *Буҷети вилоятӣ* | *Шароити фарогатии зиёда аз 8000 сокинони ҷамоати деҳоти Оқтеппа то соли 2016 беҳтар гаштааст.* |
| | | *6.4.Таъмири хонаи фарҳанги деҳаи Саидқургони ҷамоати деҳоти Оқтеппа.* | *110,0* | - | *110* | - | - | - | *Буҷети маҳаллӣ* | |
| | | *6.5. Сохтмони китобхонаи нав дар ноҳияи Спитамен* | *200* | - | *200* | - | - | - | | |
| | | ***Ҳамагӣ дар бахши фарҳанг ва фарогат*** | ***7480,8*** | | ***421*** | ***709,8*** | ***2200*** | ***4350*** | | |
| | | ***Ҳамагӣ дар соҳаҳои ичтимоиёт, аз ҷумла*** | ***22773,2*** | - | ***1091,4*** | ***2719,8*** | ***7702*** | ***11460*** | | |
| | | *Буҷети маҳаллӣ* | *427,6* | - | *327,6* | *25* | *25* | *50* | | |
| | | *Буҷети вилоятӣ* | *8931,8* | - | | *689,8* | *3042* | *5200* | | |
| | | *Буҷети ҷумҳуриявӣ* | *400* | - | - | *100* | *100* | *200* | | |
| | | *Сармояи хориҷӣ* | *790* | - | *20* | *220* | *200* | *350* | | |
| | | *Маблагҳои соҳибкорон, х/д ва аҳолӣ* | *510* | - | | *150* | *150* | *210* | | |
| | | *Эҳтиёҷот ба маблаг* | *11713,8* | - | *743,8* | *1535* | *4185* | *5450* | | |

## 2.3. ИНФРАСОХТОР

### *2.3.1. ХОҶАГИИ МАНЗИЛИЮ КОММУНАЛӢ*

**Таъминоти оби тозаи нӯшокӣ.** Бо оби тозаи нӯшокӣ таъмин намудани аҳолӣ, яке аз масъалаҳои ҳалталаб ва асосии вазъияти феълии ноҳия мебошад. Дар маркази ноҳияи Спитамен барои таъмин, нигоҳубин ва танзими об аз ҷониби истифодабарандагон, корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» фаъолият менамояд, ки танҳо барои аҳолии маркази ноҳия корҳои хадамотиро амалӣ месозад. Муассисаи мазкур, аз надоштани таҷҳизоту техникаҳои зарурӣ, ба аҳолӣ ба таври пурра хизмат расонида наметавонад. Барои markazонидашудаи обрасонии қисми марказии ноҳияи Спитамен, тибқи ҳисобҳои пешакии мутахассисони соҳа дар ҳаҷми 16 млн. 350,0 ҳазор сомонӣ маблағ лозим мебошад.

Аҳолии деҳаҳои ҷамоатҳои Нов, Куркат, Оқтеппа, Қӯштегирмон ва Фармонқӯрғони ноҳия, аз дастрас набудани оби тозаи нӯшокӣ танқисӣ мекашанд. Дар ноҳияи Спитамен танҳо 37,5 фоизи аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ таъмин мебошад.

***Ҷадвали №41. Таъминоти аҳолии ноҳияи Спитамен бо оби тозаи нӯшокӣ***

| *Руйхати ҷамоатҳои деҳот ва шаҳрак* | *Шумораи аҳолие, ки ба оби тозаи нӯшокӣ таъмин мебошад* | *Шумораи аҳолие, ки бо оби тозаи нӯшокӣ таъмин нест* | *% таъмини аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ* |
|---|---|---|---|
| | *нафар* | *нафар* | *фоиз* |
| *Шаҳраки Нов* | *11626* | *3720* | *75,8* |
| *Нов* | *8770* | *20838* | *29,6* |
| *Куркат* | *0* | *26820* | *0* |
| *Оқтепа* | *7178* | *10082* | *41,6* |
| *Тагояк* | *7561* | *7561* | *50,0* |
| *Қӯштегирмон* | *4793* | *2517* | *65,6* |
| *Фармонқурғон* | *4483* | *2460* | *64,6* |
| *Ҳамагӣ:* | *44411* | *73998* | *37,5* |

Масъалаи дигаре, ки дар ноҳия то ҳол ҳалли худро пайдо накардааст, ин сари вақт пардохт нагардидани ҳаққи об аз ҷониби истифодабарандагон (аҳолӣ) мебошад. Дар доираи «Барномаи беҳтар намудани таъмини аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби тозаи нушокӣ барои солҳои 2007-2020», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №514 аз 2 декабри соли 2006 тасдиқ шудааст, дар ноҳияи Спитамен иҷрои як қатор корҳо ба нақша гирифта шудаанд. Маблаггузории чорабиниҳо дар тӯли солҳои 2011-2012, аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ, тавассути КВД «Хоҷагии манзилию-коммуналӣ» амалӣ мешавад. Дар доираи барномаи мазкур, барои таъмини аҳолии ноҳияи Спитамен бо оби нушокӣ, бо назардошти ҳамаи сарчашмаҳо, ба маблағи 231 млн. 836,1 ҳазор сомонӣ, (аз он ҷумла, барои бо об таъмин намудани аҳолии шаҳраки Нов 16 млн. 350,0 ҳазор сомонӣ, барои бо об таъмин намудани аҳолии ҷамоати деҳоти Нов 39 млн. 520,0 ҳазор сомонӣ, барои бо об таъмин намудани аҳолии ҷамоати деҳоти Куштегирмон 12 млн. 478,0 ҳазор сомонӣ, барои бо об таъмин намудани аҳолии ҷамоати деҳоти Куркат 23 млн. 653,0 ҳазор сомонӣ, барои бо об таъмин намудани аҳолии ҷамоати деҳоти Оқтепа 16 млн. 771,0 ҳазор сомонӣ, барои бо об таъмин намудани аҳолии ҷамоати деҳоти Тағояк 123 млн. 65,0 хазор сомонӣ, барои бо об таъмин намудани аҳолии ҷамоати деҳоти Фармонкурғон 123 млн. 65,0 хазор сомонӣ) лоиҳаи инвеститсионӣ таҳия шудааст. Дар сурати амалӣ гардидани чорабинии мазкур, масъалаи таъминоти оби нӯшокӣ, дар ноҳия пурра ҳалли худро меёбад.

**Барқтаъминкунӣ.** Низоми барқтаъминкуниро дар ноҳияи Спитамен, «Идораи шабакаҳои барқии ноҳияи Спитамен» идора менамояд. Солҳои охир бо сабаби зиёд шудани талабот ба нерӯи барқ, бисёр иншоотҳои барқтаъминкунии ноҳия, махсусан зеристгоҳҳо, хатҳои барқ ва трансформаторҳо зуд-зуд аз кор баромада истодаанд.

Таъмири онҳо бошад, аксар вақт аз ҳисоби аҳолӣ амалӣ мегардад. Имкониятҳои молиявии идораи барқи ноҳия, аз сабаби зиёд будани ҳаҷми қарзи истифодабарандагони нерӯи барқ, аз ҷумла қарзи аҳолӣ ва хоҷагии оби ноҳия (ҳаҷми қарзи аҳолӣ 2 млн. 735,0 хазор сомонӣ ва ҳаҷми қарзи хоҷагии оби ноҳия зиёда аз 5,0 млн сомонӣ), маҳдуд мебошад. Барои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия, масъалаи дар солҳои наздик пурра таъмин намудани аҳолӣ бо нерӯи барқ, яке аз масъалаҳои аввалиндараҷа мебошад ва дар ин самт бунёди нерӯгоҳҳои хурди обӣ ба мавриди ва мувофиқи мақсад мебошад. Дар ҷамоати Тағояки ноҳия, иқтидори зиёди захираи об мавҷуд аст ва истифодаи он тавассути бунёд намудани НБО-и хурд метавонад қисман мушкилиҳои мавҷудаи бахши барқтаъминкуниро ҳал намояд.

**Газтаъминкунӣ.** Зиёда аз 60 фоизи хоҷагиҳои ноҳияи Спитамен ба шабакаи таъминоти гази табиӣ пайваст карда шудаанд. Мутаасифона, аз сабаби он, ки солҳои пеш газ аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон дастрас мегардид ва айни ҳол интиқоли гази табии ба аҳолӣ қатъ гаштааст, аҳолии ноҳия имконияти истифодаи гази табииро надорад. Ҳоло дар ноҳия, гази табии тавассути КВД «Суғдгаз» аз хориҷи кишвар, аз Ҷумҳурии Ӯзбекистони ҳамсоя танҳо барои нуктаҳои газпуркунии нақлиётии ноҳия ворид карда мешавад. Аҳолии ноҳия дар фасли зимистон, манзилҳои истиқоматиро асосан бо сӯзишварии сахт (ангиштсанг, ҳезум ва партовҳои органикӣ) гарм менамояд. Дар навбати худ, ин омил ба муҳити зисти ноҳия таъсири манфӣ мерасонад.

**Нақлиёт ва коммуникатсия.** Хизматрасониҳои соҳаи нақлиёти истифодаи умум ва боркашонии ноҳияи Спитамен, тавассути корхонаҳои хурди нақлиётӣ ва соҳибкорони инфиродӣ амалӣ мегардад. Тибқи маълумоти расмии оморӣ, айни ҳол дар ноҳияи Спитамен зиёда аз 200 нафар соҳибкорони инфиродӣ ва 2 корхонаи хурди нақлиётӣ, аз ҷумла «Спитаментранссервис» ва МНА №32, фаъолият доранд. Дар соли 2010-ум муассисаҳои мазкур 565,6 ҳазор тонна борҳои гуногуни хоҷагии халқ ва 1 млн. 900 ҳазор мусофиронро кашонидаанд.

Дар ноҳия ба фаъолияти роҳдорӣ «Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгард» машгул мебошад. Дар тавозуни муассисаи номбурда 3 адад техникаи роҳсозӣ ва дигар таҷҳизотҳо мавҷуд мебошад. Ҳамзамон дар тавозуни муассисаи мазкур 183,1 км роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум қарор дошта, ҳолати 112 км роҳҳои мазкур қайриқаноатбахш мебошад.

Дар ноҳия 47 адад пулҳо мавҷуд мебошанд, ки дар аксарияти онҳо солҳои тӯлонӣ таъмир гузаронида нашудааст ва дар натиҷа аксарияти онҳо дар ҳолати ғайриқаноатбахш қарор дошта, барои ҳаракати нақлиёт хеле хафнок мебошанд. Барои таъмири асосӣ ва барқарорсозии роҳҳою пулҳои ноҳия, тақрибан дар ҳаҷми 2,4 млн сомонӣ маблағ зарур мебошад. Хусусан, ҳолати техникии роҳҳои маҳаллии деҳаҳои ҷамоати Фармонкӯрғон хело бад буда, ба таъмири капиталӣ ниёз доранд. Барои барқарорсозӣ ва дар ҳолати хуби техникӣ нигоҳ доштани роҳҳои ноҳия, бо назардошти сатҳи тавварруми солҳои 2010-2012, тақрибан 6-7 млн. сомонӣ маблағ зарур мебошад.

***Ҷадвали №42. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди бахши нақлиёт дар ноҳияи Спитамен барои солҳои 2013-2015***

| *Нишондиҳандаҳо* | *с2011 ҳисобот* | *с2012 баҳодиҳӣ* | *Параметрҳои дурнамо* | | | *с2015 бо % нисбати с2011* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | *с2013* | *с2014* | *с2015* | |
| *Мусофиркашони – ҳамагӣ (ҳазор мусофир)* | *1159,9* | *1180,0* | *1210,0* | *1230,0* | *1250,0* | *107,8* |
| *аз он ҷумла:* | | | | | | |
| *- бо нақлиёти роҳи оҳан* | | | | | | |
| *- бо нақлиёти ҳавоӣ* | | | | | | |
| *- бо нақлиёти автомобилӣ– ҳамагӣ, аз он:* | *1159,9* | *1180,0* | *1210,0* | *1230,0* | *1250,0* | *107,8* |
| *- мусофиркашони байналхалқӣ* | | | | | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| *Бо нақлиёти барқи (троллейбусқ)* | | | | | | |
| *Гардиши мусофирон – ҳамагӣ (хаз. мусс.-км.)* | *9435,8* | *9625,0* | *9910,0* | *10100,0* | *10300,0* | *109,2* |
| *аз он ҷумла аз рӯи ҳамаи намуди нақлиёт:* | | | | | | |
| *- бо нақлиёти роҳи оҳан* | | | | | | |
| *- бо нақлиёти ҳавоӣ* | | | | | | |
| *- бо нақлиёти автомобилӣ – ҳамагӣ* | *9435,8* | *9625,0* | *9910,0* | *10100,0* | *10300,0* | *109,2* |
| *аз он – мусофиргардиши байналхалқӣ* | | | | | | |

### *Ҷадвали №43. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди бахши хоҷагии роҳ ва соҳаи нақлиёт дар ноҳияи Спитамен барои солҳои 2013-2015*

| ***Нишондиҳандаҳо*** | ***с2011 ҳисобот*** | ***с2012 баҳодиҳӣ*** | ***Параметрҳои дурнамо*** | | | ***с2015 бо % нисбати с2011*** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | ***с2013*** | ***с2014*** | ***с2015*** | |
| *Дарозии умумии роҳҳои автомобилгард – ҳамагӣ (км)* | *183,1* | *183,1* | *183,1* | *210,0* | *210,0* | *114,7* |
| *аз он ҷумла: бо болопӯши сахт* | *138,9* | *138,9* | *138,9* | *210,0* | *210,0* | *114,7* |
| *аз онҳо: бо болопӯши муқаммал* | *44,2* | *44,2* | *44,2* | *162,0* | *162,0* | *105,1* |
| *Аз дарозии умумии роҳҳо:* | | | | | | |
| *Роҳҳои истифодаи умум – ҳамагӣ (км)* | *183,1* | *183,1* | *183,1* | *210,0* | *210,0* | *114,7* |
| *аз он ҷумла: бо болопӯши сахт* | *138,9* | *138,9* | *138,9* | *210,0* | *210,0* | *114,7* |
| *аз онҳо: бо болопӯши муқаммал* | *44,2* | *44,2* | *44,2* | *162,0* | *162,0* | *1105,1* |
| *Роҳҳои истифодаи ғайриумум – ҳамагӣ (км)* | | | | | | |
| *аз он ҷумла: бо болопӯши сахт* | | | | | | |
| *аз онҳо: бо болопӯши муқаммал* | | | | | | |
| *Роҳҳо аз рӯи аҳамияташон: (км)* | | | | | | |
| *Ҷумҳуриявӣ* | *31,2* | *31,2* | *31,2* | *31,2* | *31,2* | *100,0* |
| *Маҳаллӣ* | *151,9* | *151,9* | *151,9* | *163,6* | *163,6* | *107,7* |

**Алоқа ва фазои иттилоотӣ.** Дар ноҳияи Спитамен хизматрасонии соҳаи алоқа ва фазои иттилотиро шӯъбаи ҷамъияти саҳҳомии кушодаи «Тоҷиктелеком»-и Вазорати алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зимма дорад. Корхонаи мазкур, бо таҷҳизотҳои замонавӣ ва хатти алоқаи амалкунандаи нурию нахӣ таъмин мебошад. Ин имкон медиҳад, ки муштариён ба алоқаи интернет ва почтаи электронӣ пайваст шаванд. Ҳамчунин, дар ҳудуди ноҳия якчанд адад нуқтаҳои хизматрасонии ширкатҳои алоқаи мобилӣ, аз ҷумла Тселл, Вавилон, Билайн ва Мегафон фаъолият менамоянд. Дар ноҳия 2 пойгоҳи пахши мавҷҳои телевизионӣ дар ҷамоатҳои Тағояк ва Қуштегирмон амал мекунанд, ки аҳолии ноҳияро аз тамошои барномаҳои Шабакаи аввал, ТВ Сафина, Баҳористон, Чаҳоннамо, ТВ-Азия ва ТВ-Суғд бархурдор менамояд. Ноҳия дорои рӯзномаи «Халқ сӯзӣ» мебошад ва он мунтазам нашр мегардад.

## 2.3.2 Стратегия ва вазифаҳои соҳаҳои инфрасохтори ноҳияи Спитамен

**Ҷадвали №44**

| Мақсад | Вазифаҳо | Чорабиниҳо/лоиҳа | Арзиши умумии лоиҳа (ҳазор сомонӣ) | Солҳо 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | Манбаи маблағгузорӣ | Натиҷаҳои пешбинишуда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Хоҷагии манзилию коммуналӣ. Обтаъминкунӣ | | | | | | | | | | |
| Беҳтар намудани шароити таъминоти аҳолӣ бо оби тозаи нушокӣ ва таъмин намудани ҳолати хуби санитарии он. | 1.Беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба оби тозаи нӯшокии безараргардонидашуда. | 1.1.Сохтмони шабакаи таъминот бо оби тозаи нӯшокӣ дар деҳаи Куркати ҷамоати Куркат | 225,0 | - | 56,2 | 56,2 | 56,2 | 56,2 | Сармояи хориҷӣ | Шумораи хоҷагиҳое, ки бо оби тозаи нӯшокӣ таъмин гаштаанд то соли 2016 то 60% зиёд гаштаанд.<br><br>Ҳаҷми манзили истиқоматии ба истифода додашуда то соли 2016 то 50% меафзояд. |
| | | 1.2.Таъмир ва барқарорсозии чоҳҳо ва қубурҳои обтозакунандаи маркази ноҳия дар доираи «Барномаи беҳтар намудани таъмини аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби тозаи нушокӣ барои солҳои 2007-2020» | 1134,9 | - | - | 1000 | 134,9 | - | Буҷети ҷумҳуриявӣ | |
| | | 1.3.Таъмир ва тармими шабакаҳои обтаъминкунандаи деҳаи Шавкати ҷамоати деҳоти Тагояк | 172,2 | - | | 172,2 | - | - | Сармояи дохилӣ ва соҳибкорон | |
| | | 1.4.Таъмир ва барқарорсозии шабакаҳои обтаъминкунандаи кӯчаи ба номи Лесинаи ҷамоати шаҳраки Нов | 52,5 | - | 52,5 | - | - | - | Бучаи маҳаллӣ | |
| | | 1.5.Таъмир ва барқарорсозии шабакаҳои обтаъминкунандаи деҳаиОқтепаи ҷамоати Оқтепа | 135,0 | - | 135 | - | - | - | Сармояи дохили ва сохибкорон | |
| | | Дар доираи « Барномаи ҷумҳуриявии беҳтар намудани таъминоти аҳолии ҶТ бо оби нӯшокӣ барои солҳои 2007-2020 .» (ҚҲҶТ №514 аз 14 апрели соли 2007) | | | | | | | | |
| | | 1.6.Таҷдиду барқарорсозии чоҳҳо ва қубурҳои обтаъминкунии ҷ.Нов. | 39520 | - | - | 10000 | 15000 | 14520 | Номуайян | |
| | | 1.7.Таҷдиду барқарорсозии чоҳҳо ва | 16350 | - | - | 5000 | 5000 | 6350 | Буҷети ҷумҳуриявӣ | |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | қубурҳои обтаъминкунии ҷамоати шаҳраки Нов. | | | | | | | | |
| | | 1.8.Таҷдиду барқарорсозии чоҳҳо ва қубурҳои обтаъминкунии ҷ.Куркат. | 23653 | - | 5000 | 80000 | 9000 | 6653 | Буҷети ҷумҳуриявӣ | |
| | | 1.9.Таҷдиду барқарорсозии чоҳҳо ва қубурҳои обтаъминкунии ҷ.Оқтеппа. | 16771 | - | - | 5000 | 5000 | 6771 | Буҷети ҷумҳуриявӣ | |
| | | 1.10.Таҷдиду барқарорсозии чоҳҳо ва қубурҳои обтаъминкунии ҷ. Тагояк. | 12365 | - | - | 3000 | 4000 | 5365 | Буҷети ҷумҳуриявӣ | |
| | | 1.11.Таҷдиду барқарорсозии чоҳҳо ва қубурҳои обтаъминкунии ҷамоати Қуштегирмон. | 12478 | - | - | 3478 | 4000 | 5000 | Буҷети вилоятӣ | |
| | | 1.12.Таҷдиду барқарорсозии чоҳҳо ва қубурҳои обтаъминкунии ҷамоати Фармонқурғон. | 12365 | - | 365 | 2000 | 4000 | 6000 | Номуайян | |
| | Ҳамагӣ дар соҳаи ХМК, аз ҷумла обтаъминкунӣ | | 135221,6 | - | 5608,7 | 109706,4 | 46191,1 | 50715,2 | | Шумораи аҳолии ба хизматрасонии босифати коммуналӣ дастрасӣ дошта то соли 2016 то 25% меафзояд.<br><br>Дарозии умумии роҳҳои таъмиршудаи сифаташ қаноъатбахш то соли 2016 то 55% расонида мешавад. |
| | | **Барқтаъминкунӣ** | | | | | | | | |
| | 2.Беҳтар намудани ҳолати таъминоти аҳолии ноҳия бо нерӯи барқ | 2.1.Таъмиру барқарорсозии зеристгоҳҳои барқтаъминкунии ноҳия. | 1500,0 | - | - | 500 | 500 | 500 | Буҷети маҳаллӣ | |
| | | 2.2.Сохтмон ва таъмиру барқарорсозии хатҳои таъминоти барқ дар ҷамоатҳои ноҳия | 1400,0 | - | 400 | | 500 | 500 | Буҷети маҳаллӣ | |
| | Ҳамагӣ дар соҳаи барқтаъминкунӣ | | 2900 | | 400 | 500 | 1000 | 1000 | | |
| | | **Нақлиёт ва роҳҳо** | | | | | | | | |
| | 3.Беҳтар намудани сифати хизматрасонии соҳаи роҳу нақлиёт. | 3.1.Таҷдиди пули Ширинсӯӣ дар р/а Хуҷанд-Зафарабод. | 6000 | - | | 2500 | 2000 | 1500 | Номуайян | |
| | | 3.2.Таъмири роҳи маҳаллии деҳаи Куӣ – бугаӣ – ҷамоати Тагояк | 93,6 | - | 93,6 | | - | - | Буҷети маҳаллӣ. | |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | *3.3.Мумфарш намудани р/а кучаи Лисисинаи шаҳраки. Нов* | *187,3* | - | | *187,3* | - | - | *Буҷети маҳаллӣ.* | |
| | | *3.4. Мумфарш намудани 4 км р/а Қуштегирмон–Платина.* | *2631* | - | | *1700* | *931* | - | *Номуайян* | |
| | | *3.5.Сохтмони иншооти селмуҳофизаткунанда дар ҷ.Куркат.* | *266,9* | - | - | - | *133,4* | *133,4* | *Номуайян* | |
| | | ***Ҷамъ дар бахши нақлиёт ва роҳҳо*** | ***9178,8*** | | ***93,6*** | ***4387,3*** | ***3064,4*** | ***1633,4*** | | |
| | | ***Ҳамагӣ дар соҳаҳои инфрасохтор, аз ҷумла*** | ***147300,4*** | - | ***6102,3*** | ***114593,7*** | ***50255,5*** | ***53348,6*** | | |
| | | *Буҷети маҳаллӣ* | *3233,4* | | *546,1* | *687,3* | *1000* | *1000* | | |
| | | *Буҷети вилоятӣ* | *12478* | - | - | *3478* | *4000* | *5000* | | |
| | | *Буҷети ҷумҳуриявӣ* | *70273,9* | | *5000* | *94000* | *23134,9* | *25139* | | |
| | | *Сармояи хориҷӣ* | *225,0* | - | *56,2* | *56,2* | *56,2* | *56,2* | | |
| | | *Маблағҳои соҳибкорон, х/д ва аҳолӣ* | *307,2* | - | *135* | *172,2* | - | - | | |
| | | *Эҳтиёҷот ба маблағ* | *60782,9* | - | *365* | *16200* | *22064,4* | *22153,4* | | |

## 2.4. ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ

***Таҳлили вазъи муҳити зисти ноҳияи Спитамен.*** Дар ноҳияи Спитамен сари вақт ҷамоварӣ нагаштани партовҳо яке аз масаълаҳои муҳими экологӣ мебошад.

Дар ҳудуди ноҳия барои партовҷамъкунӣ қуттиҳои махсуси партовҷамъкунӣ мавҷуд нест. Дар ҳудуди ноҳия 1 мавзеи партовҷамъкунӣ ташкил карда шудааст, ки масоҳати 1 гектарро дар бар мегирад, вале ин масоҳат барои талаботи воқеъии ноҳия нокифоя мебошад.

Барои партовҷой масоҳати калонтар лозим аст, то ки он ба талаботҳои санитарию эпидимиологӣ мутобиқ бошад. Барои амалӣ намудани ин кор, маблағҳои иловагӣ лозим аст, аммо мутаасифона ин маблағҳо дар буҷети ноҳия мавҷуд нестанд ва айни ҳол буҷети маҳаллӣ чунин имконияти молиявиро надорад. Дар ҳудуди ҷамоатҳои ноҳия партовҷойҳо ташкил карда нашудаанд ва ин яке аз мушкилиҳои асосии ҳифзи муҳити зисти ноҳия ба ҳисоб меравад. Тибқи маълумотҳои мавҷуда, дар ноҳия миқдори ПСМ дар соли 2010 нисбат ба соли 2006 кам гаштааст ва ин омил аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар ҳудуди ноҳия партовҷойҳои иҷозат дода нашуда, зиёд гаштаанд. Оиди ҳаҷми партовҳои ташкилоту муассисаҳои ноҳия бошад, маълумотҳои дахлдор дастрас карда намешаванд.

***Ҷадвали №45. Маълумот оид ба ҳаҷми ПСМ дар ҳудуди ноҳияи Спитамен***

| *№* | *Ноҳия* | *2006* | | | | *2010* | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | *Ҳамагӣ ПСМ, тонна* | *Аз он ҷумла* | | | *Ҳамагӣ ПСМ, тонна* | *Аз он ҷумла* | | |
| | | | *ободонӣ* | *аҳолӣ* | *ташкилотҳо* | | *ободонӣ* | *аҳолӣ* | *ташкилотҳо* |
| *1* | *Спитамен* | *8687* | *5149* | *3108* | *430* | *5709* | *1920* | *3403* | *386* |

Мушкилоти дигари бахши ҳифзи муҳити зисти ноҳия, норасогии оби тозаи нӯшокӣ мебошад. Дар ҷамоати деҳоти Куркат, ки яке аз ҷамоатҳои калонтарини ноҳия ба ҳисоб рафта, зиёда аз 38%-и аҳолии ноҳия дар он зиндагонӣ менамоянд, оби тозаи нӯшокӣ мавҷуд нест. Аҳолии ҷамоат оберо, ки аз сойи Оқсу ҷорӣ мешавад, ҳам ба сифати оби нӯшокӣ ва ҳам барои обёрии заминҳои хоҷагӣ истифода мебаранд.

Дар хонаҳои баландошёнаи шаҳраки Нов, бо сабаби фарсудашавии хатҳои обрасон, ба хонаҳои шаҳрвандон об сари вақт дастрас гардонида намешавад.

Ҳудуди ноҳияро сойҳои «Оқсу», «Исфанасой», «Қарангулсой», «Ширинсой» ва Сирдарё бурида мегузаранд. Аз ин лиҳоз, таъмиру барқарорсозии сойҳои мазкур ба иҷрои корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ ногузир мебошад.

Аз 17 адад таҷҳизотҳои обкашие, ки барои заминҳои ноҳия аз Сирдарё об мекашанд, ягонтояш бо таҷҳизотҳои муҳофизати моҳӣ ва зидди талафёбии моҳӣ муҷаҳҳаз нест ва ин омил ба шумора ва шароити зисти моҳиёни муқими Сирдарё таъсири манфӣ мерасонад.

Дарозии умумии каналҳои ҳудуди ноҳия 79 км-ро ташкил медиҳад. Ҳамзамон, дар ноҳия 78 адад чоҳҳои оббёрӣ вуҷуд доранд ва 55 адади онҳо барои обёрии заминҳои хоҷагиҳо мувофиқ карда шуда бошанд ҳам, ҳамагӣ 12-тои онҳо кор мекунанду халос. Ҳоло дар мувозинаи ташкилотҳои ноҳия 66 адад чоҳҳои оби нӯшокӣ мавҷуд буда, аз онҳо 46-тояш кор намекунанд.

Дар ноҳия 2 адад иншоотҳои тозакунанда мавҷуд буда, аз он яктояш ба корхонаи «Новселмаш» ва дигараш ба «Идораи оби ноҳияи Спитамен» тааллуқ доранд. Қайд кардан зарур аст, ки аз иншоотҳои номбурда, танҳо қисман иншооти тозакунии «Новселмаш» кор мекунаду халос. Иншооти тозакунии «Идораи оби ноҳияи Спитамен» бошад, 15 сол боз кор намекунад. Барои барқарор намудани иншооти тозакунандаи идораи оби ноҳия, ҷалб намудани маблағҳои иловагии сармоягузорон лозим мебошад.

Дар ноҳия, ба ғайр аз КАС «Гулистон» ва ХД «А. Сатторов», дигар хоҷагиҳои ноҳия харитаи агрокимёии заминро надоранд. Аз сабаби тоза накардани иншоотҳои мелиоративӣ, 592 гектар заминҳо, ба заминҳои бекор табдил ёфтаанд.

***Ҷадвали №46. Иншоотҳои коллекторию тозакунанда (ИКТ) ва таъминоти об***

| № | Иншооти партовтозакунанда | Ноҳия | Самаранокӣ, м³/шабонаруз | Самаранокии аслӣ м³/шабонаруз | Усули тоза кардан | Ҷои партовгоҳи обҳои тоза кардашуда | Соли охирини таҷдид | Таркиби иншоотҳои тозакунанда | Иҷозатнома оиди партов |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| *1* | *ИКТ «Агротехснаб Нов»* | *Спитамен* | *310* | - | *Биологӣ* | *Оксусой* | - | *Биофилтр* | |
| *2* | *ИКТ ХМК* | *Спитамен* | *400* | *Кор намекунад* | *Биологӣ* | *Оксусой* | - | *Биофилтр* | |

Дар ноҳия 144 гектар майдони заминҳои ҷангал мавҷуд мебошад, ки аз он 37 гектар заминҳои давлатӣ ба ҳисоб рафта, боқимонда 107 гектар заминҳои дохилихоҷагӣ мебошанд. Аз сабаби он, ки шумораи зиёди дарахтон бурида шудаанд ва қисме аз онҳо дар натиҷаи буридан хушк гаштаанд, ҷангалзорҳои мавҷуда иҷрои вазифаҳои муҳофизатии худро таъмин карда наметавонанд. Барои барқарор намудани 1 гектар дарахтзорҳои муҳофизатӣ, шинонидани 1300 адад ниҳол зарур мебошад. Баҳри кишт, ҳамвор кардани заминҳо ва иҷрои корҳои агротехникӣ, ҷалб намудани маблағҳои иловагии буҷет ва инчунин ҷалби маблағҳои худии хоҷагиҳо зарур мебошад, вале мутаасифона, айни ҳол маблағҳои зарурӣ нокифоя ҷудо мешаванд. Барои муҳофизати заминҳо аз ҳар гуна эрозияҳо, муҳофизат намудани дарахтзорҳо зарур мебошад, вагарна ин омил ба паст шудани сатҳи ҳосилнокии боис хоҳад гашт.

Қайд кардан зарур аст, ки дар мавзеҳоии наздисарҳадии ноҳия, аз ҳисоби ба ҳаво сар додани дуду чанги ифлоси корхонаҳои коркарди семент ва истеҳсоли металҳои шаҳри Бекободи Ҷумҳурии Узбекистон, қисман ба муҳити зисти ноҳияи Спитамен, хусусан, ба ҷамоати Фармонқурғон, таъсири манфӣ мерасад.

***Ҷадвали №47. Маълумот оид ба партовҳои дар муддати як сол дар ноҳияи Спитамен ба атмосфера партофташуда, тн/сол***

| № | Ноҳия | Партовҳои ба атмосфера партофташаванда, тн/сол | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Соли 2010 | | | | | | | |
| | | Ҳамагӣ, тонна | Партовҳои сахт | SO2 | CO | NO2 | Карбонатҳо | ЛОС | Дигар газҳо |
| *1* | *Спитамен* | *190,12* | *163,299* | *3,364* | *14,12* | *1,719* | *3,086* | *0* | *4,529* |

Дар натиҷаи таҳлил муайян карда шуд, ки дар ноҳия шумораи ҳайвоноти хонагии бесоҳиб, аз ҷумла сагҳо хело зиёд гаштааст. Миқдори зиёди ҳашаротҳои зараррасон (аз қабили хомушак, пашшаҳои ёбои ва ғайра), дар фасли тобистон ба мувозинати экологии ноҳия таъсири манфӣ мерасонанд.

Дар ҷамоати деҳоти Тағояк, солҳои гузашта бисёри сокинон ба касалии гузарандаи «вараҷа» мубтало гаштанд.

Бояд қайд намуд, ки сокинони ноҳия оиди вазъи экологии ноҳия маълумоти кофӣ надоранд ва дар ин самт баргузор намудани чорабиниҳо оиди пешниҳод намудани маълумотҳо оид ба вазъи экологии ноҳия, ба мақсад мувофиқ мебошад.

### *2.4.1. ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА*

Дар ноҳияи Спитамен мавзеъҳои аз лиҳози экологӣ хавфнок ва экзогенӣ, деҳаҳои Куркат, деҳаи Нов, Андарсой, Тағояк ва Лангар, Октеппа, Куштегирмон ба хисоб мераванд. Хамасола дар мавсимҳои баҳору тирамоҳ сойҳои Ширинсой, Оқсу, Қарангулсой, Исфанасой, канали Янгиправий ва дигар иншоотҳои обии ҳудуди ноҳия, ба хоҷагии халқи ноҳия хисороти зиёде ворид менамояд. Дар давоми солҳои 2005-2010

маблағи умумии хисороти ба ноҳия расонидашуда, зиёда аз 4,5 млн. сомониро ташкил додааст. Дар ҳудуди минтақаҳои хавфноки номбурда, тақрибан 35000 нафар аҳолӣ зиндагонӣ мекунанд, ки он 29 %-и шумораи умумии аҳолии ноҳияро ташкил медиҳанд.

Дар як қисми деҳаи Фармонқурғон, сатҳи обҳои зеризаминӣ аз меъёри муқаррааргардида баланд гардидааст. Нокифоягии маблағҳои ба ин самт чудошаванда, имконияти сари вақт бунёд намудани иншоотҳои пешгирикунандаи хавфи сел ва обхезиро, махсусан корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ ё чорабиниҳои аз минтақаи хавфнок ба мавзеъҳои бехавф кӯчонидани аҳолиро, маҳдуд менамояд.

## 2.4.2. Стратегия ва вазифаҳои соҳаҳои ҳифзи муҳити зист ва ҳолатҳои фавқулоддаи ноҳияи Спитамен

**Ҷадвали №48**

| Мақсад | Вазифа | Лоиҳаҳо/ чорабиниҳо | Маблаги умумии лоиҳа (ҳазор сомонӣ) | Солҳо 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | Манбаи маблаггузорӣ | Натиҷаҳои пешбинишуда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҳифзи муҳити зист ва ҳолатҳои фавқулодда** | | | | | | | | | | |
| Беҳтар намудни ҳолати имрӯзаи муҳити атроф ва таъмин наму-дани истифодаи пурсамари захираҳои табиӣ дар рушди иқтимоию иқтисодии ноҳияи Спитамен. | 1. Сохтмон ва барқарорсозии коллекторҳои обтозакунанда. | 1.2.Барқарор намудани иншоотҳои тозакунандаи об, анҷом додани таъмири шабакаи канализатсионии мавҷуда дар ҷамоати шаҳраки Нов. | 1927,3 | - | - | 500 | 500 | 927,3 | Номуайян | То соли 2016 шумораи аҳолии бо оби тозаи нӯшокӣ таъмингардида то 60% меафзояд. Сатҳи хизматрасонӣ оиди пешгирии ифлосшавии манбаҳои об то соли 2016 то 50% баланд шудааст. Майдони партовгоҳҳои махсус дар ҳудуди ноҳия то соли 2016 то 40% зиёд гаштааст. Майдони заминҳои бо усулҳои биологӣ истифодашаванда то соли 2016 то 30% афзудааст. Майдони заминҳои ғайриқаноатбахш обёришаванда то соли 2016 то 50% кам гаштааст. Ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ то соли 2016 то 50% баланд гардидааст. То соли 2016 системаи заҳбуру коллекторҳои ноҳия то 50% тоза карда шудааст. |
| | | 1.3.Барқарор намудани корҳои таъмирӣ системаи канализатсияи ҶСК «КМСваК»- ноҳия. | 1307,7 | - | 307,7 | 500 | 500 | - | Номуайян | |
| | | 1.4.Дар ҷамоати шаҳраки Нов гузаронидани корҳои безарargардонии партовгоҳ. | 232,8 | - | 32,8 | 200 | - | - | Буҷети вилоятӣ | |
| | 2.Паст намудани таъсири манфии партовҳои иншоотҳои хоҷагии халқи ноҳия ба муҳити атроф ва саломатии шаҳрвандон | 2.1. Тоза ва барқарор намудани коллекторҳо, барқарор намудани на кам 20 адад чоҳҳои амудии байнихоҷагиҳо ва дохили хоҷагиҳо дар ҳудуди ҷамоатҳои ноҳия. | 500,0 | - | - | 200 | 100 | 100 | Сармояи хориҷӣ | |
| | | 2.2.Ташкили коргоҳи коркарди ПСМ. | 500,0 | - | - | 200 | 300 | - | Сармояи соҳибкорони маҳаллӣ | |
| | | **Ҳамагӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва ҲФ, аз ҷумла.** | **4467,8** | **-** | **340,5** | **1600** | **1400** | **1027,3** | | |
| | | Буҷети маҳаллӣ | - | - | - | - | - | - | | |
| | | Буҷети вилоятӣ | 232,8 | - | 32,8 | 200 | - | - | | |
| | | Буҷети ҷумҳуриявӣ | - | - | - | - | - | - | | |
| | | Сармояи хориҷӣ | 500,0 | - | - | 200 | 100 | 100 | | |
| | | Маблагҳои соҳибкорон, х/д ва аҳолӣ | 500,0 | - | - | 200 | 300 | - | | |
| | | Эҳтиёҷот ба маблаг | 3235 | | 307,7 | 1000 | 1000 | 927,3 | | |

## 2.5. ТАЪМИНОТИ ЗАХИРАВИИ ИДОРАКУНИИ РАВАНДИ РУШД

### *2.5.1. ЗАХИРАҲОИ ДОХИЛИИ НОҲИЯ*

***Структураи идоракунӣ ва захираҳои инсонӣ.*** Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Спитамен аз мақомоти намояндагӣ ва иҷроия иборат мебошад.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Спитамен аз Маҷлиси вакилони халқи ноҳия, ки ба ҳайати он 40 нафар вакилон, аз ҷумла 5 нафар занҳо дохил мешавад, иборат мебошад. Дар ҳайати Маҷлиси вакилони халқ комиссияҳои зерин фаъолият менамоянд: комиссия оид ба тартиботи ҳуқуқӣ ва қонуният, комиссия оид ба буҷет ва иқтисодиёт, оид ба масъалаҳои сиёсати кишоварзӣ, ҳифзи табиат, озуқаворӣ, меҳнат ва хизматрасониҳо ба аҳолӣ; оид ба масъалаҳо ҳифзи иҷтимоӣ, илм, маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон, зан ва оила, оид ба масоили сохтмон, саноат, нақлиёт ва коммуникатсия, хоҷагии коммуналӣ ва роҳ, оид ба кор бо ноболиғон.

Ҳамчун мақомоти иҷроия бошад, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия фаъолият менамояд.

*Диаграммаи 11. Таркиби ташкилии мақомоти иҷроияи ноҳияи Спитамен*




Масъули таҳия ва татбиқи БРН – Муовини Раиси ноҳия мебошад, ки бахши иқтисодиёт, шӯъбаи иқтисод ва савдоро сарпарастӣ намуда, роҳбари Гурӯҳи корӣ мебошад. Мақоми масъули МИҲД ноҳияи Спитамен, шӯъбаи иқтисодиёт ва савдо мебошад, ки ба ӯҳдадориҳои функсионалии он, дастгирии маъмурию техникии ГК ва зергурӯҳҳои ташаббускор, баланд намудани иқтидори онҳо оид ба масоили банақшагирии рушд, ташкил ва гузаронидани вохӯриҳо, мизҳои мудаввар оиди масъалаҳои банақшагирӣ, роҳандозӣ ва назорати раванди ҷамъоварӣ, таҳлил ва интегратсияи маълумотҳо, экспертизаи стратегияҳои соҳавӣ ва мутобиқгардонии онҳо бо стратегияҳои миллӣ ва

ҳуҷҷатҳои соҳавию минтақавӣ, ҳамкории зич бо ВРИС ва Раёсати иқтисод ва савдои вилоят, мусоидати техникӣ ба гурӯҳи М ва А, тартиб додани ҳисоботҳои мунтазам аз рӯи натиҷаҳои мониторинг, вогузор гардидааст. Мушкилоти асосии МИҲД вобаста ба татбиқи БРН ва пешниҳоди хизматрасониҳои босифат ба аҳолӣ, чунинанд:

- Сифати пасти нишондиҳандаҳои омор (хусусан дар сатҳи ҷамоатҳо) ва базаи ягонаи маълумотҳои оморӣ оиди рушди иҷтимоию иқтисодӣ, усулҳои кӯҳнаи ҷамъоварии маълумотҳо ва тарзи ҳисоботдиҳӣ, мавҷуд набудани баъзе нишондиҳандаҳои асосӣ (масалан оиди андоз аз рӯи соҳаҳо).
- Сатҳи пасти таъминот бо техникаи компютерӣ, таҷҳизоти зарурӣ ва барномаҳои зиддивирусӣ.
- Сатҳи пасти дастрасӣ ба шабакаи интернет ва шабакаи ягонаи компютерӣ барои содда намудани раванди мувофиқа ва ҷустуҷӯи ҳуҷҷатҳо инчунин ҷорӣ намудани базаи ягонаи маълумотҳо.
- Иқтидори пасти кормандони шӯъбаи иқтисод ва савдо ва дигар шӯъбаҳои иҷтимоию иқтисодӣ оид ба масоили банақшагирии рушди комплексии иҷтимоию иқтисодӣ, буҷет, мониторинг ва арзёбӣ, фандрейзинг ва таҳияи лоиҳаҳои инвеститсионӣ.
- Ҳолати ғайриқаноатбахши биноӣ маъмурии МИҲД ноҳия ва ҷамоатҳо.
- Мавҷуд набудани баҳисобгирии электронии муҳосибавӣ дар сатҳи МИҲД ва ҷамоатҳо.
- Сатҳи пасти донишҳои тахассусии кормандони хизмати давлатӣ оиди истифодаи технологияҳо ва таҷҳизотҳои компютерӣ.
- Сатҳи пасти музди меҳнат ва набудани ҳавасмандгардонии кормандон.

Қобили қайд аст, ки МИҲД оиди масоили кор бо ҷомеаи шаҳрвандӣ таҷрибаи кофӣ дорад. Бо вуҷуди ин, ҳавасмандии ками ТҒД ва соҳибкорони инфиродӣ ҷой дорад. Ин омил аз сабаби потенсиали пасти кормандони МИҲД ва сатҳи пасти ташкилотчигии сектори хусуси ва шаҳрвандӣ ба амал меояд.

***Ҷалби воситаҳои молиявии иловагӣ.*** Дар ноҳия якчанд барномаҳое, ки аз ҷониби вазорату идораҳои гуногуни ҷумҳурӣ дастгирӣ мешаванд, татбиқ гашта истодаанд, аз ҷумла:

- Ҷиҳати татбиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 августи соли 2008 №436 оид ба «Барномаи давлатии сохтмон, таъмир ва барқарорсозии мактабҳо барои солҳои 2008-2015», аз ҳисоби буҷети вилоятӣ ва ноҳиявӣ, инчунин аз ҳисоби хоҷагиҳо дар муддати солҳои 2009-2013 таъмири асосии 18 мактаби ноҳия, сохтмони синфхонаҳои иловагӣ дар ду мактаб ва ба анҷом расонидани сохтмони иншоотҳои нотамоми 2 мактаб пешбинӣ гардидааст.
- Дар доираи фаъолияти шӯъбаи кор бо зан ва оилаи МИҲД ноҳияи Спитамен ва татбиқи «Барномаи давлатии интихоб, тарбия ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занони қобилиятнок барои солҳои 2007-2016», баргузор намудани як қатор чорабиниҳо, дар тӯли солҳои 2009-2013 ба нақша гирифта шудааст. Дар доираи барномаи мазкур, таъмини духтарони қобилиятнок бо квотаи Президентӣ ҷиҳати дохил шудан ва таҳсил намудан дар донишкадаҳои олии ҷумҳурӣ, ташкили курсҳои омӯзишӣ барои аз ҳисоби занон омода намудани кадрҳои роҳбарикунанда пешбинӣ гардидааст. Аз авали татбиқи барномаи мазкур, 5 нафар занон ин гуна курсҳои омӯзиширо хатм намудаанд.

**Маблағгузории барнома.** Таъмини иҷро ва татбиқи афзалиятҳо, вазифаҳо, нишондиҳандаҳо ва тадбирҳои дар барномаи мазкур дарҷ гардида, захираҳои муайянеро талаб менамояд. Сарчашмаҳои асосии маблағгузории Барномаи мазкур, буҷети ҷумҳуриявӣ, буҷети вилоятӣ, буҷети маҳаллӣ, кӯмакҳои беруна, сармояи хориҷӣ ва сармояи соҳибкорони ватанӣ мебошанд.

Манбаъҳои зикргардидаи маблаггузорӣ барои татбиқи Барнома тамоми захираҳои пешбинишударо сафарбар менамоянд. Маблағгузории Барнома аз нақшаи рушди макроиқтисодии ноҳия бармеояд. Мутобиқи ин нақша пешбинӣ гардидааст, ки иқтисодиёти ноҳия дар солҳои 2011-2015 инкишоф ёфта, маҷмӯи маҳсулоти дар дохили ноҳия истеҳсолгардида бо ҳисоби солона на камтар аз 6-7 фоиз ва дар соли 2015-ум на камтар аз 9 фоиз афзоиш меёбад. Тамоми чорабиниҳои дар барномаи рушди ноҳия ба нақша гирифта шуда, ба дарёфти воситаҳои молиявӣ эҳтиёҷ доранд.

Таҳияи самараноки буҷети маҳаллӣ муайян менамояд, ки дар оянда то кадом андоза буҷети маҳаллӣ қобилияти маблағгузории барномаи мазкурро дорад.

## *Ҷадвали №49. Таҳлили қисми даромади буҷети маҳаллии ноҳияи Спитамен дар солҳои 2008-2010. (ҳазор сомонӣ)*

| Номгӯи андозҳо (ҳамаи намуди андозҳое, ки дар ноҳия вуҷуддошта) | 2008 | | | | | | 2009 | | | | | | 2010 | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Хамагӣ даромадҳо | | Фоизи пардохт (% отчесления) | Буҷаи маҳаллӣ | | | Хамагӣ даромадҳо | | Фоизи пардохт (% отчесления) | Буҷаи маҳаллӣ | | | Хамагӣ даромадҳо | | Фоизи пардохт (% отчесления) | Буҷаи маҳаллӣ | | |
| | Нақша | иҷроиш | | Нақша | Иҷроиш | Фоизи иҷроиш | Нақша | иҷроиш | | Нақша | Иҷроиш | Фоизи иҷроиш | Нақша | иҷроиш | | Нақша | Иҷроиш | Фоизи иҷроиш |
| 1. Андози даромад аз шахсони воқеъӣ | 1348 | 1349,2 | 100,1 | 1348 | 1349,2 | 100,1 | 1822,9 | 1944,2 | 106,7 | 1822,9 | 1944,2 | 106,7 | 1744,9 | 1921 | 110,1 | 1744,9 | 1921 | 110,1 |
| 2. Андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ | 478 | 408,1 | 85,4 | 478 | 408,1 | 85,4 | 701,9 | 706,6 | 100,7 | 701,9 | 706,6 | 100,7 | 887,6 | 979,4 | 110,3 | 887,6 | 979,4 | 110,3 |
| 3. Андоз аз арзиши иловашуда | 823,2 | 1308,5 | 159,0 | 378,7 | 602 | 159,0 | 1180,7 | 908 | 76,9 | 826,5 | 662,6 | 80,2 | 1929 | 979,2 | 50,8 | 1177 | 597,3 | 50,7 |
| 4. Аксизҳо | | 5,8 | | | 3,8 | | | 23,8 | | | 23,8 | | | 97,8 | | | 97,8 | |
| 5. Андози замин | 276 | 289,3 | 104,8 | 276 | 289,3 | 104,8 | 290,1 | 295,9 | 102,0 | 290,1 | 295,9 | 102,0 | 339,3 | 366 | 107,9 | 339,3 | 366 | 107,9 |
| 6. Андоз аз истифодаи қаръи замин | 12 | 13,1 | 109,2 | 12 | 13,1 | 109,2 | 27,4 | 30,9 | 112,8 | 27,4 | 30,9 | 112,8 | 28 | 35,3 | 126,1 | 28 | 35,3 | 126,1 |
| 7. Андоз аз истф-ро автомобилгард | 466 | 511,2 | 109,7 | 466 | 511,2 | 109,7 | 411,4 | 374,2 | 91,0 | 325 | 289,6 | 89,1 | 711,4 | 1003,2 | 141,0 | 569,1 | 803,6 | 141,2 |
| 8. Андоз аз рӯи низоми соддакардашуда | 185,1 | 138,2 | 74,7 | 185,1 | 138,2 | 74,7 | 218,6 | 319,8 | 146,3 | 218,6 | 319,8 | 146,3 | 560 | 643,9 | 115,0 | 560 | 643,9 | 115,0 |
| 9. Андози ягона | 1476,1 | 1249,8 | 84,7 | 1476,1 | 1249,8 | 84,7 | 2424 | 2348,1 | 96,9 | 2424 | 2348,1 | 96,9 | 1680,5 | 1911,4 | 113,7 | 1680,5 | 1911,4 | 113,7 |
| 10. Боҷи давлатӣ | 455,7 | 363,6 | 79,8 | 455,7 | 363,6 | 79,8 | 373,2 | 382,1 | 102,4 | 373,2 | 382,1 | 102,4 | 601,2 | 619,7 | 103,1 | 601,2 | 619,7 | 103,1 |
| 11. Андоз аз фуруши чакана | 750,1 | 772,9 | 103,0 | 750,1 | 772,9 | 103,0 | 648 | 764,3 | 117,9 | 648 | 764,2 | 117,9 | 1032,3 | 1141 | 110,5 | 1032,3 | 1141 | 110,5 |
| 12. Андози ҳадди ақал аз даромади корхонаҳо | 649,9 | 598,9 | 92,2 | 649,9 | 598,9 | 92,2 | 573,7 | 621,8 | 108,4 | 573,7 | 621,8 | 108,4 | 993,7 | 1021,4 | 102,8 | 993,7 | 1021,4 | 102,8 |
| 13. Андоз аз амволи ғайри манқул | 682,6 | 695,4 | 101,9 | 682,6 | 695,4 | 101,9 | 796,5 | 824,8 | 103,6 | 796,5 | 824,8 | 103,6 | 907,6 | 923,3 | 101,7 | 907,6 | 923,3 | 101,7 |
| 14. Андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт | 377,7 | 331,7 | 87,8 | 377,7 | 331,7 | 87,8 | 475,3 | 476,8 | 100,3 | 475,3 | 476,8 | 100,3 | 680,4 | 682,2 | 100,3 | 680,4 | 682,2 | 100,3 |
| 15.Пардохти патент | 480,3 | 473,9 | 98,7 | 480,3 | 473,9 | 98,7 | 844,7 | 914,2 | 108,2 | 844,7 | 914,2 | 108,2 | 884,7 | 989,7 | 111,9 | 884,7 | 989,7 | 111,9 |
| 16. Дигар пардохтҳои хатмии маҳаллӣ | 249,5 | 209 | 83,8 | 249,5 | 209 | 83,8 | 660,8 | 587,4 | 88,9 | 660,8 | 587,4 | 88,9 | 848 | 878 | 103,5 | 848 | 878 | 103,5 |
| Ҳамагӣ: | 8710,2 | 8718,6 | 100,1 | 8265,7 | 8010,1 | 96,9 | 11449,2 | 11522,9 | 100,6 | 11008,6 | 11192,8 | 101,7 | 13828,6 | 14192,5 | 102,6 | 12934,3 | 13611 | 105,2 |

Даромади умумии буҷети ноҳия ба 16 намуди андоз асос ёфтааст. Даромади буҷети ноҳия сол аз сол меафзояд (нигаред ба ҷадвали таҳлилҳо). Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ба ҳисоби миёна ба қисми даромади буҷет маблағҳо бештар аз ҳисоби андози даромад аз ҳисоби шахсони воқеӣ 13,5 фоиз, аз андози ягона 13,5 фоиз, аз андоз аз фурӯши чакана 8,0 фоиз ва аз андоз аз арзиши иловашуда 6,9 фоиз ворид гардидааст. Ин андозҳо 41,9 фоизи даромади буҷети маҳаллиро ташкил медиҳанд. Аз рӯи иҷроиш, дар соли 2010-ум ба буҷети давлатӣ 14 млн 192,5 ҳазор сомонӣ мабалағҳо ворид гардидаанд, ки нисбат ба нақша 102,6 фоизро ташкил медиҳанд, ё ин ки ҳамагӣ аз нақша 2,6 фоиз ва ба ҳисоби мутлақ 405,8 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

**Ҷадвали №50. Таҳлили қисми хароҷоти буҷаи маҳалли ноҳияи Спитамен дар солҳои 2008-2010. (ҳазор сомонӣ)**

| Номгӯи хароҷотҳо | Соли 2008 | | | Соли 2009 | | | Соли 2010 | | | Фоизи иҷроиш | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Нақша | Иҷроиш | Фоизи иҷроиш | Нақша | Иҷроиш | Фоизи иҷроиш | Нақша | Иҷроиш | Фоизи иҷроиш | Соли 2010 нисбати 2008-ӯм сол | Соли 2010 нисбати 2009-ӯм сол |
| 1. Музди меҳнат ва ҳисаҷудокунии кордиҳандагон | | | | | | | | | | | |
| 1.1.1. Музди меҳнат ва маош | 5788994 | 5696308 | 98,4 | 7956281 | 7872283 | 98,9 | 8563717 | 8669325 | 101,2 | 2,83 | 2,3 |
| 1.2. Маблағҷудокунии кордиҳандагон | 1454142 | 1136772 | 78,2 | 2041719 | 1996508 | 97,8 | 2210172 | 2232376 | 101,0 | 22,83 | 3,2 |
| 1.2.3. Суғуртаи давлатӣ | | | | | | | | | | | |
| 2.1. Хариди молҳо ва хизматрасониҳо | | | | | | | | | | | |
| 2.1.1. Хароҷоти коргузорӣ. харидиі китобҳои дарсӣ, асбобҳои аёнӣ | 22206 | 13307 | 59,9 | 14942 | 13635 | 91,3 | 39238 | 36530 | 93,1 | 33,17 | 1,8 |
| 2.1.2. Хароҷотҳои коргузорӣ ва таҷҳизот | 29674 | 21404 | 72,1 | 18389 | 16775 | 91,2 | 46565 | 45690 | 98,1 | 25,99 | 6,9 |
| 2.1.3. Хароҷотҳои сафари хизматӣ | 26590 | 34855 | 131,1 | 19157 | 18407 | 96,1 | 47397 | 86085 | 181,6 | 50,54 | 85,5 |
| 2.1.4. Таҷхизотҳои мулоим ва пушока | 4089 | 4774 | 116,8 | 4670 | 3456 | 74,0 | 30390 | 39770 | 130,9 | 14,11 | 56,9 |
| 2.1.6. Хариди маҳсулоти хӯрокворӣ | 71454 | 85267 | 119,3 | 80806 | 80600 | 99,7 | 123331 | 127178 | 103,1 | -16,21 | 3,4 |
| 2.1.7. Масолеҳи сӯзишворӣ ва молиданӣ | 21812 | 23654 | 108,4 | 12982 | 12933 | 99,6 | 12047 | 16615 | 137,9 | 29,47 | 38,3 |
| 2.1.8. Иҷорапулӣ | 1650 | 2027 | 122,8 | 1674 | 1504 | 89,8 | 5800 | 25649 | 442,2 | 319,38 | 352,4 |
| 2.1.9. Хариди доруворӣ ва маводи ҷарохатбандӣ | 103806 | 99230 | 95,6 | 111472 | 110107 | 98,8 | 183910 | 182668 | 99,3 | 3,73 | 0,5 |
| 2.1.10. Хизмати мутахассисон барои иҷрои корҳо | 39856 | 110487 | 277,2 | 189274 | 188896 | 99,8 | 261179 | 262814 | 100,6 | -176,59 | 0,8 |
| 2.1.11. Дигар хароҷотҳо | 1840 | | | 2000 | 1842 | 92,1 | 629 | 656 | 104,3 | | 12,2 |
| 2.1.12. Хароҷотҳои намояндагӣ | 21096 | 37504 | 177,8 | 45793 | 45786 | 100,0 | 25584 | 68906 | 269,3 | 91,55 | 169,3 |
| 2.1.17. Молҳо ва хизматрасониҳое, ки ба дигар гурӯҳҳо дохил намешаванд | 15569 | 8385 | 53,9 | 3281 | 201 | 6,1 | 25343 | 28618 | 112,9 | 59,07 | 106,8 |
| 2.2. Пардохти хизмати | | | | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| *коммуналӣ* | | | | | | | | | | | |
| *2.2.1. Қувваи барқ* | *55511* | *52063* | *93,8* | *63638* | *61629* | *96,8* | *158321* | *156292* | *98,7* | *4,93* | *1,9* |
| *2.2.2. Газ* | *14254* | *10000* | *70,2* | *20843* | *20341* | *97,6* | *7065* | *7007* | *99,2* | *29,02* | *1,6* |
| *2.2.3. Гармӣ* | *24277* | *98887* | *407,3* | *26306* | *109903* | *417,8* | *175015* | *177078* | *101,2* | *-306,15* | *-316,6* |
| *2.2.4. Кашонидани партовҳо* | *1040* | *421* | *40,5* | *1477* | *833* | *56,4* | *5540* | *5649* | *102,0* | *61,49* | *45,6* |
| *2.2.5. Об* | *56791* | *54283* | *95,6* | *98008* | *96976* | *98,9* | *193690* | *192706* | *99,5* | *3,91* | *0,5* |
| *2.2.6.Хизмати коммуналӣ* | *1400* | | | *50* | | | *1011* | | | | |
| *2.3. Нигодорӣ ва таъмир* | | | | | | | | | | | |
| *2.3.1. Биноҳо ва иншоотҳо* | *343264* | *346901* | *101,1* | *304653* | *304606* | *100,0* | *181042* | *321118* | *177,4* | *76,31* | *77,4* |
| *2.3.2. Таъмири роҳҳо* | | | *0,0* | *80000* | *80000* | *100,0* | *500* | *10344* | *2068,8* | *2068,80* | *1968,8* |
| *2.3.3. Воситаҳои нақлиётӣ ва техникаи вазнин* | *11672* | *7149* | *61,2* | *12119* | *10214* | *84,3* | *17816* | *18156* | *101,9* | *40,66* | *17,6* |
| *2.3.4. Мебел ва таҷҳизот* | | | *0,0* | *1831* | *1286* | *70,2* | *15247* | *15357* | *100,7* | *100,72* | *30,5* |
| *2.3.5. Нигоҳдорӣ ва таъмир, ки барои дигар гуруҳҳо дохил на-мешаванд* | *38919* | *38919* | *100,0* | *101553* | *101479* | *99,9* | *31889* | *31889* | *100,0* | *0,00* | *0,1* |
| *2.4. Пардохти хизмати алоқа* | | | | | | | | | | | |
| *2.4.1. Хизмати алоқа* | *29163* | *33338* | *114,3* | *23896* | *23065* | *96,5* | *22352* | *26700* | *119,5* | *5,14* | *22,9* |
| *2.4.3. Хароҷоти почта* | *5092* | *2480* | *48,7* | *10544* | *10352* | *98,2* | *52292* | *52558* | *100,5* | *51,80* | *2,3* |
| *4.1. Субсидияҳо* | | | *0,0* | | | *0,0* | | | *0,0* | *0,00* | *0,0* |
| *4.1.3. Зарарҳои ҳаққи кор* | *50320* | *52286* | *103,9* | *89100* | *59497* | *66,8* | *145200* | *176546* | *121,6* | *17,68* | *54,8* |
| *4.4. Трансфертҳо ба аҳолӣ* | | | | | | | | | | | |
| *4.4.6. Пардохти ҷубронпулиҳои аҳолӣ* | *122320* | *122860* | *100,4* | *139064* | *118871* | *85,5* | *123133* | *119819* | *97,3* | *-3,13* | *11,8* |
| *4.4.7.Ёрии моддӣ* | *72710* | *72170* | *99,3* | *50381* | *50381* | *100,0* | *51455* | *69418* | *0,0* | *-99,26* | *-100,0* |
| *5.1. Маблаггузориҳои асосии марказонидашуда* | | | *0,0* | | | *0,0* | | | *0,0* | *0,00* | *0,0* |
| *5.1.1. Сохтмони нав* | | | *0,0* | | *10030* | *0,0* | | | *0,0* | *0,00* | *0,0* |
| *5.2. Харидани таҷҳизот, тех-ника, ки ба дигар гуруҳҳо дохил намешаванд* | | | | | | | | | | | |
| *5.2.1. Таҷхизотҳо, техника* | *27018* | *26128* | *96,7* | *50275* | *50310* | *100,1* | *235615* | *262279* | *111,3* | *14,61* | *11,2* |
| *5.2.2. Воситаҳои нақлиёт* | | | *0,0* | | | *0,0* | | *81744* | *0,0* | *0,00* | *0,0* |
| *5.2.3. Экспонатҳо* | | *7021* | | | | | | | | | |
| *5.2.5. Фонди китобхона* | | | | | | | | | | | |
| *Ба фонди стабилизионии вазо-рати молия* | | | | | | | | | | | |
| *Ҳамагӣ:* | *8456529* | *8198880* | *97,0* | *11576178* | *11472706* | *99,1* | *12992485* | *13547540* | *104,3* | *7,32* | *5,2* |

Қисми зиёди хароҷоти буҷети маҳаллӣ ба ду соҳаи иҷтимоӣ - 71,2 фоиз ба соҳаи маориф ва 16,9 фоиз ба соҳаи тандурустӣ равона шудааст. Хароҷотҳо барои соҳаи маориф ва тандурустӣ, қисмати аз ҳамаи калони буҷети маҳаллиро ташкил медиҳанд ва далели характери иҷтимоӣ доштани буҷет мебошанд.

Сохтори хароҷот бо гурӯҳбандии иқтисодӣ дар соли 2010-ум, асосан аз 64,6 фоиз барои пардохти музди меҳнат ва 16,5 фоиз барои суғуртаи давлатӣ ҷудо мегардад. Барои дигар чорабиниҳо бошад, ҳамагӣ 18,9 фоизи маблағҳо равона гардиданд. Барои рушди минбаъдаи ноҳия, барои пешгирии ҳолатҳои фавқуллодда ва дигар хароҷотҳо, дар буҷети маҳаллӣ маблағҳо пешбинӣ нашуда бошад ҳам, ҳалли ин масъалаҳо, аз барзиёд иҷрошавии қисми даромади буҷети маҳаллӣ амалӣ карда мешаванд. Эҳтимолияти таъмин намудани чорабиниҳои дар Барномаи мазкур банақшагирифташуда, танҳо аз ҳисоби барзиёд иҷро гаштани қисми даромади буҷети ноҳия, фонди захиравии Раиси ноҳия ва аз ҳисоби дарёфти дигар манбаъҳои маблағгузорӣ амалӣ мегардад.

Тибқи Барномаи мазкур кишоварзӣ барои ноҳия соҳаи афзалиятнок маҳсуб меёбад, вале таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳиссаи маблағгузорӣ ба ин соҳа аз буҷети ноҳия сол аз сол коҳиш ёфта истодааст.

Манбаъҳои асосии маблағгузории лоиҳаҳои Барномаи мазкур, қисман аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ, буҷети ҷумҳуриявӣ, сармояи ташкилотҳои хориҷӣ, маблағҳои соҳибкорони ватанӣ, ҳиссаи шаҳрвандон ва дигар кӯмакҳои беруна ба ҳисоб мераванд.

### *2.5.2. ЗАХИРАҲОИ БЕРУНӢ*

Барои татбиқи лоиҳаҳои барномаи мазкур, МИҲД ноҳия маблағҳои сармоявии иловагии дохилӣ ва беруниро ҷалб менамояд.

Дар тӯли солҳои охир, дар ноҳия дар доираи лоиҳаҳое, ки аз ҷониби ташкилотҳои байналхалқӣ дастгирӣ ёфтаанд, як қатор корҳо татбиқ гашта истодаанд, аз ҷумла дар доираи:

- Лоиҳаи «Тандурустии ҷамоавию асосӣ» ба маблағи 1972 ҳазор доллари ИМА, бо маблағгузории Бонки Ҷаҳонӣ.
- «Таҷдиди соҳаи маориф» ба маблағи 2111 ҳазор доллари ИМА, бо маблағгузории Бонки Ҷаҳонӣ.
- «Барқарорсозии низомҳои ирригатсионӣ» ба маблағи 4124 ҳазор доллари ИМА, тавассути маблағгузории Бонки Осиёии Рушд, ҳаҷми зиёди корҳо иҷро гардиданд.

Бо маблағгузории ташкилоти байналхалқии Ҳайати Шафқат дар ноҳияи Спитамен лоиҳаҳои зерин амалӣ гардиданд:

- «Барқарорсозии чоҳҳои ирригатсионии ҷамоати Қумқурғон» ба маблағи 154 ҳазор сомонӣ.
- «Барқарорсозии низоми таъминоти оби нӯшокии ҷамоати Нов» ба маблағи 124 ҳазор сомонӣ;
- «Барқарорсозии чоҳҳои ирригатсионении ҷамоати Ҷарқурғон» ба маблағи 97,2 ҳазор сомонӣ.

Бо маблағгузории ташкилоти байналхалқии АКТЕД дар ноҳия лоиҳаҳои зерин татбиқ гардиданд:

- «Корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ ва ҳимоявӣ дар канали ирригатсионӣ ва қитъаҳои наздиҳавлигӣ дар ҳудуди ноҳияи Спитамен» ба маблағи 23,7 ҳазор сомонӣ;
- «Сохтмони гузаргоҳи бетонӣ дар наҳри марказӣ» ба маблағи 19,2 ҳазор сомонӣ;
- «Корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар ҷамоати Оқтеппа» ба маблағи 29,8 ҳазор сомонӣ.

## 2.5.3 Стратегия ва вазифаҳо оид ба беҳтар намуданиидоракунии раванди рушд

**Ҷадвали №51**

| Мақсад | Вазифаҳо | Чорабиниҳо | Арзиш | Солҳо | | | | | Манбаи маблаггузорӣ | Натиҷаҳои пешбинишуда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | | |
| Баланд намудани сатҳи иқтидори захиравии ноҳия бо мақсади идоракунии рушди устувор | 1.Беҳтар намудани шароити фаъолияти мутахассисони дастгоҳи маркази ноҳия ва ҷамоатҳо | 1.1.Гузаронидани таъмири ҷории бинои маъмурии дастгоҳи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия | 285 | | | | 150 | 135 | Буҷети маҳаллӣ | Фоизи кормандони МИҲД ва дастгоҳи идоракунии ҷамоатҳо бо техникаи компютерӣ ва таҷҳизотҳои лозимӣ (85% то соли 2016 ) Шумораи ҷамоатҳои ба шабакаи ИНТЕРНЕТ пайвастгардида (100% то соли 2016) Шумораи ҷамоатҳои бо базаи ягонаи электронии маълумотҳои оморӣ таъмингардида (100% то соли 2016) Шумораи кормандони дар курсҳои омӯзишии компютерӣ омӯзонидашуда. |
| | | 1.2.Харидорӣ намудани техникаи компютерӣ барои раёсат ва шӯъбаҳои МИҲД | 75 | 15 | 15 | 15 | 15 | 15 | Буҷети маҳаллӣ | |
| | | 1.3.Таъмин намудани дастрасии кормандони дастгоҳи МИҲД ба шабакаи ИНТЕРНЕТ | 50 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | | |
| | | 1.4.Ҳар сол ба 2 мутахасиси ҷавони МИҲД пешниҳод намудани қитъаи замин | 40 | 8 | 8 | 8 | 8 | 8 | | |
| | | 1.5.Таъмин намудани дастрасии кормандони ҷамоатҳои ноҳия ба шабакаи ИНТЕРНЕТ (Харидорӣ намудани модем) | 20 | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | Буҷети маҳаллӣ | |
| | | 1.6.Ташкил намудани курсҳои омӯзиши техникаи компютерӣ оиди истифодаи барномаҳои Windows, Word, Excel барои кормандони МИҲД | 35 | 7 | 7 | 7 | 7 | 7 | | |
| | | 1.7.Таҳияи базаи ягонаи маълумотҳои омории ноҳия ва тайёр намудани қонун ва санадҳои меъёрӣ барои кормандони МИҲД | 55 | 11 | 11 | 11 | 11 | 11 | Буҷети маҳаллӣ | |
| | 2.Беҳтар намудани фазои инвеститсионии ноҳия. | 2.1Ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо тарафҳои манфиатдор. | 5 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | | |
| | | 2.2Баргузор намудани семинар оид ба масоили «Таҳияи лоиҳаҳои инвеститсионӣ» дар асоси талаботи донорҳо ва тарҳрезии лоиҳаҳои инвеститсионӣ. | 10 | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | Буҷети маҳаллӣ | Ҳаҷми маблағҳои сармоявии барои татбиқи барномаи рушди ноҳия ҷалбгашта Шумораи чорабиниҳои аз ҳисоби сармояи хориҷии ҷалбшуда татбиқгардида |
| | | 2.3.Таҳия намудани базаи маълумотҳо оид ба донорҳо, аниқ намудани соҳаи фаъолияти онҳо, афзалиятҳо ва стратегияи донорҳо. | 5 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | | |
| | | 2.4.Ташкил намудан ва омӯзонидани «фондрезинг» бо мақсади ҷалби маблағҳои иловагӣ. | 5 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | Буҷети маҳаллӣ | |
| Ҳамагӣ : | | | **585** | **60** | **60** | **60** | **210** | **195** | | |

***Таъминоти молиявии БРН***

Барои ҳаллу фасли мушкилиҳои ҳаллашон афзалиятноки ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳия дар доираи БРН - **225416,3** ҳазор сомонӣ маблағ лозим мебошад.

***Ҷадвали №52. Арзиши БРН Спитамен барои солҳои 2011-2015 аз рӯи соҳаҳо***

| *Соҳаҳо* | *Ҳамагӣ, (ҳазор сомонӣ)* | *2011* | *2012* | *2013* | *2014* | *2015* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ***Иқтисодиёт*** | *50289,9* | *16170* | *3780* | *7060* | *11995* | *11184,9* |
| • *Кишоварзӣ* | *5920* | *20* | *320* | *1030* | *2070* | *2380* |
| • *Саноат* | *23500* | *7500* | *1400* | *5300* | *4500* | *4800* |
| • *СХМ* | *20869,9* | *8650* | *2060* | *730* | *5425* | *4004,9* |
| ***Соҳаҳои иҷтимоӣ*** | *22773,2* | - | *1091,4* | *2719,8* | *7702* | *11460* |
| • *Маориф* | *11601,9* | - | *229,9* | *1415* | *4507* | *5450* |
| • *Тандурустӣ* | *3110* | - | *350* | *425* | *825* | *1510* |
| • *Ҳифзи иҷтимоӣ* | *580,5* | - | *90,5* | *170* | *170* | *150* |
| • *Фарҳанг, фарогат ва варзиш* | *7480,8* | - | *421* | *709,8* | *2200* | *4350* |
| ***Инфрасохтор*** | *147300,4* | - | *6102,3* | *114593,7* | *50255,5* | *53348,6* |
| • *ХМК ва обтаъминкунӣ* | *135221,6* | - | *5608,7* | *109706,4* | *46191,1* | *50715,2* |
| • *Барқтаъминкунӣ* | *2900* | - | *400* | *500* | *1000* | *1000* |
| • *Нақлиёт ва роҳ* | *9178,8* | - | *93,6* | *4387,3* | *3064,4* | *1633,4* |
| ***Бехатарии муҳити зист ва ҲФ*** | *4467,8* | - | *340,5* | *1600* | *1400* | *1027,3* |
| ***Блоки идоракунӣ*** | *585* | *60* | *60* | *60* | *210* | *195* |
| ***Арзиши умумии БРН*** | *225416,3* | *16230* | *11374,2* | *126033,5* | *71562,5* | *77215,8* |

***Ҷадвали №53. Гурӯҳбандии арзиши БРН Спитамен аз рӯи манбаъҳои маблаггузорӣ***

| *Сарчашмаҳои маблаггузорӣ* | *Ҳамагӣ, (ҳазор сомонӣ)* | *% аз буҷети умумӣ* | *2011* | *2012* | *2013* | *2014* | *2015* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ***Буҷети маҳаллӣ*** | *4746* | *2,1%* | *60* | *933,7* | *872,3* | *1335* | *1545* |
| ***Буҷети вилоятӣ*** | *22642,6* | *10,04%* | - | *32,8* | *4367,8* | *7542* | *10700* |
| ***Буҷети ҷумҳуриявӣ*** | *71173,9* | *31,57%* | *20* | *5100* | *94200* | *23334,9* | *25419* |
| ***Сармояи хориҷӣ*** | *1915* | *0,84%* | - | *76,2* | *476,2* | *556,2* | *706,2* |
| ***Маблагҳои соҳибкорон, х/д ва аҳолӣ*** | *42007,1* | *18,63%* | *16150* | *3515* | *5832,2* | *9120* | *7389,9* |
| ***Эҳтиёҷот ба маблаг*** | *82931,7* | *36,79%* | - | *1716,5* | *20285* | *29674,4* | *31455,7* |
| ***Ҳамагӣ:*** | *225416,3* | *100%* | *16230* | *11374,2* | *126033,5* | *71562,5* | *77215,8* |

Таҳлил нишон медиҳад, ки аз маблағи умумии лоиҳаҳои дар барномаи рушди ноҳияи Спитамен пешбинигардида, 36,79% чорабиниҳои БРН манбаи маблағгузорӣ надоранд. Ин омил, эҳтимолияти ба ҳадафҳои стратегии гузошташуда расиданро кам менамояд.

***Мушкилотҳо дар бахши мобилизатсияи захираҳо.*** Қобили зикр аст, ки дар бахши мазкур ҷиҳати таъмини маблағгузории лоиҳаҳо ва чорабиниҳое, ки манбаи маблағгузорӣ надоранд ТҒД-и маҳаллӣ иқтидори кофии таҳияи лоиҳаҳои инвеститсиониро мутобиқи шартҳо ва талаботҳои донорҳо ва ташкили раванди фондрейзингро надоранд. Инчунин, омилҳои мавҷуд набудани қарзҳои имтиёзноки камфоиз, сатҳи пасти маълумотнокӣ оиди донорҳо ва афзалияту стратегияҳои фаъолияти онҳо, номутобиқатии фазои сармоягузорӣ, номутобиқатии сатҳи ҷамъоварии андозҳо, иқтисодиёти пинҳонӣ ва коррупсия таъсири манфӣ мерасонанд.

# БОБИ 3.
# НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ

Яке аз унсурҳои муҳими низоми идоракунии татбиқи барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Спитамен, низоми мониторинг ва арзёбӣ мебошад. Он барои мушоҳидаи ҷараёни корҳо ва таҳлили натиҷаҳои бадастомадаи Барнома, ошкор намудани таҷрибаи мусбии андӯхта ва проблемаҳои мавҷуда дар татбиқи он истифода бурда мешавад.

Низоми мониторинг ва арзёбӣ имкон медиҳад, ки робитаи мутақобила ва муттасил дар сиёсати қабулнамуда ва натиҷаҳои татбиқи амалии он таъмин гардад.

Гурӯҳи мониторинг ва арзёбӣ бо қарори Раиси ноҳия таъсис дода шуда, аз 5-7 аъзо иборат мебошад (мутахассисони соҳавӣ ва кормандони масъули мақомоти маҳаллии ноҳия). Гурӯҳи мониторинг ва арзёбиро Раиси ноҳия ё яке аз муовинони он сарварӣ мекунад.

Бо қарори мазкур барои гузаронидани мониторинг ва арзёбии Барномаи рушди ноҳия - сардори шӯъбаи иқтисод шахси масъул таъйин карда мешавад.

Раиси ноҳия фармоиши махсус мебарорад, ки нусхаи ҳисоботи семоҳаи ҳамаи лоиҳаҳои дар БРН дохилшуда барои ҳисобот ба шӯъбаи иқтисод пешниҳод шавад.

Муҳим аст, ки давра ба давра малака ва дониши аъзои гурӯҳи мониторинг ва арзёбӣ баланд бардошта шавад.

### 3.1. Сохтори низоми мониторинг ва арзёбӣ

Барои мониторинги Барномаи рушди ноҳия мушоҳидаи омилҳои зерин зарур мебошад:

- то кадом андоза ҳадафҳои Барнома амалӣ шуда истодаанд;
- дар доираи Барнома, лоиҳаҳо чӣ гуна амалӣ шуда истодаанд.

Ба ифодаи дигар, бояд мониторинги натиҷаҳои нақша (дар ин ҷо сухан дар бораи натиҷаҳои Барнома дар маҷмӯъ меравад, на натиҷаҳои лоиҳаҳои ҷудогонаи он) ва мониторинги ҷараёни татбиқи лоиҳаҳо гузаронида шавад.

Мутаносибан низоми мониторинг бояд ду унсурро дар бар гирад.

*Мониторинги натиҷаҳои нақша* бо роҳи ченкунии аҳамияти индикаторҳо анҷом дода мешавад. Мутаносибан, муваффақшавии ҳадафҳои нақшаро аз рӯи он мулоҳиза намудан мумкин аст, ки то кадом андоза мақсадҳои нишондиҳандаҳо ба даст омадаанд. Ҳамаи нишондодҳои пешниҳодгардида дар хазинаи маълумотҳои Раёсати оморӣ ноҳия мавҷуданд. Мониторинги натиҷаҳо ҳар сол гузаронида мешавад.

*Мониторинги иҷрои лоиҳаҳо* дар доираи Барнома, тавассути параметрҳои зерин гузаронида мешавад: назорати ҷойгоҳи лоиҳа ва мувофиқат намудани он бо барнома. Дар ин маврид ҷадвали электронӣ бо формати Excel таҳия мешавад ва бояд ҳар семоҳа ба таври синхронӣ ва бо ҳисоботнокии лоиҳаҳо тасҳеҳ карда шавад.

Азбаски сатҳи коркарди лоиҳаҳои БРН гуногун аст, он дар таҳияи низоми мониторинг ба назар гирифта шудааст. Лоиҳаи ба Барнома дохилкардашуда метавонад 5 ҷойгоҳ дошта бошад. Инчунин, он метавонад тамоман таҳия нашуда ва ҳоло дар марҳилаи таҳия қарор дошта бошад, лекин дар Барнома номи он зикр гардидааст. Лоиҳахое низ ҳастанд, ки пурра таҳия шудаанд, вале аз сабаби набудани маблағ ё дигар омилҳо татбиқи онҳо оғоз нагардидааст. Инчунин лоиҳахое ҳастанд, ки дар арафаи анҷомёбӣ қарор доранд ва лоиҳахое мавҷуданд, ки онҳо аллакай иҷро шудаанд. Шахсе, ки ҷадвали мониторингро пур мекунад, бояд рақамҳои 1 то 5-ро вобаста ба ҷойгоҳи воқеии лоиҳа гузорад (ҷадвали 1).

*Мониторинг ва арзёбӣ иҷрои лоиҳаҳоро ба чор гурӯҳ ҷудо мекунад: «ҳамааш хуб»; «номувофиқатӣ дорад», «номувофиқатии ҷиддӣ дорад», «лоиҳа амалӣ нашудааст».*

***Ҷадвали №1 Тартиби пур кардани ҷадвали мониторинги лоиҳаҳои барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Спитамен***

| *Ҷойгоҳи лоиҳа (рақам аз 1 то 5)* | *Иҷрои лоиҳа нишонгузории ҳарфӣ-рангӣ: а-сабз б-кабуд в-сурх г-хокистарранг* |
|---|---|
| *1. Таҳия нашудааст<br>2. Мавриди таҳия қарор дорад<br>3. Таҳия шудааст<br>4. Амалӣ шуда истодааст<br>5. Амалӣ шудааст* | *(а) Ба нақша мувофиқ аст ё тамоюли назаррас надорад<br>(б) Тамоюли назаррас ба нақша<br>(в) Тамоюли қатъӣ ба нақша<br>(г) Лоиҳа амалӣ нашуда истодааст.* |

Дар охири сол ҳангоми зарурият арзёбии чораҳои андешидашуда ва лоиҳаҳо дар яке аз соҳаҳои барнома бо назардошти захираҳои мавҷуда ва талаботи иттилоотӣ гузаронида мешавад. Арзёбии таъсиррасонӣ аз ҷониби мутахассисони соҳавӣ ва мустақил (коршиносон/экспертҳо), ки ҳолати бахши мазкурро хуб медонанд, гузаронида мешавад.

**Дар таҳияи барномаи рушди ноҳия кӯмаки машваратӣ ва методӣ расонидаанд:**

***Олимов М.О.*** *– мутахассиси БРСММ оид ба алоқамандии буҷет ва банақшагирӣ;*

***Деҳқонов Ҷ.М.*** *– мутахассиси БРСММ оид ба банақшагирӣ;*

***Ҳакимов Х.Р.*** *– мушовири миллӣ дар БРСММ;*

***Норов А.Қ.*** *– мушовири миллӣ дар БРСММ;*

***Раҳмонов З.Э.*** *– мушовири миллӣ дар БРСММ;*

***Ҳамидов С.Ғ. –*** *Сардори шӯъбаи рушди минтақаҳо, Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ**;***

***Абдуллоев М.Р.*** *– сармутахассиси Шӯъбаи рушди минтақаҳо, Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ;*

Ба чоп 3.09.2012 имзо шуд.
Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 9,75. Ҳуруфи адабӣ.
Адади нашр 30.

ОПЕРАТИВНАЯ ПОЛИГРАФИЯ КОНТРАСТ

Дар ҶДММ «Контраст» чоп шудааст
ш. Душанбе, к. Н. Муҳаммад, 26